# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА
## РАЁСАТИ ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

## Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони

# «ЗАНОН ВА РУШДИ ИЛМИ МУОСИР»
## бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм 10-феврали соли 2023



**Данғара-2023**

УДК: 37.014 (575.3)

Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ тахти унвони “Занон ва рушди илми муосир” бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм. Данғара 10 феврали соли2023: -Душанбе, «Мулквар», 2023. -88 с.

Материалы научной республиканской конференции “Женщины и развитие современной науки” посвященной Международному женскому дню. Дангара 10 февраля 2023 г.: -Душанбе, «Мулквар», 2023. -96 с.

**Зери назари**

**Шоҳиён Нуралӣ Набот** – номзади илмҳои техникӣ, доктори илмҳои педагогӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Ҳайати тахририя**

| | | |
|---|---|---|
| **Тағозода С.Э.** | – | муовини ректор оид ба инноватсия ва таҳсилоти фосилавӣ, н.и.х., дотсент; |
| **Пирхонова Қ.** | – | котиби Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара, н.и.ф., и.в.профессор; |
| **Ғафурова Д.Ҷ.** | – | декани факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психология, н.и.п., и.в.дотсент; |
| **Тағоева Х.Э.** | – | мудири кафедраи биология ва биотехнология, н.и.б., и.в.дотсент; |

Дар маҷмуа маърӯзаҳои илмии ҳайати профессорону омӯзгорон ва унвонҷӯёни Донишгоҳи давлати Данғара, инчунин олимони дигар макотиби олии кишвар гирд оварда шудааст. Мақолаҳо паҳлуҳои гуногуни масоили илмиро дар бар мегиранд. Маҷмуа барои кормандони илмӣ, омӯзгорон аспирантон, магистрантон ва донишҷӯёни макотиби олии кишвар тавсия мешавад.

Масъулияти муҳтавои илмӣ, далелҳо, иқтибосҳо ба зиммаи худи муаллифони мақолаҳо аст.

В сборнике собраны все научные доклады профессорско-преподавательского состава и магистрантов Дангаринского государственного университета, в том числе ученых из других высших учебных заведений. Сборник рекомендуется для научных работников, преподавателей, аспирантов, магистрантов и студентов высших учебных заведений.

Ответственность за научность, обоснование и заимствования возлагается на авторов статей.

**© Донишгоҳи давлатии Данғара, 2023**

# ПЕШГУФТОР

***«Нақш ва мақоми зан-модар дар ҳаёти ҷомеаи башарӣ ниҳоят бузург аст. Беҳуда нест, ки нобиғаҳои олам дар назди зан сари таъзим фуруд оварда, таъкид кардаанд, ки зан-модар офаридаи ҳаёт, эҳёгари зиндагӣ ва илҳомбахши рӯзгори мо мебошад. Занону модарон – нигини тоҷи миллатанд».***

***Эмомалӣ Раҳмон***

22 декабри соли 2015 дар 81-ум пленуми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қатънома A/RES/70/212 (link is external) қабул шуд, ки дар он 11 феврал хамчун Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар соҳаи илм эълон гардид. Мақсад аз ин қатънома, таъмини дастрасии комил ва баробарии занон ва духтарон дар самти илм мебошад.

Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Академияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ бахшида ба 11-уми феврал-«Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар илм» ҳамасола конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ тахти унвони «Сахми занон дар рушди илм»-ро бо шаҳомати хоса баргузор менамоянд. Қишри зиё оид ба фаъолияти илмии занону бонувони кишвар, ки дар рушди илми муосири тоҷик саҳми назаррас мегузоранд, маҷмуаи мақолаҳо ва дастурҳои методиро чоп намуда, барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон манзур мегардонанд.

Дар заминаи фармонҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони истиқлолият чандин стратегия, барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрию-ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки фаъолнокии занону бонувонро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт арзёбӣ намуда, масъалаҳои баланд бардоштани накши занон дар ҷомеа, соҳибкасбу соҳибдониш гардидани онҳо, ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъйин гардидани занону духтарони лаёқатмандро дар бар мегирад.

Бошукргузориҳои зиёд аз соҳибистиқлолии кишвари азиз тинҷию оромӣ ва фазои осуда мо занони кишвар ба Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдорӣ менамоем, ки барои занони дар соҳаи илм тамоми шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудааст.

Имрӯз занҳо метавонанд дар ҳама соҳаҳо пешбарандаи ҷомеа бошанд. Занону бонувони лаёқатманд ва соҳибкасбу баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлат торафт бештар ҷалб гардида, дар рушди соҳаи илму маориф ва тандурустии мамлакат торафт рӯ ба афзоиш доранд.

Сахми занони Донишгохи давлатии Дангара дар рушди неруи зехнӣ ва инноватсионӣ аз нигохи масъалагузорихои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назаррас буда, шумораи зиёди духтарони деҳотӣ дар зинаҳои магистратура, аспирантура ва докторантура ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ фаро гирифта шудаанд. Онҳоро ояндаи нек интизор буда, пас аз хатм бахри хизмати содиқона ба ватани хеш камари ҳиммат мебанданд.

*“Мо ба қувваи бузурги занон эътимод дорем ва ба онҳо такя мекунем…”. Эмомалӣ Раҳмон*

***Тағозода С.Э.***

# РОҲ ВА УСУЛҲОИ БЕҲДОШТИ ИСТИФОДАИ ОБ ДАР ҶӮЙҲО ВА ДАРЁЧАҲОИ ДАР ҲУДУДИ ДЕҲОТ ҶОЙДОШТА

**Тағоева Х.Э., Тағозода С.Э., Саидов С.**
**Донишгоҳи Давлатии Данғара**

Зи ҷӯйе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,
Набояд фикандан дар он сангу хок.

Мақсади «Даҳсолаи байналмилалии амал - *«Об барои рушди устувор, 2018-2028»* эълон кардани Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Созмони Милали Муттаҳид бо дастгирии 177 давлати дунё низ ғамхорӣ баҳри халқ аз норасоии об буд ва ҳаст. Инак, моро зарур аст, ки обро оқилона, дурбинона, самаранок ва покиза нигоҳ дорем.

Об дар раванди таъминоти рушду устувории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзу нигоҳдории захираҳои табиат, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, таъминоти аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, амнияти экологии кишварро таъмин менамояд. Дар ҳавзаҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамасола захираҳои зиёди об, тавлид мегардад, ки ин ба равандҳои биокимиёвӣ, биологӣ, биофизикавӣ, гардиши моддаҳо дар табиат, нақши муҳимро мебозад. Бояд, қайд намуд, ки солҳои охир таъсири антропогении инсон ва тағйирёбии иқлим бештар ба сифати оби дарёву ҷӯйҳо ба назар расида истодааст.

*Бо ма*қсади вусъат бахшидан ва бо дар назардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021-р*о сол*ҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карданд. Зеро беш аз 73 фоизи аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Гарчанде солҳои 2019-2021 ҳамчун “Соли рушди деҳот” эътироф гардида бошад ҳам, дар деҳот мушкилоти зиёде ниёз ба аҳамияти ҷиддии масъулин доранд. Бо таъсири партовҳои саноатӣ ва иҷтимоию тандурустӣ, ҳолатҳои заҳролудшавии захираҳои об дар ҷӯйҳо ва дарёчаҳои ҳудуди деҳот солҳои охир зиёд гардида истодааст.

Об яке аз чаҳор унсури муҳими табиат дар радифи хоку боду оташ буда, асоси пойдории оламу одам мебошад. Ҳангоми омадани хушксолӣ шахсиятҳои бузург ва ихтирокорони беҳамто низ об ихтироъ нахоҳанд кард. Аз ин хотир суоле ба миён меояд, ки мо ба қадри об чӣ гуна бояд расем ва онро чӣ тавр покиза нигоҳ дорем?

*Дар шароити имрӯза ҳам дар шаҳру ҳам дар деҳот масъалаи муомилот бо партовҳо ба мушкилоти рӯз табдил ёфтааст.* Яке аз омилҳои асосие, ки ба ифлосшавии дарёву ҷӯйҳо сабабгор мешавад, ин моддаҳои кимиёвӣ ё

микроорганизмҳо буда, сифати обро паст мекунад ва онро барои одамон ё муҳити зист заҳролуд мекунад. Ифлосшавии об метавонад боиси мушкилоти саломатии одамон, ба монанди саратон ё бемориҳои дилу рагҳо ва муҳити зист гардад.

Ба ифлоскунандаҳои асосии об бактерияҳо, вирусҳо, паразитҳо, нуриҳо, пеститсидҳо, нитратҳо, фосфатҳо, пластмассаҳо, партовҳои наҷосат ва ҳатто моддаҳои радиоактивӣ дохил мешаванд.

Аксар вақт деҳаҳое, ки дар наздикии дарёчаҳо ва ҷӯйҳо вокеъ гардидаанд, одамон истироҳат мекунанд, моҳидорӣ мекунанд, оббозӣ мекунанд ва партовҳоро баъди худ партофта мераванд. Ғайр аз ин баъзе бошандагони деҳаҳо партовҳои хоҷагии (хокистар, саргини чорво, хасрубаҳо) худро ба оби ҷӯй ва дарёчаҳои дар шафати деҳот буда мепартоянд. Дар натиҷа партовҳо (шишаҳои пластикӣ, халтаҳои полиэтиленӣ, бастаҳои хӯрокворӣ) манбаи ифлосшавии об мешаванд. Ин партовҳо намепусанд ва ба воситаи шамол ба атроф паҳн гашта ба об меафтад. Гумон меравад, ки партовҳои саноатӣ оби дарёҳоро ифлос мекунанд, аммо собит шудааст, ки партовҳои маишӣ аз ҳама хатарноканд. Ин партовҳо на ҳамеша ранги обро тағйир медиҳанд, яъне онҳо аксар вақт ифлоскунандаи ноаён мебошанд. Партовҳо оҳиста-оҳиста сифати обро паст карда, организмҳои обиро нобуд месозанд ва ҳодисаҳои тез-тез сар задани бемориҳои тавассути об гузаранда, ки ба саломатӣ хатари бузург эҷод мекунанд, мушоҳида мешаванд.

**Таъсири ифлосшавии об:**

- ✓ вайроншавии занҷири ғизо;
- ✓ камшудани оби нӯшокӣ;
- ✓ фавти кӯдакон вобаста ба бемориҳои сироатӣ;
- ✓ нобудшавии организмҳои обӣ;
- ✓ аз байнравии экосистема;
- ✓ таъсири иқтисодӣ;

**Бемороиҳое, ки тавасути оби ифлосшуда мегузарад**

Сирояти рӯда. Аксар вақт, тавассути оби олудашуда, касалиҳои сирояти рӯда ба амал меояд. Барангезандаи ин бемориҳо бактерияҳо, аниқтараш *энтеробактерияҳо* мебошанд. Ин бактерияҳо дар рӯдаҳо энтеротоксинҳоро ҷудо мекунанд, ки боиси заҳролудшавӣ ва дарунравӣ, дарди шикам мешаванд. Махсусан бактерияҳои E. coli барои кӯдакони хурдсол хатарнок аст ва метавонад дар об якчанд ҳафта зиндагӣ кунад. Дар оби ҷӯшомада нобуд мешавад.

Домана, паратиф, салмонеллез. Ин бемориҳои сироятӣ аз намудҳои гуногуни *Салмонелла* ба вуҷуд меоянд. Бактерияҳо рӯдаи борикро сироят карда, боиси заҳролудшавии шадид, табҳои баланд мешаванд.
*Салмонелла* метавонад дар оби дарё тақрибан шаш моҳ зиндагӣ кунад, ҳангоми ях кардан ё хушк шудан намемирад. Онҳоро бо оби ҷӯшонидашуда ё хлорнок кардан нобуд кардан мумкин аст.
Дизентерия. Барангезандаи ин бемории руда бактерияи *шигелла* мебошад. Бактерияҳои дизентерия дар рӯдаи ғафс ҷойгир шуда, токсинҳоро ҷудо мекунанд, ки луобпардаи рӯдаро ба захмҳои хун оварда мерасонад. Ин аст, ки ба бемории дизентерияро исҳоли хунин ва дарди шадиди шикам меноманд. Дар оби тоза *шигелла* метавонад 3 моҳ зиндагӣ кунад. Ҳангоми ҷӯшидани об дарҳол мемирад.

Лептоспироз. Ин як бемории сироятии маъмулии "об" аст, ки дар натиҷаи ба обҳои ошомидани афтидани баъзе намуди хояндагон махсусан каламуш мебошад. Барангезанда *Leptospira spirochete* мебошад. Шахс метавонад ҳам ҳангоми нӯшидани оби лептоспира ва ҳам ҳангоми шиноварӣ дар ҳавзи "ифлос" сироят ёбад. Лептоспироз бемории марговар буда, ҷигар ва гурдаҳо осеб дида, зардшавии пӯст, сафедаҳои чашм, луобпардаҳо мушоҳида мешавад ва аз биниву рӯда хунравӣ ба амал меояд.

Лептоспираҳо ба хунуки хеле устуворанд, дар дарё онҳо метавонанд то 5 моҳ зиндагӣ кунанд. Онҳо ба нури офтоб тоб оварда наметавонанд ва бо баланд шудани ҳарорат то 30 дараҷа мемиранд.

Ташкил намудани чунин чорабиниҳои оммавӣ ба ташаккул додани ҷаҳонбинӣ ва маданияти экологӣ, муносибати ҷиддӣ нисбат ба мушкилоти партовҳо мусоидат менамояд:

-роҳ ва усулҳои беҳдошти истифодаи об дар ҷӯйҳо ва дарёчаҳо;

- тоза ва озода нигоҳ доштани ҳудуди деҳот ;

- баланд бардоштани маърифати экологӣ;

- пешгири намудани бемориҳои сироятии ба воситаи об паҳншаванда;

- интихоб ва шинонидани дарахтони ороиши дар шафати ҷӯйҳо ва дарёчаҳо;

- ташкил намудани қутии партов;

- ташкил намудани гуруҳи сайёр дар деҳаҳо аз ҳисоби донишҷӯён барои бурдани корҳои ташвиқотӣ;

- ташкил намудани озмунҳои “Тозагӣ гарави саломатӣ”;

- гузаронидани аксияҳои “Тозагии соҳил” ;

- коркарда баромадани дастурҳои методӣ оид ба баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ;

- ташкил намудани семинарҳои озмоишӣ;

Ҳадафи асосии таълиму тарбияи экологӣ аз он иборат аст, ки аҳолиро ба омӯзиши масъалаҳои муҳимми экологӣ ҷалб намуда, дар ботини ӯ бояд нисбат ба олами набототу ҳайвонот, обу хок, ҳавою табиати зебоманзари маҳали худ муносибати дилсӯзонаро ташаккул дода, ба ин васила, барои наслҳои оянда муҳити зисти тоза ва манзараву мавҷудоти бенуқсон боқӣ гузорем.

Мо соҳиби як дунёем, дунёе, ки 9 миллион аҳоли дорад. Мо бо роҳҳои гуногун партов истеҳсол мекунем, аз энергия баҳравар мешавем, аз об ва ҳаво истифода мебарем. Вале баъзан дар истифодаи замин, об ва ҳаворо ифлос мекунем. Мо бояд нисбати табиат маърифати баланди экологиро ба ҷо оварда бо дунёе, ки дар он зиндаги мекунем, бо обе, ки онро менушем, бо ҳавое, ки аз он нафас мекашем ҳаёти мутобиқ ба сар барем. Барои ислоҳ кардани хислатҳои бад ҳеч гоҳ дер нест, вале осонтар он аст, ки онҳоро дар кӯдаки иваз намоем.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ 73 фоизи аҳолии кишварамон дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Гузаштагони мо тавонистан зебогии куҳу теппаҳо, тозагии дарёву кӯлҳо, тозагии маҳали зист, боигарии зеризаминӣ ва бешазорҳоро нигоҳ доранд. Онҳо ҳамаи ин боигариҳоро ба мо мерос мондан, то ки мо ҳам аз онҳо самаранок истифода барем ва ба наслҳои оянда мерос гузорем.

Ба маврид аст, ки усулҳои тарбияи экологи дар муҳити оила, кӯдакистон, мактаб, донишгоҳҳою донишкадаҳо ва корхонаҳо ба роҳ монда шавад. Бинобар ин, дар роҳбарии омӯзгорони фанни биология ва экология аз ҳисоби донишҷӯён ва фаъолони деҳа гуруҳҳои сайёр ташкил намуда, дар шафати ҷӯйҳо ва дарёчаҳо дарахтони сояафкан ва ороишӣ шинонидан лозим аст. Ғайр аз ин ба хотири баланд бардоштани маърифати экологии ҷавонон дар байни мактаббачагон ташкил ва гузаронидани озмунҳо, семинарҳо ва аксияҳои “Тозагии деҳаи ман”, “Об сарчашмаи ҳаёт”, “Тозагии соҳил” ташкил намудан ба маврид мебошад.

Аз ин рӯ, ба хулосае биёем, ки деҳаи худро дуст дошта, тозаву озода нигаҳ дорем ва обҳои софу зулоле, ки аз қуллаҳои сарбафалаккашида роҳи дуру дарозро тай карда, то ба деҳаҳои мо, то ба дари хонаи мо меояд ифлос накарда пок нигоҳаш дошта оқилона истифода намоем.

Адабиёт

1.Акрамов С. Асосҳои муҳофизати табиат. Душанбе .1991
2.Давлатов А. Экология асосҳои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиат. Душанбе. 2015

3.Раҳимӣ Ф., Муҳабатов Х. ва дигарон. Об, илм ва рушди устувор. Душанбе 2018.
4.Тахиров И.Г., Купайи Г.Д. Водные ресурсы Республики Таджикистан. Часть I. / НПИ Центр. – Душанбе, 1994. – 182 с.
5.Салимов Т.О. Управление качеством вод. Душанбе, 2001. – 191 с.

## МАРСИЯИ ЗАН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

**Пирхонова Қ.**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Дар адабиёти тоҷику форс дар бораи занону модарон ва хоҳарони умаро марсия гуфтан суннат аст ва ин равишро ба наҳве метавон меросбарӣ аз марсиясароии шоирони араб таъбир кард, ки ба пайбурди Аббос Маҳмудулиқод, аз таҷрибаи Ибни Румӣ сарчашма мегирад. Ин донишманди араб менависад, ки «мафҳуми инсонии марсиясароӣ барои зан, – чи зани шаръӣ ва чи ғайришаръӣ – то пеш аз Ибни Румӣ зуҳуре наёфтааст. Ӯ дар андӯҳи марги зани овозхоне ба номи Бастон чунин сурудааст:

Бастон! Во ҳасрато ало зуҳарин,
Фики миналлаҳви бал ало самри.

(Дареғо бар шукуфаҳои ишрат, ки дар вуҷуди ту (шукуфо шуда буд ва парпар шуд) ва ҳам дареғо бар мевае (ки норасидааст) аҷалаш чид)» [236, 82].

Алӣ ибни Аббос маъруф ба Ибни Румӣ (836-896 м.) аз бузургтарин шуарои асри Аббосӣ мебошад, ки фарзанди падаре румӣ ва модаре эронӣ ва мутаваллиди Бағдод будааст. Осори ду фарҳанг: юнонӣ ва форсиро дар ашъори ӯ метавон ёфт.

Адабиёти миллатҳо, аз ҷумла адабиёти мо низ беҳтарин сабткунандаи ахлоқи иҷтимоии мардум аст. Вале тааҳҳуди шоирони гузашта дар ин замина яксон нест ва ин омилҳои мазҳабию иҷтимоӣ дошт, ки фақат хосси адабиёти тоҷикии форсӣ набуд. Муҳаққиқон иллати ин падидаро дар адабиёт ба мавқеияти занон дар садаҳои гузашта марбут донистаанд. Аз таърих медонем, ки ҳамсар дар асрҳои гузашта бо мамлукон ва занони асири ҷангӣ, ки ба канизӣ водошта мешуданд, тафовуте надошта, аз боварҳое аст, ки дар он ихтилоф роҳ надорад. Баъдҳо бо гузашти замон мавқеияти ӯ фаротар рафта, ҳамчун «хонуми хона» эътибор пайдо мекунад. Вале дар урфи ҷомеа ҳамчунон ҳадафи амали ғаризӣ мақом доштааст ва мард фақат дар ҳангоми нотавонӣ ё ҳангоме ки табиати

ҳайвонӣ мағлубаш месозад, ба зан паноҳ мебарад. Масъалаи зан ба унвони шарики зиндагӣ ё чунонки дар Қуръон омада, «оромиши хотир»-и мард ҷуз дар давронҳои охир матраҳ набудааст.

Аксари шоирони гузашта дар бораи зан, махсусан занҳои вобастаи дарбор, шеъри тағаззулӣ сурудаанд ва барои гуфтани чунин ашъор ҳеҷ монеае надидаанд. Сабаб ин будааст, ки ғазал аслан бо зарофати зебоӣ нисбат дошта, на бо арзиши инсонии зан. Вале гоҳ-гоҳ таваҷҷуҳи шоирони гузашта ба модар ба назар мерасад, ки ин дар гуфтани марсияи модарони умарою вузаро, занони хешованди онҳо зоҳир мешавад. Ин масъала, яъне ҳамдардӣ дар сӯгвориҳои амирон аз вазоифи таҳмилии шоирон буд, ки ин корро мекарданд, вале барои ҳамсари аз дастрафтаи худ марсияе намесуруданд. Сабаби аслӣ ба манзалати зан ҳамчун шаййе мутааллиқ ба мард вобастагӣ дошт, ки дар сурати риоят накардани ин меъёр муосиронаш шоирро ба заъф ва аҷз муттаҳам мекарданд.

Аз таҳлили қиёсии марсияҳои дарборӣ ба ин натиҷа расидем, ки шоирон дар сурудани ин навъи шеър ба чанд асл пойбанд будаанд:

а) шахси фавтида – султон, вазир ё шахси дигари дарбор аз ҳар ҷиҳат васф мешаванд. Дар васфи онҳо шоирон вожаҳо ва ибороти тавсифиеро, аз қабили моҳ, хуршед, дурри шоҳвор, лаъл, шамъи давлат ва ғайра истифода кардаанд;

б) марги шахси фавтида ҳамчун мусибати бузург тавсиф ва таъсири он ба муҳити иҷтимоъ ва ҳатто табиат андозагирӣ мешавад;

в) барои бузург нишон додани ҳодиса шоирон аз иғроқ фаровон истифода карда, бо ин усул холигии заъфи рухдодаро пур кардаанд ва низ кӯшидаанд бо ин усул таъсири марсияи хешро афзоянд;

г) дар ин гуна марсияҳо шоирон аз сифатҳои баргузидаи мутавафо, мисли ҷуд, адл, шуҷоат, фазл, ройи мамлакатдорӣ, тадбиру сиёсат ёд карда, ба ин васила таъсири марги шахси фавтида ва мақоми ӯро таъкид кардаанд;

ғ) дар аксари марсияҳои дарборӣ ҳамроҳ омадани таъзият ва таҳният аз хусусияти дигари мундариҷавии онҳост;

д) тасвири отифии марги шахси фавтида дар авзои кишвару мардум ва бо ин усул арҷгузорӣ бар мақоми амиру вазир ё султони даргузашта аз дигар вижагии марсияи дарборӣ мебошад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе: 02.08.2011, №762;
2. Барги сабз (намунаҳои ашори шоирҳои шинохта ва навқалами тоҷик). Муқадимаи Гулрухсор.-Душанбе! Адиб,1987. -256с.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар. [Матн] – ш. Душанбе: 26 декабри соли 2018;
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар. [Матн] – ш. Душанбе: 26 декабри соли 2019.

## ЧӢ БОЯД КАРД, КИ ДАР ТАРБИЯИ ДУХТАРОН БА БУМБАСТ РӮБАРӮ НАШАВЕМ?

**Ғафурова Д.Ҷ.**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Чунин ақида вуҷуд дорад, ки духтарон барои таҳсил дар макотибҳои олӣ, имконашон маҳдудтар мебошад....

Яъне чаро? Гап сари кадом маҳдудият, суол сари кадом ҳаққ аст?

Фарзанд новобаста аз ҷинсият ё маҳбубият азиз аст.

Мо ҳолатҳои зиёдеро ба чашм, ба гӯш ва дар ҳаёт вомехӯрем, ки “...ҳаа духтар таваллуд шуд?.....” ва дар симои падар, бобо, амаку аммаҳо як маъюсӣ пайдо мешавад?

Дуруст аст, мо маърӯзаи имрӯзаро аз мушкилиҳо ва зуҳуроти сар задани нофаҳмоҳиҳо ва бумбастҳои тарбияи духтарон оғоз намудем.

Духтар ё писар ҳарду фарзанд аст.

Духтар ҳам оила барпо мекунад, писар ҳам, пас чаро барои барпо намудани оилаи духтарон дар ақидаҳои волидайн беэътимодӣ пайдо мешавад.

Пас чаро барои хароҷоте, ки барои писарон мекунанд бо ҳама саховатмандӣ барои хароҷоти таҳсили духтарон бебаракатӣ ё исроф меҳисобанд.

Мақсад аз баҳс ва пешниҳоди маърӯзаи ман, пайдоиш ва сар задани чунин посуххҳои ҳаётӣ мебошад, кӣ барои бе такягоҳ ҳис намудани худро духтарон ҳама ноомадиҳои ҳаёти худ меҳисобанд.

Духтарони сустирода, беақл, бадахлоқ ё бетарбия вуҷуд надоранд, ин ибораҳоро шахсиятҳое истеъмол месозанд, ки худашон оиди ин ибораҳо таасурот надоранд.

Масъулини ин раванд, омӯзгорон, волидайн, бобову бибӣ, аккаву додарон, хоҳарону аппаҳо ҳастанд. Аз ин рӯ духтарон шахсиятҳои дар ҷомеа дуввум ҳисобида намешаванд.

Масалан дар озмуне, ки бояд ба коре қабул карда шаванд, ман тақрибан таъкид менамоям аз рӯи лаёқат ва ҷавобгӯ будан аз рӯи талабот бе ягон ихтилофи зан ё мард бояд ба талаботҳои муассисаи корфармо

талаботҳо дар доираи маҳорату малака ва пешравии корхонаро дида озмунро ташеил намоянд.

Аммо мо бо чӣ рӯ дар рӯ мебинем?

Онҳоро бадбахт меҳисобем агар дар роҳи зиндагӣ ба шикасте дучор шаванд, дар таълим онҳоро ночор меҳисобем, онҳоро дар ҷомеа дарди сар мебинем, онҳоро хаста аз одаму олам менамоем.

Таълиму тарбия нотавонии худро оиди ислоҳи ақидаҳои инсонҳо то имрӯз дар бобати духтар ҳам дар ҷомеаи имрӯза ҳамчун инсон мавқеи худро дорад, то ҳол мушкилиҳои хоссаи худро дорад.

Духтарони душвортарбия вуҷуд надоранд - духтарони

"душвортарбия" агар бошад дар ҷомеаи мо ва он ҳам бошад худи духтарон гунаҳкор нестанд. Аммо дар кори таълиму тарбия духтаронро нисбати ҷинсӣ муқобилашон назарсанҷӣ намоем, ҳастанд хонандагон, донишҷӯдухтароне ки *бомуваффакият меҳнат мекунанд,* кушишу ғайрат доранд дар ҳама ҷанбаҳои таҳсил мавқеъ ва дастовардҳои худро соҳиб гардидаанд.

Замимаҳои нодурусти инкишоф ёфтани ақидаҳои духтарон дар раванди таълиму тарбия якчанд ангезаҳо дорад:

-оилаи ноқис(яке аз волидайн набошад);

-носолимии муҳитӣ оилавӣ;

-носолимии руҳии духтар;

-бо бумбастҳои оилавӣ рӯбарӯшудани духтар дар синну соли наврасӣ;

-нобоварӣ дар дастрас намудани орзуҳо;

-тарс фарогир намудани шахсияти онҳо;

-ҳис накардани эҳтиром ба шахсияти худашон;

-бовар намудани муносибатҳои нодурустӣ оилавӣ ва ҷомеа нисбати шахсияташон;

-ғуломсифатӣ дар шахсияти духтарон ба воя расонидан;

-фикри шахсӣ надоштани духтарон;

Дар байни ҷомеа шахсиятҳо ва оилаҳое ҳастанд, ки аз тарбияи духтар ва ба ташаккул додани шахсияти онҳо ҳатто ду калимоти хубро аз истифодааш дареғ медоранд. Дағали мекунанд, дар пеши духтарҳои хеш модарашонро аз гапҳои қабеҳу беэҳтромиҳои беохир ашки чашми онҳоро мерезонанд, дар охири кор таҳти лату кӯб онҳоро қарор медиҳанд, ки албадта духтар дар кунҷи таасуроташ аз духтар буданаш садҳо бор пушаймон мешавад...

Ин зуҳурот замима шуда наметавонад, ки барои тарбия ҳамчун таъсироти мусбӣ арзёбӣ намоем. Баръакси ҳол духтарбача аз нобоварӣ ба дараҷаи нестии шахсияташ худро мерасонад. Дуруст аст, бартараф

намудани ҳодисаҳои руҳӣ ва равонии духтаронро бо чашми оддӣ дидаву дарк кардан барои одами бетаҷриба ё аз сар гузаронида набошад осон нест. Онро танҳо мутахассисони соҳавӣ ва шахсони ботаҷрибаву аз сари хеш гузаронида метавонанд қисман дида баромадаву чораҷӯи намоянд. Дар ин ҷанба савол ба миён меояд, ки модарон барои аввалин пешгирии ин ҳодисаҳо чӣ гуна метавонанд, аломатҳоро дар рафтори фарзандаш пайдо намояд, кадом нишонаҳоро дар ӯ бояд дид, ки бонги изтироб занад ва аз паси бартарафи он хусусиятҳо дар ҷустуҷӯ бошанд.

-камгапӣ;

-дар гӯшае нишастану маъюсона (безнадёжно) назарафкандан;

-шабҳо дар хоб аз тарс, доду фиғон намудан;

-бисёр гиря намудан;

-ҳолатҳои хандааш баланду бемавқеъ;

-дар бисёр ҳолатҳо нобоварона ҷавоб додан;

-парешонии зиёда;.... дар бисёри ҳолатҳо хусусиятҳои рӯҳии чунин духтаракон дигар аксурамал нишон медиҳанд, аммо ин зуҳуротҳо ва хусусияту далелҳои овардаи мо метавонанд дар аввалин нишондодҳои вайроншавии психикаи духтаракон ё ҷавондухтарон, модар метавонад аз ин усулу роҳҳои бартарафнамои истифода намуда барои дуруст ба роҳ мондани тарбияи фарзандони хеш аввалин ислоҳнамоиро оғоз намоянд.

**Адабиёт**


5. «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 3030». – Душанбе: соли 2020;
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе: 03.05.2010. №200;
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи миллии тарбия» – Душанбе: 03.03.2006, №94;
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». – Душанбе: соли 22.06.2013, №1004;
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе: 02.08.2011, №762;
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар. [Матн] – ш. Душанбе: 26 декабри соли 2018;
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар. [Матн] – ш. Душанбе: 26 декабри соли 2019;
12. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи мамлакат. [Матн] – ш. Душанбе: 4 июли соли 2013.

# НАҚШИ ИНСОНДӮСТӢ ДАР АШЪОРИ МЕҲРИНИСО

**Усмониён Нозила**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Афкори гуманистӣ ё инсондӯстона дар эҷодиёти адибони даврони истиқлолият, ба хусус Меҳринисо, маншаи худро аз эҷодиёти адибони даврони шуравӣ гирифтаанд. Дар адабиёти даврони шуравии тоҷик меҳвари асосӣ дар матраҳ намудани ҳама мавзуъҳои роиҷ инсондӯстӣ ва ба истилоҳ гуманизм буд. Шиори маъруфи «дӯстии халқҳо», ки аз шиорҳои роиҷи сиёсати шуравӣ буд, дар шеъру адаби он даврон низ ҳамчун маҳаки фикру андеша қарор гирифта буд ва андешаи ҳар шоири тоҷикро ҳам дар сари таблиғи дӯстии халқҳо мутамарказ мекард. Бинобар ин, дар эҷодиёти шоирони даврони шуравии тоҷик мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ бо навъе аз гуманизм омехта гардида буд. Рустами Ваҳҳоб дар ин зимн дар як таҳқиқоте, ки ба шоири маъруфи даврони шуравӣ Боқӣ Раҳимзода бахшида буд, дар хусуси ҷанбаи гуманизми эҷодиёти шоирони муосир чунин навиштааст: «Агар аз дидгоҳи гароишӣ ва меҳвари ақидатӣ ба ин нукта таваҷҷуҳ шавад, ки насли навини адабиёти тоҷик ба кадом ҷанбаи маънавии эҷодиёти пешиниён таваҷҷуҳ кардааст, бешубҳа ин натиҷа ҳосил мегардад, ки ин нуктаи маънавӣ инсондӯстӣ ва ё гуманизм будааст. Инсондӯстӣ, гуманизм ҳастаи аслии адабиёти оламгири форсии тоҷикиро ташкил медиҳад ва ҳамин амр боиси он гардид, ки масалан устод Турсунзода мунодии дараҷаи аввали паёмҳои башардӯстонаи низоми шуравии собиқ дар олами он рӯз шинохта шавад. Таваҷҷуҳ ва таъкиди хосси шоирони тоҷик бар моҳияти инсонӣ ва башардӯстонаи шахсият ва осори пешкисватони ин адабиёт, аз ҷумла устод Боқӣ Раҳимзода, на танҳо гувоҳи садоқати онҳо ба ин шахсиятҳо, балки гувоҳи пойбандӣ ва садоқати самимии онҳо бар ин асли маънавии андешаи адаби форсии тоҷикӣ, яъне башардӯстӣ ё гуманизм буд» [41, 156].

Дар эҷодиёти Меҳринисо ҳам, ки тарбиятёфтаи устодони суханпарвари ҳамон даврон амсоли устод Турсунзода буд, афкори гуманистӣ ё инсонпарварона нақши басо назаррас доранд. Меҳринисо ҳанӯз дар аввалин шеърҳои худ, ки дар маҷмуаҳои дастҷамъӣ зери силсилашеърҳо ба табъ расида буданд, ба ин мавзуъ руҷуъ намуда, зимни он дараҷаи ҷаҳонбинӣ ва назари шахсии худро нисбат ба ҳаёту ҷомеа иброз доштааст. Гуманизми Меҳринисо маншаи худро, пеш аз ҳама, аз дӯст доштани ҳаёт мегирад ва ин ҷанбаи ақидавии ӯ нишон медиҳад, ки вай нисбат ба зиндагӣ, муҳит ва ҷомеа назари манфӣ ва ба истилоҳ пессимистӣ надорад. Дар шеъре, шоир онро соли 1972 навишта, зери

унвони «Тараннуми ҳаёт» дар радифи силсилашеърҳои «Хӯшаи парвин» ба табъ расонида буд, назари хушбини вай нисбат ба ҳаёт чунин инъикос гардидааст:

Ман туро бо хандаи ширини тифлонам ба хоб,
Ман туро бо партави хуршеди раста аз саҳоб,
Ман туро бо ҷилваи барқи шаби бемоҳтоб,
Ман туро бо шаршара, бо пайкари ларзони об,
Дӯст медорам, ҳаёт! [2, 130]

Инсондӯстӣ ва гуманизм, албатта, аз дӯст доштани ҳаёт ва зиндагонии воқеӣ сарчашма мегирад, зеро касе, ки дар ниҳоди хеш нисбат ба ҳаёт ва умре, ки беҳтарин гавҳари инсоният аст ва ҳамчунин нисбат ба атроф ва муҳити иҳотакардаи хеш муҳаббат надошта бошад, ӯро наметавон инсони башардӯст ва хушбин ном гирифт. Ҳамин аст, ки дар гуманизми Меҳринисо ҳама кас ва ҳама чиз, ки нишони ҳаёт ва зиндагонии воқеӣ мебошанд, иштирок менамоянд. Шоир ҳаётро бо хандаҳои тифлони дар ҳолати хоббуда, бо партави хуршеде, ки аз банди абрҳо раҳидааст, бо ҷилваҳои барқу соиқае, ки дар шабҳои сияҳ медурахшанд ва ҳамчунин бо овози шаршарае, ки аз пайкари ларзони замин мешорад, дӯст медорад. Дар фалсафаи гуманизми Меҳринисо дӯст доштани ҳаёт бо муҳаббати инсонҳо, меҳр нисбат ба ашёи модӣ ва унсурҳои табиат тавъаманд, бинобар ин, ҳаёт ва муҳит ҳар ду нишоне аз як мафҳумро медиҳанд. Мисоли собиттари ин мавзуъ дар байтҳои баъдии шеъри мазкур инъикос мегардад. Меҳринисо садои хониши булбулро дар саҳаргоҳон, нишоти шабнами ларзонро дар гулбаргони тар, қатори турнаҳои аз сафар баргашта, пуштаҳои ҳафтранги кӯҳсор, қуллаҳои сарсафедеро, ки муҳитро иҳота кардаанд, даштҳои бопаҳнои аз гандуму дигар ғаллот зарнисоргашта – ҳамаро монанди инсон, монанди тифле, ки дар оғӯши падар лаҳзаҳои хушбахтонаи худро сипарӣ менамояд, монанди инсоне, ки дар аҳди хеш устувор аст, дӯст медорад:

Бо садои хониши булбул ба ҳангоми саҳар,
Бо нишоти шабнами ларзони гулбаргони тар,
Бо қатори турнаҳои бозгашта аз сафар,
Ман туро бо тифли хушбахте дар оғӯши падар,
Дӯст медорам, ҳаёт!
Ман туро бо пуштаҳои ҳафтранги кӯҳсор,
Ман туро бо қуллаҳои сарсафеди бурдбор,
Ман туро бо даштҳои беканори зарнисор,
Ман туро бо неруи ҳар фарди бар аҳд устувор,

Дӯст медорам, ҳаёт! [2, 130]

Ниҳояти гуманизми Меҳринисо дар байти зерини вай инъикос мегардад, ки бозгӯкунандаи ҳадди баланди инсонгароиву инсондӯстии ӯ буда, далолаткунандаи ахлоқи шоиста ва ба гуфтаи худи шоир «бо меҳр оганда» аст:

Манам бо одамон зинда, дилам аз меҳр оганда,
Шароби нур мехоҳам, майю соғар намехоҳам [12, 275].

Инсондӯстии Меҳринсо дар тамоми маҷмуаҳои ашъори вай ҷилваи ҷудогунае дорад. Дар шеъре, ки зери унвони «Агар қудрате медоштам» дар солҳои ҷанги бародаркуш ва муташанниҷтарин даврони сарнавишти миллати тоҷик – соли 1992 навишта шуда, дар силсилашеърҳои таҳти унвони «Нафаси субҳ» ба табъ расида буд, гуманизми вай ба ҳайси афкори инсонпарваронаи як зан–шоир ҷилваи муассиртар дорад. Шеъри мазкур ҳаммонанди рубоиҳои маъруфи Умари Хайём мебошад, ки дар онҳо рӯҳи муборизи ҳаким дар иртибот бар авзои замон инъикос мегардад. Меҳринисо афкори инсонпарваронаи хешро бар асари авзои муташанниҷи солҳои ҷанг иброз дошта, аз он таассуф мехӯрад. Ӯ мегӯяд:

Агар ман қудрате медоштам,
Намемондам, ки ғамгин бошад инсоне. . .
Агар ман қудрате медоштам,
Гиёҳи меҳр корида ба қалби мардуми дунё,
Гули лабханд мебудам ба таскини дили танҳо.
Ба ҳаҷри талхи навмедон шукӯҳи сабр мебудам,
Шаранги интизориро магар позаҳр мебудам,
Агар ман қудрате медоштам. . . [11,123-124].

Яке аз хусусиятҳои назаррас дар афкори инсонпарваронаи Меҳринисо тасвири маънавиёт ва пояи ахлоқи миллат аст, чунончи дар шеъри боло намунаи он эҳсос мешавад. Мунаққиди рус В. Г. Белинский ҳам дар мавриди ҳамин шахсиятҳо зикр кардааст, ки нишони бузургии инсон тасвири халқи худ ба воситаи худ аст [34, 134]. Ин чунин маъно дорад, ки шоир ба василаи тасвири ахлоқу тамизи хеш руҳи халқи худро инъикос менамояд ва хонанда бо хондани ашъори вай миллату халқи шоирро дар зеҳни худ қабул менамояд.

Унсурҳои табиат дар гуманизми Меҳринисо иштироки фаъол доранд. Дар як шеъри ба ҳодисаи ғамгини деҳаи Шарора бахшидаи вай, ки бар асари ин ҳодиса танҳо як тифли маъсум зинда монда буд, то чи дараҷа ширкат варзидани аносири табиат ва изҳори ҳамдилӣ кардани онҳо бар одамони ба фалокат дучоршуда эҳсос мешавад: хок бар асари ин

ҳодиса фиғон бармедорад, лолаҳои пуштаҳо аз андӯҳ ҷигарсӯхта гаштаанд, дашту саҳро оҳи пурсӯз мебароранд, пуштаҳо шӯр бармедоранд, доманаҳо ҳузнангезанд ва мурғони шабовез аз дили пурдард фиғон мебароранд:

Ин хок, ки донандаи рози ҳамагон аст,
Як сина фиғон аст.
В-ин лолаи хандони ҷигарсӯз гувоҳ аст,
Ин бодия оҳ аст.
Дил оби Шарора.
Шӯрест дар ин пуштаи хомӯш, азизон,
Ҳузнест дар ин домани гулпӯш, азизон.
Дардест дар оҳанги дили мурғи шабовез,
Аз мотами як деҳи сияҳпӯш, азизон.
Дил оби Шарора.
Дар чашми пуробам алами тифлаки маъсум,
Дар қалби кабобам сифати офати раҳгум.
Дар маҳбаси андуҳ фитодем агар мо,
Озод шуд Оҳармани осоиши мардум.
Дил оби Шарора. . . [11, 130].

Агар як хусусияти гуманизм ва афкори инсонпарваронаи Меҳринисо иборат аз омезиш ёфтани ақидаҳои ҳаётдӯстона бо ашё ва унсурҳои табиат бошад, хусусияти дигари он иборат аз он аст, ки дар он инсонҳо ба таври умумӣ ё куллӣ тасвир ёфтаанд. Ба маънии дигар, дар гуманизми Меҳринисо як нафар ё гурӯҳи муайян иштирок намекунанд, он маҳдуд бар гурӯҳ ё миллати муайян нест, ин гуманизм ба умуми инсонҳо ва ҷамеи халқҳои дунё равона карда шудааст. Зимнан бояд қайд кард, ки гуманизм худ дар асл бояд чунин бошад, зеро дар сурати маҳдудият ба вуҷуд омадан дар ин мавзуъ он бадал ба тафриқаангезӣ ва ҷудоификанӣ миёни мардум мегардад. Инро ҳам бояд дар назар гирифт, ки агар дар ниҳоди инсон, ба хосса шахси шоир, меҳри инсонпарварӣ вуҷуд надошта бошад, ӯ нисбат ба муҳит, халқу миллатҳои дигар низ муҳаббате дошта наметавонад. Ва бадтар аз ин, инсоне, ки дар шахси хеш эҳсосоти инсондӯстиро тарбият накарда бошад, наметавонад нисбат ба наздикон, ақрабои худ, авлоду аҷдоди худ ва ниҳоятан нисбат ба миллату халқи худ муҳаббате дошта бошад. Бинобар ин, аслу сабаби дӯст доштани миллати худ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, хусусан эҳтиром нисбат ба ваҳдати миллӣ, ин дар ниҳоди худ парваридани гуманизму инсондӯстӣ аст. Чунин навъи гуманизм, аз як ҷониб, назари таҳаммулгароёнаи Меҳринисоро

нисбат ба кулли инсоният нишон диҳад, аз тарафи дигар, нишондиҳандаи вусъати назари вай нисбат ба инсонҳо ва умуман башарият мебошад.

Меҳринисо зери унвони «Суруди сулҳи Осиё» шеъре дорад, ки онро соли 1996 эҷод намудааст. Дар шеъри мазкур ӯ итминон бар он дорад, ки Суруди сулҳи Осиё рӯзе ҳамчун таронаи башарият танинандоз мегардад, ба ҳайси мунодии сулҳу оштӣ ва ғалабаи сулҳ бар ҷангу ситез паҳн мегардад ва чун дирафши коваёнӣ дар тамоми дунё партавфишонӣ менамояд:

Суруди сулҳи Осиё таронаи башар шавад,
Ҷаҳони бекаронаро каронаи зафар шавад.
Зи нури офтоби дил ба дидаи назар шавад,
Дирафши ковиёнае барои баҳру бар шавад.
Садои сулҳи Осиё – сурӯши мо, сурӯши мо,
Бақои сулҳи ҷовидон ба дӯши мо, ба дӯши мо [8, 18].

Чунонки устод Турсунзода дар даврони шуравӣ мунодии сулҳу дӯстии башарият буданд, Меҳринисо низ дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси дастпарвари устод нидои сулҳу дӯстии кулли инсониятро мекунад. Ин нидои Меҳринисо, агарчи сабки устодро ба ёд меоварад, бо гунае навтар ва муосиртар ҷилвагар мегардад. Дар даврони муосир, ки хатари ҷангҳои таҳмилӣ, таассуби диниву мазҳабӣ ва экстремизми байналмилалӣ дар фазои сайёра ҳамчун вабои аср паҳн гаштаанд, нидои сулҳхоҳонаи Меҳринисо арзиши гуманистиву инсонпарваронаи худро ба ҳеҷ ваҷҳ аз даст намедиҳад. Меҳринисо дар яке аз шеърҳояш, ки унвони «Ман ҳам фаришта не»-ро дорад, ба таври бисёр сода қайд менамояд, ки ӯ бо нифоқу мухолифати инсонҳо душман аст ва бо оштиву сулҳи онон дӯст аст:

Ман душмани нифоқ,
Ман дӯсти иттифоқ.
Нозам ба ақлу меҳр
Бо майлу иштиёқ [12, 57].

Меҳринисо дар шеърҳояш инсонҳоро ба дӯстдории ҳамдигар таблиғ мекунад ва дурӣ ҷустан аз ҷафокориро талқин менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки инсонҳо қалбҳои хештанро аз меҳру муҳаббат нисбат бар якдигар ороиш диҳанд, ҳар нафасеро, ки бо ҳам мезиянд, ғанимат шумуранд, то бо ин васила аз ғаму андӯҳи дунё озод бигарданд. Шиори Меҳринисо дар мавзуи гуманизм, пеш аз ҳама, ба ҳам омадани инсонҳо ва нисбат бар якдигар хушбин будани онҳост, зеро дар сурати бо якдигар душманӣ варзидан онҳо ҷуз аз ҷудоӣ кайфари дигареро нахоҳанд дид. Ӯ

талқин менамояд, ки ба ҷойи неш нӯши забонро истифода барем, охир, забон, ки беҳтарин ҳадяе барои банӣ инсон аст, на барои неш задану дил озурдан офарида шудааст:

Азизон, бар вафои ҳам бикӯшед,
Ҷафо бо кас вафодорӣ надорад.
Дили худро биороед бо ишқ,
Ки дил завқи сабукборӣ надорад.
Ғанимат ҳар нафас, ёрон, ғанимат,
Нафас колои бозорӣ надорад.
Ғами худро ба мулки тан гузоред,
Ки ғам ҳаргиз харидоре надорад.
Ба ҳам оеду хуш гӯеду болед,
Ҷудоӣ ҷуз халал хоре надорад. . .
Чаро нешем, агар нӯшин набошем,
Забон, ки каждуму море надорад. . . [13, 103].

Дар афкори инсонпарваронаи Меҳринисо хуррамиву хушнудии инсонҳо дар мақоми аввал қарор дорад. Шоир баҳри дастбурд бар хуррамии инсонҳо таъкид бар дурӣ ҷустан аз хиёнату ҳасодат менамояд. Ӯ меҳрубонии байниҳамдигарии инсонҳоро омили асосии мавҷудияти бахту иқбол қаламдод карда, онро ҳамчун зевари одамӣ тавсиф намудааст:

Одамон, эй одамон, эй одамон,
Аз хиёнат, аз ҳасодат алъамон.
Хуррамӣ ороиши баҳру бар аст,
Одамиро меҳрубонӣ зевар аст [13, 304].

Меҳринисо худро дар ҳузури дӯст хушбахт меҳисобад ва аз ғайбати ӯ изҳори шиква менамояд. Ҷаҳони модӣ, албатта, бе дӯст тираву тор аст. Бинобар ин, аз нигоҳи Меҳринисо дӯст беҳтарин нафарест, ки ҳатто, тақдири инсон бо вуҷуди вай робитаи мустақим дорад. Дӯст роҳнамо ва чорагари инсон аст, воситаи ғамзудоии ӯст ва метавонад, ки гаҳвораи тақдири инсонро дар ҳаракат бидарорад:

Туӣ пирам, туӣ тадбирам, эй дӯст,
Намон дар хонаи дилгирам, эй дӯст.
Ба дасти меҳрубони худ биҷунбон,
Гаҳе гаҳвораи тақдирам, эй дӯст [12, 77].

Дӯст ягона такягоҳест, ки ҳангоми фишори ғаму андӯҳ ба фарёди инсон мерасад. Бо таъсири ҳузури дӯст ва суҳбатҳои дилгармкунандаи вай муносибати инсон ба дунё ва ҷомеа аз нав зинда мегардад ва дар қалби ӯ

тухми умеду орзуҳои ширини зиндагӣ бори дигар реша бар мекунад. Меҳринисо, бинобар ин, дӯстро ба имдод мехоҳад, то ғами кулфатбореро, ки вай бар асари даргузашти модари худ бар он гирифтор шудааст, тавассути дӯст аз дил бизудояд:

Биё, эй дӯст, то бинӣ рухи аз ғам хазонамро,
Ба зери мотами модар фитода ҷисму ҷонамро.
Шикаста қомати сарви ман аз дарду парешонӣ,
На тадбире фалак ҷӯяд, на парвое замонамро [12, 99].

Дӯст аз нигоҳи Меҳринисо касест, ки дар набудани ӯ қалби инсон аз ғайбати вай беҷо шавад ва дарди фирокро эҳсос намояд, дӯст касест, ки дили инсон баҳраш ба сӯзиш меояд ва чунонки шоир гуфта, аз фироқаш, ҳатто, қалам мегиряд:

Аз фироқи дӯст месӯзад дилам,
Аз фироқи дӯст мегиряд қалам [12, 278].

Дар гуманизми Меҳринисо шахси дӯст мақоме бас баландтар аз ҳар инсонро дорад. Шоир зиндагонии хешро бе вуҷуди инсонҳои карину қалбан наздик, яъне дӯстонаш тасаввур карда наметавонад. Бинобар ин, дар набудани дӯсташ роҳи ӯро мепояд ва интизорӣ мекашад. Аз фироқи дӯсти хеш ӯ худро афгору бемадор эҳсос менамояд ва орзуи дидори дубораи дӯсташро мекунад. Аз ин ки вай дар баробари касони бемеҳру нотавонбин бо сабаби ёди дӯсташ мавриди ғайбат қарор мегирад, боке надорад. Охир, дӯст ягона нафарест, ки шоир ғами дилро ба вай изҳор менамояд ва андӯҳи ботинии хешро тавассути вай яксӯ менамояд:

Эй дӯст, биё, биё, ки афгор манам, ман,
Дар ҳасрати рӯйи ту гирифтор манам, ман.
Аз матлаби дидори ту дар чашми рақибон
Бечоратар аз сурати девор манам, ман.
Ғайри ту касе нест, ки гӯям ғами дилро
Бе лутфи ту аз умр чи безор манам, ман [12, 290].

Меҳринисо то ҷон дар рамақ дорад, дӯстгонӣ месарояд ва ба ҳеҷ ваҷҳ аз ситоиши шахси дӯст даст намекашад. Дар сурудаҳои шоир ҷойи дӯст ҳамеша ҷудову баргузида аст ва дар садри мавзуъҳои эҷодиёти вай қарор дорад. Меҳринисо мегӯяд, ки то он лаҳзае ки аз зиндагонӣ умеде ҳаст, барои дӯстонаш ғазал месарояд, то он лаҳзае ки баҳору ҷавонӣ вуҷуд дорад, ёди дӯст менамояд; ғубори хотири дӯстро бо сиришки чашмонаш мешӯяд; хаёлан худро дар қудуми дӯстонаш ба рамзи истиқбол меафканад; аз ҳар куҷо дӯстони худро ҷустуҷӯ менамояд ва лаҳзае аз он сар барнамепечад:

Ҳанӯзам, ки умеди зиндагонист,
Барои ту ғазал мегӯям, эй дӯст.
Ҳанӯзам, ки баҳор асту ҷавонӣ,
Гули ёди туро мебӯям, эй дӯст.
Саҳар чун шона мепечад ба мӯям,
Кушода уқдаҳо мемӯям, эй дӯст.
Ғубори хотири неки туро ман
Ба ашки шодиям мешӯям, эй дӯст.
Агар афтам чу дона дар қудумат,
Ба марзи ёдҳо мерӯям, эй дӯст.
Ҳанӯзам, ки ба ту дорам ниёзе,
Туро аз ҳар куҷо меҷӯям, эй дӯст.
Ҳанӯзам, ки ҳанӯз асту ҳанӯз аст,
Биё бар хилвати гесӯям, эй дӯст [12, 292].

Дар ашъоре, ки ба мавзуи гуманизму инсонпарварӣ бахшида шудаанд, Меҳринисо услуби бисёр равону хушояндро корбаст карда, бо ин васила таваҷҷуҳи ҳар хонандаро, новобаста ба дараҷаи фаҳмиши вай, ба худ ҷалб менамояд. Чунончи, «гули ёди дӯстро бӯйидан», «дар мӯйи шоир печидани саҳар», «ғубори хотири неки дӯстро бо ашки шодӣ шустан», «дар марзи ёдҳо рӯйидани шоир» мисолҳои равшани ин гуфтаҳо дар ашъори фавқ ба ҳисоб меравад. Меҳринисо ба мавзуи гуманизм дар тамоми анвои шеърияш, чи шеърҳои дар тарзи анъанавӣ ва чи ашъори ба тарзи нав сурудааш табъозмоӣ намудааст. Ва дар ин маврид метавон гуфт, ки вай дар таблиғу ташвиқи инсонҳо ба сӯйи дӯстдориву эҳтиром ба муваффақиятҳои назаррас ҳам ноил гардидааст. Зимнан бояд қайд намуд, ки нуқтаи ғоявии гуманизми Меҳринисо тасвири ишқу муҳаббати самимӣ ва беолоиши инсонҳо нисбат бар якдигар мебошад, ишқу муҳаббате, ки маншаи худро аз қалб ва замири пок мегирад. Ҳамин нуктаи ғоявӣ дар меҳрномаҳои шоир мавзуоти пурҷилва ва завқбарангези эҷодиёти ӯро ба бор овардааст, ки дар баробари дигар мавзуъҳои марказии мунтахаби ашъори вай дар саҳифаҳои маҷмуаҳояш дурахши махсус дорад ва шеъри ӯро ба ҳайси мунодии ишқу муҳаббати самимии инсонӣ муаррифӣ менамояд.

Дигар мавзуи марказии эҷодиёти Меҳринисо ишқу муҳаббат мебошад. Ин мавзуъ ҳам дар эҷодиёти даврони шуравӣ ва ҳам даврони истиқлолияти Меҳринисо мақоми намоёнро ишғол менамояд. Муҳаққиқ ва шоири ҳунарманди тоҷик Муҳаммадалии Аҷамӣ дуруст қайд кардааст, ки дар мавзуи ишқ ҳар қадар шоирон сухан гӯянд, боз ҳам ҷиҳатҳои

ногуфта ва нокушодаи он боқӣ мемонад ва боз ҳам достони ишқ тозагии дигаре пайдо мекунад, зеро ҳар кас ишқро вобаста ба тавоноии худ ва вобаста ба авотифи қалбии хеш тасвир менамояд [33, 35]. Мавзуи ғиноӣ, ки дар садри он ишқу муҳаббати инсонӣ қарор дорад, дар эҷодиёти шоирони чи даврони шуравӣ ва чи даврони истиқлолият инъикоскунандаи ормонҳои қалбиву ботинии адибони тоҷик мебошад. Ин ки муҳаққиқи эронӣ Марҷон Алиакбарзода дар хусуси мавзуи ишқ дар шеъри даврони шӯравии тоҷик навиштааст, ки мавзуи мазкур дар шеъри ин давра комилан таҳти таъсири ақоиди ҳоким қарор дошт, ба андешаи мо, қазовати беинсофона мебошад. Мазкур менависад: «Маъшуқ, вижагиҳои ӯ ва ҳатто далелҳои барҷастагӣ ва дилдории ӯ дар ин давра комилан бо тафаккуроти сотсиалистӣ ҳамхонӣ дорад. Бисёре аз шеърҳои ошиқонаи ин давра комилан рангу бӯйи коммунистӣ доранд ва ба таври комил ишқҳои сотсиалистӣ мебошанд» [27, 234]. Дар ин маврид ҳукми комил ва қатъии муҳаққиқи мазкур, ба андешаи мо, дур аз инсоф хоҳад буд. Масалан, дар нигоҳ ба ашъори даврони шӯравии Меҳринисо равшан мегардад, ки ҷиҳати тасвири ормонҳои қалбии хеш вай таҳти таъсири ақоиди ҳоким қарор нагирифтааст ва баёни матолиби ишқӣ дар ашъори ӯ ба таври басо шаффофу хориҷ аз ҳар гуна чаҳорчӯб сурат гирифтааст.

Адабиёт


1. Барги сабз (намунаҳои ашори шоирҳои шинохта ва навқалами тоҷик). Муқадимаи Гулрухсор.-Душанбе! Адиб,1987. -256с.
2. Меҳринисо. Дастони ман –дармони ту / Меҳринисо / занони Тоҷикистон. -1989. -4. –с.20-21.
3. Меҳринисо. Замзамаи зебоӣ/. Муҳаррир! Б.Юсуфов. .-Душанбе! Адиб,2001. –95с.
4. Меҳринисо . Меҳроби розам –модарам / Меҳринисо. Муҳаррир Аламхон Кучаров. -Душанбе! Адиб 2019. –133с.
5. Меҳринисо. Оҳанги зиндагӣ / Меҳринисо. Муҳаррир! Алишер Мирраҳим. .-Душанбе 2029. –579с.


## БУЗУРГДОШТИ ЗАН-МОДАР ДАР ГАЗАЛИЁТИ АШУР САФАР


**Шаробова М.Қ.**

**Донишгоҳи давлатии Данғара**


Бузургии зан-модар дар ашъори Ашур Сафар, бахусус ғазалиёти вай, яке аз мавзуъҳои назаррас дар эҷодиёти шоир ба шумор меравад. Ба

ин мавзуъ даст задани Ашур Сафар ҳанӯз аз солҳои аввали ба шоирӣ шуруъ кардани ӯ ба назар мерасад. Ашъори ба модар бахшидаи шоир қаблан дар саҳифаҳои рӯзномаҳои даврӣ манзури хонандагон гардида, баъдан дар маҷмуаҳои дастҷамъию алоҳида дар қатори дигар манзумаҳои шоир ба табъ расиданд. Чунончи, шеъри "Ширин модар" соли 1961 дар рӯзномаи "Тоҷикистони Советӣ" ва маҷаллаи "Машъал" шеъри дигари шоир таҳти унвони "Бедории модар" 13-уми майи 1962 дар рӯзномаи "Тоҷикистони Советӣ", ғазали "Оҳ, модар" 9-уми майи соли 1979 дар рӯзномаи вилоятии "Роҳи ленинӣ" ба табъ расиданд. Шеъри "Бедории модар" баъдтар, соли 1984 дар маҷмуаи дастҷамъие, ки таҳти унвони "Дили модар" ба бузургдошти модарон бахшида шуда буд, чоп гардид .

Адабиётшинос Юрий Бобоев қайд менамояд, ки зебоиписандӣ ва одобу эҳсони инсонӣ ҳам дар ҳаёт ва ҳам дар адабиёт бо номи зан-модар алоқаи зич дошта, зан ба ҳайси олиҳаи ҳусну рамзи ишқу муҳаббати инсонӣ ба ҳама таърифу тавсиф сазовор аст .

Модар дар манзари тахайюли шоир Ашур Сафар рамзи сӯхтану сохтан аст. Ӯ бар ин назар аст, ки сӯхтанро танҳо ба модар додаанд ва сӯзу дарди модар барои ҳар дард дармон аст:

Сӯхтанро гӯиё танҳо ба модар додаанд,
Оҳ, модар! Дарди ту ҳар дард дармон асту бас!

Дар модарномаҳои Ашур Сафар дар иртибот бо чигунагии муносибати шоир ба мавзуи зан-модар ду хусусияти умдаву назаррас мушоҳида мешавад. Дар навбати аввал, шоир зимни матраҳ сохтани мавзуи мазкур ҳайсият ва феълу хислати модарро аз забони худи зан-модар баррасӣ намуда, бо ин тариқ бузургии модарро тавассути худи вай таъйин месозад. Дар ҳолати дувум бошад, шоир ҳавасҳои ботинии модарро аз забони худ баён медорад. Яъне, дар тасвирҳову тавсифҳои аввал худи модар нақш дорад, дар дуюм нақши шоир ба ҳайси тасвиргар дар мақоми аввал қарор дорад.

Рӯзу шаб ҷӯшад ба дил бар бахти фарзандон ҳавас,
Аз ҳавасҳои дилам воқиф набошад ҳеҷ кас.
То саҳаргаҳ алла гӯям дар сари гаҳвора ман,
То ки гардад як замон тифлам маро фарёдрас.
Кӯдакам нолиш кунад, ҷонам барояд гӯиё,
Гар бихандад, зинда гардам гӯиё дар як нафас.
Фориғам дорад зи дарду ранҷ бедардии ӯ,
Метапам аз дарди ӯ чун мурғи победи қафас.
Ҳарфи нофаҳмаш ба ман з-овози булбул хуштар аст,
Гул ба пеши рӯи ӯ тобад ба чашмам хору хас.

Ғайри хобу роҳати тифлам нахоҳам давлате,
Давлати бедор дар дунёи ман ин асту бас.

Чунонки дида мешавад, баёни фикру андеша дар ғазали мазкур ба пуррагӣ аз ҷониби зан-модар сурат гирифтааст, шоир кореро, ки дар ин маврид ба анҷом расонидааст, суханони модарро ба риштаи назм кашидааст ва онҳоро ба истилоҳ манзум гардонидааст. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки ин ғазалро Ашур Сафар "Ғазали модар" унвон гузоштааст, дар ҳоле ки ғазалҳои вай аксаран беунвонанд. Шоир, гӯё, дар хилвати рози модар ворид гардида, ормонҳову ҳавасҳои қалбии ӯро ба килки тасвир кашидааст. Дар манзари хаёли шоир модар хушбахттарин инсон аст, қалби ӯ аз бахти фарзандон дар ҷӯш меояд.

Ҷон садқаи номи хушу ширини ту, модар,
Бо меҳри ту дар сина дилам ҳаст мунаввар.
Нури хиради туст ба ман шамси саодат,
Дар партави он гаштаам имрӯз ҳунарвар.
Ҳар як сухани туст маро нақшаи эҷод,
Аз туст ҳаме боғи муродам самаровар.
Бар номи ту аз шавқ даме хома биронам,
Дафтар шавадам пур зи ғазал аз паси дафтар.
Ҷуз васфи ту бар ман ҳаваси базми дигар нест,
Базми дигаре нестам аз васфи ту беҳтар.
Фирӯзии имрӯзаву фардо ба ман охир,
Бе ҳастии ту ҳеҷ намегашт муяссар.

Чунонки дида мешавад, аввалин байти ғазали мазкур ба таври басо содаву халқӣ матраҳ гардидааст, шоир бо ифодаи халқӣ ҷони худро садқа, яъне фидои номи хушу ширини модараш менамояд, аз он меболад, ки дили ӯ дар сина бо меҳри модараш мунаввар гардидааст. Дар зеҳни шоир модар чун шахси хирадманду аҳли дониш нақш мепазирад ва чунин андеша дорад, ки нури хиради модараш барои вай шамси саодат аст ва маҳз дар партави ҳамин нур аст, ки вай дорои ҳунари суханварӣ гардидааст. Шоир ҳамаи комёбиҳои имрӯзу фардои худро маҳсули ҳастии модараш медонад ва бар он аст, ки бе ҳастии модар ӯ бар ягон пешрафту такомул муваффақ намегашт.

Дар девони Ашур Сафар як ғазал бо радифи "модар" дида мешавад, ки аз ҳафт байт иборат буда, яке аз беҳтарин ашъори шоир дар мавзуи модар маҳсуб мешавад. Хусусияти назарраси ғазали мазкур иборат аз он аст, ки шахси модар дар он чун ғазали боло мушаххас нест, яъне таъаллуқ

танҳо бар модари шоир нест, балки он чеҳраи умумитар дорад, яъне зимни он шоир маънои умумии зан-модарро дар назар дорад:

Нагирам чашм аз дунёи модар,
Хаёлам банди ташвишҳои модар.
Ту гӯӣ ҳастӣ аз симоб дорад,
Ки бошад беқарор авзои модар.
Ба фарҳангам ба оби зар навиштам:
“Биҳишти тифлакон – маъвои модар”
Сафедиҳои роҳи мо ба олам
Бувад аз шири ҷонбахшои модар.
Сарам гар аз зафар то бар самояст,
Бигардад хам ба пеши пои модар.
Диламро мекушад дар сина ҳар дам
Камонгашта қади болои модар.
Ба одам одами дилсӯз кам нест,
Касе аммо нагирад ҷои модар.

Яке аз вижагиҳои қобили таваҷҷуҳ дар модарномаҳои Ашур Сафар тасвири сӯзу дард ва азобҳое мебошад, ки модари ӯ дар даврони хурдсолии фарзандонаш аз сар гузаронидааст. Бояд қайд кард, ки ин сӯзҳову дардҳои модари шоир ба замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ – солҳои 1941-1945 тааллуқ дошта, таассуроти нохушоянде аз солҳои наҳси ҷангӣ мебошанд. Чунончи, дар ғазале шоир ишорати возеҳ бар ин нукта намуда, чил солро ном мебарад ва мегӯяд, ки муддати чил сол мешавад, ки модараш бар асари солҳои гуруснагӣ дар хӯрдани нон истиҳолаву эҳтиёт мекунад, то мабодо фарзандонаш аз бенонӣ гурусна намонанд:

Муддати чил сол бошад модари ман ҳафтае
Мехӯрад ноне, ки он аз луқмае ҳам камтар аст.
Тарс дорад нон хӯрад, монанд гушна тифлҳош,
Наҳси ҷангу доғи он бар ҷони талхи модар аст.
Бо хаёле мурда асту бо муроде зинда ӯ,
Чашми бедор асту доим хоб рӯи бистар аст.
Дида пӯшад гар, набошад дар худу дар ҷои хеш,
Дида бикшояд, нигоҳаш дӯхта сӯи дар аст.
Ё саре хоҳад намояд сила бо борони ашк,
Ё худаш муҳтоҷ бар ғамхори болои сар аст.
Боварам н-ояд, гаҳе гӯянд занро мушти пар,
Модари ман лек зери бори ғам мушти пар аст.
Сӯхтанҳои варо гуфтам нависам бо қалам,
Сӯхт бунёди қалам, хуноби дил бар дафтар аст .

Ҳикмати ғазали мазкур иборат аз ин аст, ки шоир дар истиҳолаву эҳтиёткориҳои модар ҳисси ғамхориҳои модаронаи ӯро ифода намуда, бо ин тариқ шахси модарро дар назари хонандагон ҳамчун сарчашмаи меҳру муҳаббат нисбат ба фарзандон ва сӯзу гудози одамӣ тасвир менамояд.

Дар девони Ашур Сафар як шеър таҳти унвони "Як хона пур аз баччаву модар ба миёна" мавҷуд аст. Дар ин шеър Ашур Сафар ба ҳайси объекти тасвир модари худро madди назар дорад, зеро чунонки дар ҷо-ҷои ашъораш ишораҳо кардааст, модари ӯ серфарзанду сернабера буда, то даврони пиронсолӣ дар ҳалқаи онҳо зиндагонии хушу пурсаодат доштааст. Шоир модари худро чун моҳи ягона ва тифлони ӯро ситораҳои гирди он қаламдод намудааст. Гирди модар кӯдакону тифлонаш шӯру мағал мебардоранд, аммо модар аз ин ҳолат ғамгин нест, баръакс вай аз ин сарнавишти хеш хушнуду хуррам аст. Олами тифлон ормони қалбӣ ва орзуи ягонаи модар аст, ӯ аз назди онҳо хоҳони рафтани ҷойи дигар нест ва ба ҷуз аз ҳузури тифлон ба дунёи дигаре меҳру муҳаббате надорад. Як хандаи кӯдак ба вай умри ҷавон мебахшад ва як бӯсаи онон барояш аз сад лаззати дунё болотар аст. Дар қомати ҳар тифлу кӯдакаш модар ҷилваи фарди хешро ҷилвагар мебинад ва дар роҳравии ҳар кадоме аз онҳо ҳавасҳои ботинии хешро мешиканад. Шоир аз ин хонаи пур аз бачча, ки модар дар миёнаи онҳо чун моҳи ягона ҷилванамоӣ менамояд, меболад ва бо ифтихор мегӯяд, ки ободтар аз хонаи мо хонаи дигаре вуҷуд надорад:

Як хона пур аз баччаву модар ба миёна,
Тифлон ҳама истораву ӯ моҳи ягона.
Гирдаш чӣ аҷаб гиряву ҳам хандаву бозист,
Модар зи чунин шӯру мағал хурраму розист.
Аз олами тифлон наравад ҷои дигар ӯ,
Бас меҳр наварзида ба дунёи дигар ӯ.
Як хандаи кӯдак шудааст умри ҷавонаш,
Як бӯсаи кӯдак шудӣ сад кайфи ҷаҳонаш.
Дар қомати ӯ ҷилваи фардош бубинад,
Дар раҳравияш рӯи ҳавасҳош бубинад.
Як хона пур аз баччаву модар ба миёна,
Ободтар аз хонаи мо нестӣ хона [67, саҳ.108],

Дар ғазалҳои Ашур Сафар мавзуи зан-модар ва бузургии ӯ аз мавзуъҳои қобили таваҷҷуҳ ба ҳисоб рафта, бо рангингунагии тарзи баён ва эҳсосоти махсуси шоир диққати ҳар хонандаро ба худ бештар ҷалб менамояд

Адабиёт:

1. Сафар, А. Бемории модар / А. Сафар // Дили модар.-Душанбе, 1984. С. 85-86.
2. Сафар, А. Аз дафтари ғазалҳо / А. Сафар // Роҳи ленинӣ.- №121 (7359), душанбе, 19 июни 1982.
3. Сафар, А. Ғазалҳои нав / А. Сафар // Тоҷикистони Советӣ.-№ 172 (16.765), 26 июли 1981.

## НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Диловарзода Меҳрафрӯз**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

***Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибӯҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна 7,3% таъмин гардида, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 71 милиард ба 115 милиард сомонӣ расид ва ба ҳар як сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт.***

**(*Паёми Пешвои миллат аз 23.12.2023*)**

Дар таърихи ҳар як миллат рӯйдодҳое ба вуқӯъ мепайванданд, ки дар сарнавишти минбаъдаи он нақши ҳалкунанда дорад. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба тамаддуни аҳли башар пайваст намуда, дар тамоми самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои куллиро ба миён овард. Дар эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри 1991 бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, навишта шудааст, ки “Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳибият, истифода ва ихтиёрдории сарвари миллии республика ҳуқуқи том дорад. Замин, сарватҳои зеризаминӣ ва дигар захираҳои табиии республика, сирф, моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад...”

Истиқлолияти давлатӣ имкониятҳои беназирро барои шукӯфонии кишвар, эҳёи тамаддуни миллӣ, рушди оқилонаву пурсамари иқтисодиву иҷтимоӣ ба миён меоварад. Истиқлолият – ин соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти комили давлат дар танзими фаъолияти дохилӣ ва хориҷии кишвар аст. Истиқлолият ин неъмати бебаҳоро барои раҳоии давлати навбунёди тоҷикон, ки аз оташи ҷанги харобиовар ва ҳамчунин барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, таъмини волоияти қонун ва рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа заминаҳои мусоид фароҳам овард.

Ҳарчанд, ки дар солҳои аввали ба истиқлолият расидан дар назди миллат ва давлати навбунёди тоҷикон муаммоҳои зиёди иқтисодӣ, иқтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва бухрони иқтисодӣ ҳукмрон буд, мо тавонистем аз он саҳифаи аввали таърих, ки бар сари миллату давлати тоҷикон омада буд, ба саҳифаи навини таърих гузашта, орзуҳои неку созанда ва ояндаи дурахшони хеш бунёд намоем.

Тавре ҳамагон медонем, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дарТоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт, ки кишварамонро дар ҳолати ногувор қарор дода, иқтисодиёти онро хароб кард. Тавре аз таҳлили мутахассисону олимони иқтисоддон бармеояд, ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти кишварамон зиёда аз 10 милиард доллари амрикоӣ зарари моддӣ расонд. Аз ҷониби дигар, гусасташавии риштаҳои ҳамкории шарикӣ байни давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистонро ба бунбасти коммуникатсионӣ рӯ ба рӯ намуд. Сатҳи бекорӣ дар ин давра ба ҳадди ниҳоии худ расид. Сатҳи камбизоатӣ ба 80% расид, ки дар маҷмӯъ чунин вазъият ҳолати хеле ногуворро дар иқтисодиёти миллӣ ба миён овард.

Тавре, ки дар Паёми Пешвои миллат аз 23.12.2022 омадааст, дар панҷ соли охир сатҳи некӯаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонӣ соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуда, яъне 2,1 баробар зиёд гардид. Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд. Дар ин давра беш аз 900 ҳазор, аз ҷумла дар соли 2022 190 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуд, ки ба беҳтар гардидани вазъи шуғли аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуд. Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62% зиёд гардид.

Дар панҷ соли охир танҳо бароирушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44%-ро ташкил кард. Ҳамзамон бо ин, ба маълумоти вакилони муҳтарам ва ҳамватанони азиз расонида мешавад, ки дар 31 соли истиқлолияти давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта ба истифода дода шуд. Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гадид.

Дар баробари ин, то охири соли 2022 ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ кӯмаки молиявии яквақта дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловатан пардохт карда мешавад ва ба ин мақсад 285 милион сомонӣ равона мегардад. Дар робита ба ин, Ҳукумати мамлакатро

зарур аст, ки пешрафти устуври минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодиро дар сатҳи на кам аз 8% таъмин намояд.

Бо гузашти солҳо тахрих собит намуд, ки маҳз бо шарофати хизматҳои бузурги Сарвари хирадманди кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва хирад бузурги сиёсии ӯ Тоҷикистон ба сарзамини сулҳу салоҳ табдил ёфт. Дар муддати начандон тӯлонӣ Тоҷикистон ба рушди босуботи иқтисодӣ муваффақ гашт. Бинобар ин бояд иброз намоем, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи чунин шахсиятҳост, ки дар таҳким ва устувор сохтани пойдевори ин миллати бузург хизматҳои шоиста намуда, давлату миллати тоҷиконро бо сиёсати хирадмандонаи худ роҳбаладӣ карда, дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд.

Дар ин муддат  Тоҷикистони соҳибистиқлол дорои сохтори мукаммали идорӣ, Ҳукумати фаъол, Артиши миллӣ, ҳокимияти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рамзҳои давлатӣ, яъне Суруди миллӣ, Нишону Парчам ва дигар рукнҳои зарурии давлатдорӣ гадид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи иқтисодии ташаккулёбии хоҷагии миллӣ бо заминаи сиёсӣ, яъне соҳибшавӣ ба Объектҳои моликияти давлатӣ, бо молу мулки корхонаву муассисаҳо ва ташкилотҳои тобеи иттифоқ, воситаҳои асосии амвол, системаҳои робитаҳои дохилӣ, нақлиёт, алоқа ва энергетика, картография ва геодезияи ҷумҳуриявӣ моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси созишномаи ҷудогона имконият медиҳад, ки дар ҳудудаш объектҳои моликияти дигар ҷумҳуриҳои мустақил, давлатҳои хориҷӣ ва шахсони алоҳида вуҷуд дошта бошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои махсус таъсис карда сиёсати молия, қарз ва нархро мустақилона муқарар менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудудаш кори истихроҷ, коркард ва нигоҳдории тилло, дигар металу сангҳои қимматбаҳоро мустақилона анҷом дода, ба он назорат мекунад ва захираи тилло, алмос ва дигар сангу металҳои қимматбаҳои худро ташкил медиҳад. Заминаҳои иқтисодии ташаккулёбии иқтисоди миллӣ ба вазъи иқтисодие, вобаста аст, ки дар он низоми хоҷагӣ амал мекунаду инкишоф меёбад. Вазъи иқтисодиро асосҳои қонунгузорӣ муайян карда, муносибатҳои моликият ва шаклҳои ҳуқуқию ташкилии хоҷагидориро ба танзим медароранд.

Соҳибистиқлоливу ташаккулёбии иқтисоди миллӣ ва гузариш ба бозор – ин ду чараёни бузург дар Тоҷикикистон дар як давра ба миён омаданд. Ин ҷараёнҳо бе таърих ва ба таври қатъи гузаронидани табаддулоти куллии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоиро ба рӯзномаи ҳаёти ҷомеа гузоштанд.

Аз ин рӯ, зарурат ба вуҷуд омад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида ва қабул намудани як қатор барномаҳои давлатӣ муҳим буд. Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1995,

2000, Барномаи миёнамуҳлати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, таҳияи стратегия, консепсияҳо, барномаҳои гуногунмӯҳлати тараққиёти соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ аз ҷумлаи онҳо буданд.

Самти дигаре, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳадафи олӣ барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ мебошад. Муаммоҳои дигаре, ҷой доштанд, ин набудани роҳҳои автомобилгарде буд, ки Тоҷикистонро бо дигар давлатҳои ҳамсоя пайваст менамуд. Дар ин самт низ корҳои хеле назаррас ба анҷом расонида шудаанд, ки барои инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти кишвар мусоидати калон мекунад. Боиси хурсандист, ки бо кушодашавии нақбҳои "Истиқлол", "Шаҳристон", "Хатлон" ва "Шаршар" Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионии дохилӣ пурра раҳо ёфта ба як сарзамини воҳид табдил ёфт.

Дар қатори ин дастовардҳое, ки дар боло дарҷ гардиданд, дар тамоми соҳаҳои дигар низ пешрафтҳои иқтисодӣ ба чашм расида истодааст. Натиҷаи ҳамин аст, ки рушди устувори иқтисоди миллӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат соли 2022 ба андозаи 8% таъмин гардид, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои беҳтарин мебошад. Мо боварӣ дорем, ки оянда дар якҷоягӣ метавонем ин нишондиҳандаҳоро якчанд маротиба зиёд намоем. Бо ин мақсад Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул карда шуд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи некӯаҳолии мамлакат рӯз то рӯз хубтар шуда, ваҳдати миллӣ аз ҳар сокини ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад. Боварии комил дорем, ки дар натиҷаи якдиливу ҳамбастагии миллӣ халқи тоҷик метавонад Тоҷикистони азизро ба як давлати рушдёфта табдил диҳад ва номи тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун миллати бофарҳангу бомаданият муаррифӣ намоянд.

## Адабиёт:


1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 20- умин солгарди Иҷлосияи 16 – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 ноябри соли 2012, ш. Хуҷанд.
2. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2023.
3. Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 23 декабри соли 2022.

4. Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ, Душанбе 2001.

## САБАБҲОИ АСОСИИ ДАСТ ЗАДАНИ ҶАВОНОН БА ҶИНОЯТ

**Гулзода Н.А.**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Сатҳи инкишоф ва тамаддуни ҳар як ҷомеаро омилхои зиёде муайян мекунанд, ки дар байни онҳо мақому манзалати ҷавонон дар ҷомеа ва риояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд. Зеро ҷомеае, ки дар он ҳуқуқу озодии шаҳрвандон, алалхусус ҷавонон муҳофизат намешавад, наметавонад худро ҷомеаи озод, демократӣ ва ҳуқуқбунёд гуяд.

Дар ин самт қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Низомнома дар бораи комиссияҳо оид ба ноболиғон » мавқеи ҳалкунандаро доро буда, ҳуҷҷати тақдирсозест дар тарбияи ҳуқуқии ҷавонону наврасон ва баланд бардоштани мақоми онхо дар бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд, умуман пешрафти ҷомеаи озод ва насли навраси миллати кӯҳанбунёди тоҷик.

Дар баробари он санадҳое, ки дар ҷумхуриамон оид ба ноболиғону ҷавонон қабул шудааст, дар сатҳи байналмилалӣ низ қонуну санадҳои зиёде оид ба ноболиғону ҷавонон қабул шуда, ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро ҳифз ва аз роҳи ҳуқуқвайронкуни ҷинояткорӣ боз медорад.

Пеш аз он, ки оид ба ҷавонон ва ноболиғон сухан ронем, мо бояд донем, ки кадом категорияи шахсонро ҷавонон ва кадом категорияи шахсонро ноболиғон ташкил медиҳанд. Мутобиқи моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон». Ҷавонон ин гурӯҳи иҷтимоию демографие, ки шахсони ба синни 14 то 30 – соларо дар бар мегирад. Аз рӯи нишондоди қонуни мазкур ноболиғон, ин шахсони аз рӯзи таваллуд то синни 14 соларо муқарар сохтааст.

Тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, алалхусус ҷавонон ва ноболиғон кафолати асосии расидан ба ҷомеаи озод, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва соҳибистиқлол буда, ин амр вазифаи аввалиндараҷаи тамоми аҳли ҷомеа, ниҳодҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Таъмини ҳуқуқи ноболиғон ба ҳаёт ва саломатӣ, инкишоф, таълиму тарбия ва ҳалли дигар мушкилоти ҳуқуқии онҳо дар маркази диққати аҳли сайёра қарор дошта, аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) қабул шудани Эъломияи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак,

Конвенсияи ташкилоти байналмилалии меҳнат оид ба манъ ва тадбирҳои фаврӣ оид ба барҳам додани шаклҳои мухталифи меҳнати вазнини кӯдак, Протаколҳои факултетивии Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак марбут ба иштироки кӯдак дар низоъҳои мусалаҳона ва хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакона ва як қатор санадҳои ба ин алоқаманд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ба тасвиб расонида аз он ҷумла Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Низомнома дар бораи комиссияҳо ба корҳои ноболиғон», эътироф намудааст, шаҳодати андешаҳои зикрёфта мебошад.

Дар баробари қабул намудани чанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҷавонон ва ноболиғон, чӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва чӣ дар сатҳи миллӣ, гарчанде ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти кӯдакону ҷавононро пурра дар бар гирад ҳам, боз аз тарафи ноболиғон ва ҷавонон ба ҳуқуқвайронунӣ ва ҷинояткорӣ роҳ дода мешавад. Сабабаш дар чист?

Бо пош хӯрдани Империяи Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар ба вазъи сиёси, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири менфие гузошт. Ва ин омилҳо сабабҳои асосии фалаҷшавии истеҳсолот, пастравии сатҳи иқтисодиёт, зиёдшавии бекории ҷавонон, коҳишёбии маънавиёт ва одобу ахлоқи ҷомеа, пеш аз ҳама ҷавонон ва наврасон гардида, сатҳи қашшоқии аҳолиро боло бардошт. Ва ин вазъи ногувори иҷтимоиву иқтисодӣ боиси афзоиши ҷинояткорӣ ва қонуншиканиҳои гуногун, алалхусус бо истифода аз зӯровари ва бераҳмиву дағалӣ аз ҷониби ҷавонон ва наврасон гардид, ки ин сабаби ташвиши асосноки роҳбарияти сиёсии Тоҷикистони тозабунёд буд.

Дар чунин вазъияти ногувор, алалхусус ба ноболиғон ва ҷавонон, чӣ аз тарафи падару модар ва чӣ аз тарафи дигар мақомоти дахлдори давлатӣ назорат кам гардид. Кӯдакон зеби ҳаётанд. Барои хуб гузаронидани ҳаёти кӯдакиашон бояд ҳар шахси калонсол кӯшиш намоянд. Мутаассифона, дар шароити имрӯзаи Тоҷикистони мо кӯдакони бепарастор хеле зиёд шудаанд. Гунаҳгори ин ҳолат ҷанги дохилӣ гардид, ки дар натиҷа касе аз паи тарбият кардани кӯдак нагардид ва шароити номусоиди зиндагӣ бачагони ноболиғро маҷбур сохт, ки ба ҳама гуна корҳои вазнин машғул шаванд. Масалан, ба фурӯши маводи тамоку, нушокиҳои спиртӣ, аробакашӣ, мошиншӯӣ, аз ҳама нанговараш ҳамин, ки ба дуздӣ ва кисабурӣ даст мезананд.

Барои ёфтани як бурда нон писарбачагон бо азобу машаққати зиёд ба корҳои вазнин даст мезананд, мошинҳоро идора мекунанд, рӯз то бегоҳ пояшон дар оби хунук мебошад, ки ин ба саломатии онҳо зарар дорад.Ба мо маълум аст, ки мактабҳои миёна низ аз бисёр ҷиҳатҳо пулакӣ шуданд, оилаҳои камбизоат ин маблағҳоро дастрас карда наметавонанд, аз ин рӯ

кӯдакон маҷбур мешаванд, ки барои пули мактабро ёфтан меҳнат кунанд. Ҳатто баъзеи онҳо ҳаваси мактабхониро надоранд ва мехоҳанд, ки кор карда пул ёбанду зиндагиро пеш баранд.

Дар моддаи 28 Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак, ки ҳамчун ҳуҷҷати Умумиҷаҳонӣ аст ва Тоҷикистони мо низ онро эътироф кардааст, чунин омадааст: Кӯдак ба таҳсил ва истироҳату фароғат ҳуқуқ дорад. «Кӯдак ба маълумот ҳуқуқ дорад ва вазифаи давлат аз он иборат аст, ки маълумоти ибтидоии ҳатмӣ ва бепулро таъмин намояд».

Дар моддаи 32 Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак омадааст, ки «Давлатҳои иштирокдор ҳуқуқи кӯдакро барои ҳимоя аз истисмори иқтисодӣ бояд эътироф кунанд».

Бояд гуфт, ки дар ҷаҳони муосир миллионҳо кӯдакони ноболиғ аз ҷониби калонсолон ба меҳнати мушкилу вазнин ҷалб карда мешаванд, ки ин бевосита ба ҳаёт ва саломатии онҳо зарари калон дорад. Мушкилиҳои зиндагӣ, сатҳи пасти иқтисодии оила, музди ночизи падару модар сабабгори асосии қурбонии истисмори иқтисодӣ гардидани кӯдакон ва аз бар накардани илмҳои замонавӣ мегардад. Оиди ин масъала қариб ҳамарӯза мову шумо дучор мегардем вале ин масъаларо касе ҳал намекунад. Барои ин ҳама корҳо аз сабаби сатҳи пасти зиндагӣ бештар падару модар кӯдаконашонро ҳавасманд мекунанд, ба мактаб рафтан ва дарс хондани кӯдакон барои онҳо ҳеҷ аҳамияте надорад аз ҳама муҳимаш бо кадом роҳе, ки набошад, бояд кӯдак пул кор кунад, гарчанде ки мувофиқи талаботи м.63-и кодекси оилаи ҶТ падарону модарон вазифадоранд, ки фарзандони худро тарбия намоянд, дар бораи инкишофи ҷисмонию ахлоқӣ, таълим, ва тайёр кардани онҳо ба фаъолияти фоидаовари ҷамъиятӣ ғамхорӣ бояд кунанд.

Дар таҷрибаи кории мақомотҳои таҳқиқи ибтидои ҷудо-ҷудо бо наврасон ва ҷавонон, тадбирҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ суст истифода бурда мешавад. Дар тадбирҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ бисёртар чорабиниҳои «хусияти умумидошта» афзалият доранд, ки қисми зиёдашон гирифтори расмиятпарастии хушку холианд. Як қатор мақомот ваколатдори давлатӣ дар фаъолияти касбию хизматии худ бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, бо комиссияҳо оид ба корҳои ноболиғон ва ҷавонони назди онҳо, бо муассисаҳою идораҳои маорифу маданият, маърифат, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, коллективҳои меҳнатӣ, варзишӣ, алоқамандӣ ва ҳамкории надоранд. Ин ба таври ҷиддӣ ба самаранокии корҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ, ки дар сохти чорабиниҳо дар мубориза бо бепарасторӣ ва ҳуқуқвайронкунии

ноболиғон ва ҷавонон бояд ба ҷои аввал гузошта шавад, таъсир мерасонад.

Ба иҷрои бечунучарои қонунгузорӣ вобаста ба ошкор ва бартараф кардани сабабу шароитҳое, ки ба содиршавии ҷиноятҳо мусоидат намудаанд, таҳқиқи ҳамаҷонибаи шахсияти ҳуқуқвайронкунандаи ноболиғ ва шароити тарбияи вай, талаботи қатъӣ талаб мекунад.

Дар баробари риояи дигар ҳуқуқҳои ноболиғон ва ҷавонон сухан ронда, зарурияти ба қайд мондан аст, ки мувофиқи Кодекси меҳнат дар корхонаҳо, ташкилотҳо ва мақомоти давлатӣ барои ба кор қабул кардани ҷавонони то синни 18, ба хатмкунандагони омӯзишгоҳҳои касбӣ- техникӣ ва ҷавононе, ки донишгоҳҳои олиро хатм намудаанд имтиёзҳо дода шаванд. Мақомоти шуғли аҳолӣ ва худидораи ноҳиявию шаҳрҳо нақшаи ба кор таъминкунии ҷавононро тартиб медиҳанд ва ба он ҷавонони омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ хатм кардаро ба назари эътибор гирифта, онҳоро барои кор ба ихтиёри корхона, муассиса мефиристанд. Дар ҳолати ба кор қабул накардани ҷавонон, прокурор ба муассиса амрнома, ва дигар санадҳои ҳуқуқии таъсиррасонии прокурорӣ мефиристад, ки онҳо барои иҷро хатмианд. Ба прокуророн зарур аст, ки назорати қатъиро барои он ба амал бароранд ва талаби қонун дар бораи ба ноболиғон муҳайё кардани имтиёзҳои муайян: манъ будани иҷрои корҳои вазнин, корҳои шароити зарароvarу хавфнок, корҳои зеризаминӣ бечунучаро риояю иҷро гардад. Меҳнати ноболиғонро дар корҳои зиёда аз вақти муқарарӣ, дар рӯзҳои иду истироҳат истифода бурдан манъ аст. Дар Кодекси меҳнат давомнокии вақти кории ноболиғони аз синни 14 то 15 дар як ҳафта 24 соат ва барои ноболиғони синни 15 то 18 на зиёда аз 35 соат дар як ҳафта муқарар шуда, ҳафтаи кории кӯтоҳкарда- шуда ва додани музди кории имтиёзнок пешбинӣ шудааст.

Ба ҳама маълум аст, ки сабаби ба кирдорҳои ғайриқонунӣ даст задани ҷавонон, алалхусус насли наврас- ин дур будан аз таълиму тарбия, набудани назорати доимӣ ва кофӣ, чӣ аз тарафи волидайн ва чӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ, ки вазифаашон тарбия намудани ноболиғон ва ҷавонон мебошад, ва аз ҳама муҳимаш ин вазъи иқтисодии оилаҳои онҳо аст.

Чуноне ки дар боло қайд намудем, мо тамоми аҳли ҷомеа ва илму маориф вазифадор ҳастем, ки ҷавонон, махсусан насли наврасро бо ҳамон услубе, ки барои ба роҳи рост ҳидоят намудани онҳо зарур аст, тадбирҳо андешида, ноболиғон ва наврасонро аз кирдорҳои ба ҷамъият зараровар манъ намуда, ба корҳои ба ҷамъият фоидаовар раҳнамун созем то ки наврасон ва ҷавонон аз ин корҳои ношоям даст кашанд ва дар роҳи рост раванд.

**АДАБИЁТ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе: 2003.- 86 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»
3. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, Нодир: 2011.- 151 с.
4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратура».- Душанбе, 11 марти соли 1996, №290
5. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, Нодир: 2011.
6. Воронина. О. Женщина в «Мужском обществе».// Перестройка семьи, семья перестройке. – М., 1999

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии Тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, алалхусус ҷавонон ва ноболиғон кафолати асосии расидан ба ҷомеаи озод, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва соҳибистиқлол мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф мафҳумҳои «ҷавонон» ва «ноболиғон» -ро муайян намуда, таснифоти гуногуни онҳоро баррасӣ намудааст. Пеш аз он, ки оид ба ҷавонон ва ноболиғон сухан ронем, мо бояд донем, ки кадом категорияи шахсонро ҷавонон ва кадом категорияи шахсонр ноболиғон ташкил медиҳанд.

**Калидвожаҳо:** ноболиғ, ноболиғон, ҷавонон, тарбия, тарбияи ҷавонон, роҳҳои пешгирии ҷиноят.

## ПРЕЗИДЕНТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВОҚЕАН ПЕШВОИ МИЛЛАТ - АДОЛАТ ВА ВОҚЕИЯТИ ТАЪРИХ...

**Раҳмонова М.Р.**

**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Тоҷикистони азизу ягона ва озоду соҳибихтиёри мо, ки узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид мебошад, имсол 30-солагии худро бо шукӯҳу шаҳомати зиёд таҷлил менамояд. Ин ҷашн агар аз як тараф дар фазои худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстию ватанпарастии кулли шаҳрвандони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сурат гирад, аз тарафи дигар дар ҳолате амалӣ мегардад, ки аз музаффарияту дастовардҳои халқи Тоҷикистон бадхоҳону душманони вай ба ҳарос афтода, бо ҳар роҳу воситаҳо мехоҳанд, ки ба рушду нумӯъ ва тараққиёти Тоҷикистон халал эҷод намоянд. Албатта ин ниятҳои муғризонаву нопоки бадхоҳони миллат ҷомаи амал нахоҳад пӯшид ва ҳақ ба ҳақдор мерасаду душманони миллат дар назди қонун ҷавоб хоҳанд дод.

Аз оғози эҳьёи Тоҷикистони навин то имрӯз, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон манбаи илҳоми ҷомеа ва қутбнамо, асосгузор ва илҳомбахши ғояи ваҳдати миллӣ ва Раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Раиси Анҷумани тоҷикон ва ҳамзабонони бурунмарзии

мо мебошанд ва бо ифтихор метавон гуфт, ки бо ҷаҳду талошҳои ватанпарастонаашон Тоҷикистонро ба сангари ягонаи донишу фарҳанги ҳамватанон ва тоҷикони ҷаҳон, ҷилвагоҳи воқеии фарҳанги ростини форсии тоҷикӣ табдил доданд. Оняндаи неки давлату миллатро дар сулҳу салоҳ мебинанд ва онро ба дигарон талқин менамоянд. Асоси ин ниятҳои нек ва ватанпарастонаро, ки ҳамдиёрону дӯстонро ва ҳатто рақибони таърихии моро ба тааҷҷуб овардааст, ғояи «Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» ташкил медиҳад. Таърихан чунин ғояҳо дар садсолаҳо ва ҳатто ҳазорсолаҳо як бор тавлид ва амалӣ мешаванд ва асосгузору амаликунандаи онҳо фардҳои аз ҷиҳати маънавӣ ва зеҳнӣ тавоно мебошанд. Воқеан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дорои чунин хислатҳои накӯ ва фарҳанги воло мебошанд. Ҳамин ғояи ваҳдати миллӣ ва эҳёи Ватан аст, ки ҳамчун тӯфон амалҳои зишти фардҳо ва гурӯҳҳоеро, ки ба рушду нумӯи Тоҷикистон зарар меоранд, ба нестӣ бурда истодааст.

Сабурӣ, ботамкинӣ ва заковати ӯ барои ба ҳам омадан ва якдигарбахшии халқи тоҷик мусоидат намуд, чунки худи эшон аввалин шуда ба бахшиш ва авф рӯй оварданд. Дар лаҳзаҳои барои Ватан ҳассос ва тақдирсоз дар назди ягон ақидае, фарде ва ё ташкилоте, ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи он сар нафароварда, бо ниятҳои неки худ содиқ монда, Роҳбару Пешвои воқеии халқи тоҷик ва Пешвои асри XXI буданашонро исбот намуданд.

Хушбахтона, бо амри тақдир аз рӯзҳои аввали Сарвари давлати тозабунёди Тоҷикистон интихоб шудани Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то имрӯз, дар раванди заҳмату ҷонбозиҳо, талошу устувории қавлу амали Сарвари давлат дар ҷодаи ватансозиву ватандорӣ, ҳамеша дар радифи ҳаммаслакону ҳамсафон ва ҷонибдорони ин роҳбари хирадманд қарор дорем. Худованд ба ин абармард бузургтарин истеъдодҳоро додааст. Пеш аз ҳама меҳри беандоза ва Ватан-Модар доранд. Ҳамин меҳру муҳаббат буд, ки аз рӯзҳои аввали Роҳбари давлат интихоб шуданашон парешонии ҷомеаи Тоҷикистон ва дилҳои пур аз кинаву хусумати мардумони минтақаҳои гуногуни онро беҳтару равшантар аз дигарон эҳсос менамуданд ва суханони худододи дар он лаҳза гуфтаашон, ҳамватанони ба гирдоби фоҷеа гирифторро хоҳу ноҳоҳ ба андешаи рӯй овардан ба ваҳдат ва даст кашидан аз худкушӣ водор сохтанд. Ҳамин меҳру муҳаббат буд, ки ҷомеаи парешонгаштаву навмедгардидаи тоҷиконро зери ғояи Ваҳдати миллӣ ба ҳам оварда, девори устувору бегазанди соҳибистиқлолиро бунёд сохтанд. Ин амали неки Пешвои муаззами тоҷикони дунё Эмомалӣ Раҳмон идомаи

таъбири ватанпарастона ва пурифтихори амир Исмоили Сомонист, ки фармуда буданд «то ман зинда ҳастам, девори Бухороям».

Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои фоҷеабори 1992-1993-и давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон бо амалҳои ҷавонмардона ва шуҷоатмандонаи худ дар дили шаҳрвандон, тоҷикистониён шӯълаи умедро ба фардои нек меафрӯхтанд. Бо қаҳрамонии ба худ хос, тавассути чархболи муддатҳои тӯлонӣ истифоданашуда ба Хусдеҳи Афғонистон парвоз карда, вохӯриву суҳбатҳои самимонаву ватанпарастона ва самаранокашон бо мухолифини давр ва сазовори эҳтирому эътиқоди лашкаркаши маъруфи тоҷиктабори Афғонистон марҳум Аҳмадшоҳи Масъуд гардиданашон яке аз лаҳзаҳои зиндагиномаи пуршарафи ин марди Худо мебошад.

Роҳбари давлат қадами неку файзбор доранд, ки аз ниятҳои некашон бармеояд. Ҳама ёд дорем ва шоҳид ҳастем, ки дар чандин ҷашнҳои таҷлили Иди Наврӯз, ки осмон боронӣ буду мардум Сарвари худ, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро бетоқатона интизорӣ мекашиданд, бо расидани қадами муборакашон офтоб аз паси абрҳо баромада шодиву фараҳи одамонро даҳчанд мегардонд.

Бояд қайд намоем, ки эшон ба ояндаи неки Ватани худ боварии беандоза доранд ва бо ин рафторашон дили ҳамватанони худро ҳамеша гарм месозанд. Дар ҳама ҷабҳаҳо нияти нек доранд ва амалҳои худро низ бо нияти нек оғоз менамоянд. Чунин амал намудан аз рӯйи ҳадиси Паёмбар Ҳазрати Муҳаммад (с) мебошад, ки «нияти нек беҳ аз амал» фармудаанд. Ҳамин нияти неки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст, ки нақшаҳои ватансозиашон бемайлон амалӣ мегарданд ва обрӯву эътибори давлати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ пайваста меафзояд.

Фикр мекунем, ки муаллифони даъвоҳои беасосу бепоя ва бӯҳтону ҳангомаҳо, танқидҳои беадолатонаву таҳқиромезона нисбати давлати навбунёди тоҷикон, ки солҳои охир дар сомонаҳои интернетӣ ва нашрияҳои ватаниву хориҷӣ ба табъ мерасанд ё тоҷик нестанд ва ё бо ном тоҷик мебошанд. Аз ҳама аламовараш он аст, ки баъзе ашхоси Ватанро бо сабабҳои гуногун тарккарда, аз ҷумлаи бадхоҳону душманони миллат буда, аз номи Тоҷикистону бо номи Тоҷикистон ба давлатҳои хориҷа мераванд ва ниятҳои зишти худро дар бораи Тоҷикистон гуфтаву нашр карда, манфиат мегиранд. Яъне, танҳо худи номи Ватан-Модар ҳатто фарзандони нохалафро ҳам шафоат мебахшад. Аммо тоҷики асил шукри истиқлолияту озодии Ватанро карда, барои равшании роҳи рушду озодии он ақаллан як шамъе меафрӯзаду шамъҳои афрӯхтаи ҳаммилатони худро зери по намекунад, агарчӣ дар Ватан ва ё берун аз он қарор дошта бошад.

Тоҷики асил нияти нек дорад, чунонки Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон худ ҳамеша нияти нек доранду новобаста аз амалҳои бадхоҳону душманони миллат, Худованд роҳи он касро кушодаву равшан кардааст. Ва фикр мекунем, ки Паёмбари Худо ҳам ӯро шафоат мекунад, охир Президенти мо таҷассумгари симои тоҷик ва амаликунандаи орзуву ормонҳои ҳазорсолаҳои гузаштагони ин миллат мебошанд.

Ба ростӣ мисли Президенти Тоҷикистони навин ҷуръати беандозаву нангу номуси баланди миллӣ бояд дошт, то ки ҳар як амали худро ба хотири манфиати Ватан иҷро намуд, дар ҳоле, ки мо акнун баъди ҳазорсолаҳо, ҳамагӣ 25 сол мешавад, ки давлати соҳибистиқлол дорем. Баъзан зумрае аз мансабпарастону бадхоҳони давлати навбунёди тоҷикон дар суханрониҳои худ нисбати ҳадафҳои созандаву бунёдкоронаи Роҳбари давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шубҳа ва нобоварӣ изҳор намуда, такрор ба такрор «агар ин истиқлолияти энергетикӣ амалӣ шавад…» ва ё «то ин истиқлолият амалӣ мешавад, ки …» гуфта дар дили мардум эҳсоси яъсу навмедиро ҷой карданӣ мешаванд. Вале сад афсӯс, ки эшон дар фикри анҷом додани ягон амали нек ё гуфтани сухани хубе барои Ватан ҳам нестанд. Бисёре аз онҳо мусулмон, намояндагони дину мазҳаб ва ҳизбҳо мебошанд, ки аз ҳадиси дар боло зикрёфтаи Паёмбар Ҳазрати Муҳаммад (с) шояд бохабар набошанд. Дар лаҳзаҳои тақдирсозу мушкилбори Ватан нияти неки ҳамватанони худро дастгирӣ намудан ҳам фарзу ҳам қарз мебошад ва шубҳа наовардан ба ҳадиси дар боло зикршудаи Паёмбари ислом аст.

Ҳамаи онҳое, ки ба ниятҳои неки ватансозиву ватанпарастии Президенти Тоҷикистон, ки аз ҳамин ҳадиси муборак сарчашма гирифтаанд, бо шубҳа назар мекунанд, имонашон коста мебошад.

Дуои неки Президенти хирадманди Тоҷикистон дар анҷоми мулоқоташон бо аҳли ҷамоатчигии мамлакат хеле орифонаву самимона аст, ки гуфта буданд: «ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон саломатӣ ва тавфиқу комёбиҳо орзу намуда, ба даргоҳи Худованди мутаол ва Офаридгори замину осмонҳо дуо мекунам, ки амну амонии мулкамон, сулҳу суботи мардуми кишварамон ва хонаободии ҳар сокини Ватани маҳбубамонро поянда гардонад. Ҳамаи моро ба роҳи рост ҳидоят намояд, мамлакати моро аз офатҳо нигаҳбон бошад ва раҳмату баракати худро ба ин сарзамин зиёда гардонад. Мардуми ин диёрро зиндагии орому саодатмандона насибу рӯзӣ созад, ҷавонони ин миллатро дар паноҳи худ нигаҳбон бошад ва ба онҳо тавфиқи зиндагӣ ато фармояд!»

Албатта ин аввалин дуои Сарвари давлат набуд. Ба ёд орем, суханрониву табрикоташонро дар симпозиумҳои байналмилалӣ ва маъракаҳои дигари ватанӣ тайи солҳои гузашта, ки даст ба дуо бардошта

аз Худо амалӣ шудани ниятҳои неки худро таманно мекарданд. Умуман оғозу анҷоми ҳамаи суханрониҳояшонро Ҷаноби Олӣ бо нияту орзуҳои нек ва ҳидояту дастурҳои падарона ҷамъбаст менамоянд, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ орзуи онро доштем, ки дар маҷлису маҳфилҳои ҷумҳуриявӣ, ки бо ширкати Президенти мамлакатамон баргузор мегардиданд худи Ҷаноби Олӣ дуо кунанд. Ҳамон рӯз ин дуои Роҳбари давлати Тоҷикистон ба аҳли ҷамоатчигии мамлакат, аз ҷумла руҳониёни кишвар ба маврид ва рамзӣ садо дод. Маълум аст, ки дар ҳама давру замон, дар ҳамаи давлатҳои дунё, аз ҷумла дар давлатҳои мусулмоннишин ва ё мисли давлати Тоҷикистон, ки аксарияти кулли мардумаш мусулмонанд, сухани аввал сухани Президент ва ё Подшоҳ, ки сояи Худост, мебошад. Яъне дуоро низ барои раият Президентамон, ки хонаи Худоро зиёрат кардаанд, барҳақ хонданд ва тибқи ривоятҳо дуои Подшоҳ-Президенти кишвар албатта мустаҷоб мегардад. Дар ин бора мутафаккири тавонои асрҳои миёна Муҳаммад Ғаззолӣ дар асари худ «Насиҳат-ул-мулк» чунин фармудааст: «Бидон ва огоҳ бош, ки Худои таоло аз бани одам ду гурӯҳро баргузид (интихоб кард) ва ин ду гурӯҳро бар дигар фазл ниҳод: яке пайғамбарон ва дигар мулук (подшоҳон). Аммо пайғамбаронро фиристод ба бандагони хеш, то эшонро (онҳоро) ба вай роҳ намоянд ва подшоҳонро баргузид, то эшонро аз якдигар нигоҳ доранд ва маслиҳати зиндагии эшон дар эшон баст ба ҳикмати хеш ва маҳалле бузург ниҳод эшонро. Чунонки мегӯянд «ассултону зиллу-л-лоҳи фил-арз» , яъне Султон-Подшоҳ сояи Худо дар рӯйи замин аст.

Тамоми далелу асосҳои раднопазире, ки ишора намудем гувоҳи он мебошанд, ки орзуву ормонҳои тоҷикистониён амалӣ гардид ва рӯзи 9-уми декабри соли 2015 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат»-ро якдилона қабул ва тасдиқ намуд. Ин шаҳодати гуфтаҳои болост, ки воқеан Президент офаридгори сулҳу Ваҳдат ва пешвои миллати тоҷик аст, ки ин адолат ва воқеияти таърих мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки Президенти ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали фаъолият то имрӯз нисбат ба соҳаи маориф пайваста ғамхорӣ зоҳир менамоянд. Бунёди муассисаҳои таълимии ҳозиразамон, таҷҳизонидани онҳо бо технологияи муосир ва ҳамасола баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаи маориф далели гуфтаҳои боло мебошанд.

Таҳлилҳо воқеан нишон доданд, ки хидматҳои Пешвои миллат, Президенти мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди Ватан ва миллат бо саҳме, ки Авраам Линколн, Шарл де Голл, Камол Отатурк, Фон

Бисмарк ва дигар шахсиятҳои сиёсии сатҳи ҷаҳонӣ дар замонҳои гуногун барои рушди кишварҳои худ гузоштаанд, метавон қиёс намуд.

Тоҷикистон Ватани таърихӣ ва аҷдодии тоҷикони дунё, хонаи умеди имрӯзу фардои тоҷикистонист.

Воқеан ҳам агар он ҳаққу ҳуқуқе, ки Худованд ба мо – тоҷикон додааст, он воқеияту адолати таърихиро, ки барои миллати мо насиб гардонидааст дарк намоем, бояд ҳамеша аз соҳибдавлат будан, аз Президент доштан ва аз тоҷик будани худ ифтихор намоем.

Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,
ҳабиби мост,
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

**Адабиёт:**


1. Проблемы семьи и детства в современной России: Материалы научно-практической конференции: Ульяновск, декабрь 1991 г., ч. 2. - М., 1992.
2. Каримова М. Т., Муъминова Ф.М., Бохирова С.С. Ташкили кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2010.
3. Клименкова Т.А. – Насилие как основа културы патреархального типа // гендерный клейдоскоп. – 2006.


## ПАЁМ - САРЧАШМАИ РУШДИ УСТУВОРИ ЗАН ДАР ҶОМЕА


**Валиева Ф.Б., Зиёева Қ.Д.**

**Донишгоҳи давлатии Данғара**


***“Мо тасмим дорем, ки ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшем, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ба нерӯву ташаббусҳои онҳо ҳамеша эътимод дорем”.***

**Э. Раҳмон.**

Мувофиқи консепсияи инкишофи муосири тамаддун, принсипҳои нав ва меъёрҳои шаҳрвандӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар мадди аввал масъалаи озодӣ ва инкишофи ҳаматарафаи зан истодааст. Аммо, то ба имрӯз дар ягон кишвари ҷаҳон занон имконияти мардонро надоранд. Ин масъалаи доғи рӯз дар Тоҷикистон низ ҷой дорад. Баъди пошхӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳолати занон ба якборагӣ паст шуд. Яке аз сабабҳо ин ҷанги шаҳрвандӣ бошад, дигар омилҳо ба мисли: ноустувории дохилӣ, паст шудани тараққиёти иқтисодӣ, урфу одат ва анъанаҳои динӣ мебошанд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол тӯли панҷ сол дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ буд, ки ба давлат зарари калон овард. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ба Тоҷикистон зиёда аз 10 млрд. Доллари ИМА зарари иқтисодӣ расонидааст. Зиёда аз ин ба сохтори ҷамъияти ҷавон низ зарари калон овард. Оқибати дигари ин ҷанг кам шудани аҳолӣ мебошад, дар ҷанги шаҳрвандӣ 150 000 нафар одам кушта шуда, 25 000 занон бева, 55 000 кӯдакон ятим монданд ва қариб як миллион одамон гуреза шуданд.

Ҷанги шаҳрвандӣ ба муносибатҳои миёнаи мардон ва занон низ таъсири сахт расонд, нобаробарии занон дар иқтисодиёт, сиёсат, маданият ва оила дучанд афзуд. Ин ба тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонд, ки оқибатҳои он то ҳол дида мешаванд. Маҳз бо шарофати датгирии Президнти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018 –ум 2,4 баробар зиёд мебошад. [9: с.21].

Занон дар интихоби касб ва маош нисбат ба мардон дар ҳолати ногувор буданд. Дар сохтори кор ва меҳнат ҳолатҳои тафовути гендерӣ дида мешуд. Коргарони бе маҳорату бе маълумот дар соҳаҳои анъанавии “занона”, ба мисли: хоҷагии қишлоқ, коркарди саноатӣ, корхонаҳои маданӣ-маишӣ зиёд буданд. Музди маоши занон кам буд. Мутахассисҳои кордону бо маълумот асосан дар соҳаҳои маориф ва тандурустӣ дида мешуданд. Ба кор таъмин шудани занони оиладор ё фарзанддор хеле душвор буд. Бисёрии корфармоён кӯшиш мекунанд, ки ин гуна занонро ба кор қабул накунанд; занҳои ҳомиладорро аз кор озод кунанд. Ғайр аз ин корҳои хона қувва ва вақти занонро бисёр мегирад. Ин ҳама яке аз сабабҳои бекории зиёд дар байни занҳои қобили таваллуд мешуд. 69%-и занон дар хоҷагии қишлоқ дар кори маошаш паст, ҳамчун коргарони бе музд кор мекарданд. Ин дар ҳолате, ки онҳо кори бисёри бе муздро дар хона, дар оила иҷро мекунанд. Гуфтан зарур аст, ки ҷомеа саҳми сазовор ва назарраси занонро дар рушди иқтисодии кишвар бояд қадрдонӣ кунад.

Вазъи пасти иқтисодӣ, хавфи бекорӣ, занонро дар сатҳи пасти иқтисодӣ нигоҳ дошта, боиси муносибатҳои нобаробар ва дастнигарии иқтисодии онҳо мегардад.

Дар соҳаи маориф низ нобаробарии гендерӣ дида мешуд. Дар умум, ҷомеа бештар барои саводнок намудани писарбачагон ҳавасманд буд. Аз рӯи маълумотҳои соли 2002 57%-падару модарон дар он фикр буданд, ки нисбат ба духтарон, омӯзонидани писарбачагон зарууртар аст. Дастрасӣ барои хондан ба духтарон бисёр душвор буд. Бинобар вазъияти иқтисодии оила ва одатҳои динӣ духтарон маҷбур буданд, ки омӯзишро дар сатҳи маълумоти миёна ба

итмом расонанд. Ҳоло бошад беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шудаанд.[9: с.21].

Оила ин асоси иқтисодии ҷомеа аст. Вобаста ба ҳолати оилавӣ, дараҷа ва мавқеи иҷтимоии занонро метавон фаҳмид. Аз сабаби таъсири дину эътиқод ва анъанаҳои миллӣ ҳолати оилавии занон дар ҷомеа хеле дар сатҳи паст меистад. Занон ва духтарон на ҳамеша ҳуқуқ доранд, ки бо ихтиёри худ оила барпо намоянд. Никоҳ бо хоҳиши падару модарон сурат мегирад. Онҳо дар оила дар итоати шавҳар буда, қисми бисёри корҳои хона ба зиммаи онҳо меафтад. Вазифаи ӯ танҳо ғамхорӣ ба шавҳару фарзандон мешавад. Занон то оиладор шудан дар зери таъсири волидону бародарон бошанд, баъдан дар ихтиёри шавҳар мемонанд. Вале ба гуфти халқ “Поёни шаби сиёҳ сафед аст”, бо ирода ва матонати миллӣ, бо шуҷоату ҷасорати хос, Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд тарафҳоро ба ифоқа оварда, ҷанги шаҳрвандиро хомӯш созанд. Тоҷикистонро, миллати тоҷикро аз нобудшавӣ, аз вартаи ҳалокат наҷот диҳанд. Дар Тоҷикистони азиз сулҳу субот, оромӣ барпо шуд. Танҳо дар вазъияти оромиву сулҳ ҷамъият, давлат метавонад, тараққӣ кунад, рушду ривоҷ ёбад. Тоҷикистон, низ бо роҳбарии Пешвои худ ба сӯи демократия, озодӣ, соҳибистиқлолӣ ва ҷомеаи равнақёфта рафта истодааст. Исботи ин суханонро дар чорчӯбаи далелу рақамҳо дида метавонем.

**Соли 1993 –** Тоҷикистон “Конвенсия оиди бартарфсозии ҳамагуна шаклҳои тафовут нисбати занон”-ро пазируфт.

**Соли 1994 –** Қабул шудани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мардум.

**Дар моддаи 17-и** он асоси баробарҳуқуқӣ баён шудааст. Ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз тарафи давлат таъмин мешаванд, қатъи назар: аз миллат, нажод, ҷинс, забон, мансубияти динӣ, нигоҳи сиёсӣ, маълумот, ҳолатҳои иҷтимоӣ ва молу мулкӣ. Ҳамин модда баробарҳуқуқии марду занро тасдиқ мекунад.

**Дар моддаи 33** омадааст: Оила ҳамчун асоси ҷамъият дар зери ҳимояи давлат аст. Мардон ва занони ба балоғат расида, ҳуқуқи озодона оила барпо карданро доранд. Дар муносибатҳои оилавӣ ва ҳангоми ҷудошавӣ баробарҳуқуқанд. Бисёрзанӣ манъ аст.

**Моддаи 34** мегӯяд: Модар ва кӯдак таҳти ғамхории махсуси давлат аст. Бо ин давлат кафолати муносибати модару фарзандро ба ӯҳда мегирад. [3: с.6].

Дигар муқарраротҳои Сарқонун ҳуқуқҳои баробарро дар: иштироки озодона дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии Давлат **моддаи 27,** ҳуқуқ ба моликият ва мерос, **моддаи 32,** ҳуқуқ ба меҳнат ва маоши баробар **моддаи 35,** ҳуқуқ ба

ҳифзи саломатӣ **моддаи 38,** ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ **моддаи 39 ва** ҳуқуқ ба хондан бо **моддаи 41** кафолат медиҳад.

Принсипҳои Сарқонун оиди баробарҳуқуқии мардону занон ва кафолати баробарҳуқуқии ҳуқуқӣ шаҳрвандон дар тамоми санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

Ғайр аз ин, ғояи баробарҳуқуқии ду ҷинс асоси коркард, қабул ва иҷрои сиёсати гендерӣ, барои дарёфти баробарҳуқуқии марду зан гардид.

Гарчанде, ки дар дигар қонунҳо ба мисли: Қонун “Дар бораи оила”, Қонун “Дар бораи меҳнат”, Қонун “Дар боари замин”, Қонун “Дар бораи маориф”, Қонун “Дар бораи саломатии ҷомеа” ва Қонуни ҷинояти оиди ҳуқуқҳои зан гуфта нашуда башад ҳам, ҳолатҳои иловагӣ оиди ҳифзи зан, баробарҳуқуқии гендериро таъмин менамоянд.

**Соли 2005** – қабули Қонуни “Кафолати давлатӣ оиди баробарҳуқуқии марду зан”. Навоварии ин қонун дар он буд, ки ба қонунгузории ҷумҳурӣ фаҳмиши гендерӣ, сиёсати гендерӣ, баробарҳуқуқии гендерӣ дароварда шуд.

**Соли 2011** – қабули барномаи “Стратегияи миллӣ оиди фаъолсозии нақши зан дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2011-2020”.

**Соли 2013** – қонун дар бораи “Пешгирии зӯроварӣ дар оила”.

**Соли 2014** – аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурӣ қабул шудани “Барномаи давлатӣ оиди пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023”.

Мувофиқи натиҷаҳои интихоботӣ соли 2020 ба вакилаи Маҷлиси миллӣ Маҷлиси Олӣ – 8 нафар ё ин ки 25,8%, ба вакилии Маҷлиси Намояндагон – 15 нафар ё ин ки 23,8% занҳо интихоб гардиданд, ки нисбат ба интихоботи гузашта 4% зиёд аст.

Миқдори занҳо ба ҳайси вакилони халқӣ ба ҳукумати шаҳри Душанбе – 41,5%, вилояти Хатлон – 35%, вилояти МБК – 34%, дар вилояти Суғд – 33% ва НТҶ – 30%-ро ташкил медиҳанд, ки 23,4% аст.

Аз ҳисоби занҳои бо лаёқат ва кордон сафи коргарон ва роҳбарони ҳукуматӣ зиёд мешаванд. Ба 1.01.2021 аз 19 210 нафар коргарони ҳукуматӣ – 4 485 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд, ки 23,4% аст.

Фаъолияти самараноки занҳо дар хоҷагии қишлоқ ва тараққиёти иқтисодӣ, низ назаррас аст. Айни замон роҳбарони хоҷагии деҳқонӣ аз ҳисоби занҳо 35 600 нафар буда, зиёда аз 77 400 нафар зан ба тиҷорат ва соҳибкорӣ машғуланд.

Дар соли 2020 ба занҳои соҳибкор зиёда аз 2 миллаарду 100 миллон сомонӣ маблағҳои имтиёзноки кредитӣ-бонкӣ дода шудааст, ки ин ба беҳшавии иқтисодии оилаашон мусоидат мекунад.

Саҳми занон дар соҳаҳои илм, маориф, иҷтимоиёт ва тандурустӣ зиёд мешавад, инчунин дар соҳаи илм ва маориф – 73%, тандурустӣ – 71%, фарҳанг

47%, бонкдорӣ 39%, алоқа 25%, хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40% занҳо кор ва фаъолият менамоянд. [9: с.21].

Маориф яке аз фишангҳои оптималии амалкунандаи ташаккули баробарӣ ва рафъи фарқияти гендерӣ дар кишвар мебошад. Ин омили муҳими фаъол гардидани иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии занон дар ҳаёти ҷомеа, баланд бардоштани нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳои мубрам дар миқёси минтақавӣ ва миллӣ мебошад. Аз ин рӯ, фарогирии духтарон ба мактабҳои олии кишвар имрӯз дар маркази таваҷҷӯҳи сарвари давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад. Фаъолияти занони олим ба ҳалли проблемаҳои илмӣ тайёр кардани кадрҳои илмию педагогӣ маҳдуд намегардад. Онҳо муаллифони китобҳои дарсӣ, востиҳои таълимӣ ва программаҳои мактабҳои маълумоти умумӣ ва махсус мебошанд. Аммо, сарфи назар аз муваффақиятҳое, ки дар кори тайёр кардани кадрҳои илмӣ ба даст оварда шудаанд, дар ҷумҳурӣ камбудиҳо низ мавҷуданд.

Пӯшида нест, ки бисёре аз олимони лаёқатманд ба далели мушкилоти иқтисодӣ маҷбур мешаванд, ки муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳоро тарк кунанд ва дар ташкилоту корхонаҳое, ки маоши бештар медиҳанд ва ё ба соҳибкорӣ машғуланд, кор пайдо кунанд. Занон, ки бештар аз нисфи аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд, сазовори онанд, ки ҷомеа нисбати онҳо бодиққат, пурсабр бошад, ба омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятии онҳо мусоидат кунад. Барои занони олим ва духтарони ба кори илмӣ қобилиятнок шароити мусоиди маишӣ фароҳам овардан лозим аст, то ки онҳо дар оянда ба ҳалли масъалаҳои илмии ҳамаи соҳаҳои илм ва техника ҳиссаи худро гузошта тавонанд. Ин шароитро ҳам сохторҳои давлатӣ ва ҳам ташкилотҳои алоҳида, соҳибкорони дорои маблағҳои калон ба вуҷуд оварда метавонанд. Кори илмии олимони ҷавон, нашриёт ва ғайраро бо дастгирӣ ва маблағгузорӣ таъмин кардан лозим аст.

Сохтори асосии тарзи ҳаёти аксарияти занони моро фаъолияти касбӣ ва оилавӣ ташкил медиҳад, ки онҳо бо якдигар алоқаманданд. Ба занони соҳибмаълумоти ҷомеа соҳиб шудан ба соҳаҳо ва фаъолиятҳои гуногун, аз ҷумла соҳибкорӣ, дарки мавқеи худ дар ҷомеа ва дарки масъулияти иҷтимоии худ ҳамрадиф шудан шарафи ҳар як кордиҳандааст, ки мисоли ин худи Пешвои Муаззами Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Минбаъд ҳам мавқеи ҷамъиятии занонро боз ҳам беҳтар кардан ва ҳамчун шахс ба комил расонидани онҳо зарур аст, ки барои ин кори мақсаднок ва пурмазмун заминаи асосӣ Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (21.12.2021, 23.12.22) аст. Зани имрӯзаро лозим аст, ки барои бомуваффақият пайвастани фаъолияти касбӣ ва ҷамъиятии худ: вазифаҳои модарӣ, оилавӣ ва хонагӣ имкониятҳои мусоид фароҳам оварад. Бо вуҷуди

ҳамаи проблемаҳо занон ба комёбиҳои илмии ҷумҳурӣ ҳисса гузошта метавонанд.

Сабаби асосиро мо дар он мебинем, ки имконияту шароити занҳои ба илм машғул шуда, хеле ва хеле хуб ба роҳ монда шуда истодааст. Оила, тарбияи фарзандон, ҳаёти иҷтимоӣ ва ғайра вақт ва қувваи зиёдро талаб мекунанд, аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда занҳо дар тули солҳои охири соҳибистиқлолӣ маҳз бо дастгирии Пешвои Муаззам ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нерӯи тозаи пешбарандаи худро истифода бурда, ба пеш рафта истодаанд, ки ин боиси шарафмандист. Мо бисёр мехостем, ки дар ҷумҳурии мо шумораи занони олими боистеъдод сол то сол зиёд шавад.

Имрӯзҳо дар Тоҷикистон барои ҷалби занону духтарони ҷавон ба илм, шароити мусоид фароҳам оварда шуда, давлат мавҷуд набудани табъизро дар таҳсили духтарону занон кафолат медиҳад. Мо бояд саҳми олимони тоҷикро ба илми ҷаҳонӣ ҳамеша дар хотир нигоҳ дошта, комёбиҳои онҳоро афзун гардонем. Дпр Тоҷикистони соҳибистиқлол 239 ҳазор занон соҳиби маълумоти олӣ ва100 ҳазор нафар духтарон дар донишгоҳҳову донишкадаҳо таҳсил карда истодаанд. . [9: с.21].

Дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурӣ раванди пешбурди фаъолияти занҳо, устуворкунии нақши зан дар ҳаёти ҷомеа дида мешавад. Барои дастгирии фаъолияти занон ва духтарон дар оянда, Ҳукумат сиёсати гендериро истифода бурда, барои ҷалби онҳо ба корҳои идорӣ ва ҷамъиятӣ чораҳои иловагиро дида истодаанд.

Ба ин супориши Ҳукумат ба кумитаи кор бо занон ва оила оиди пешниҳод намудани "Барномаи стратегии миллӣ оиди фаъолсозии нақши зан дар Ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2030" ва иҷрои он дар солҳои 2021-2025 гувоҳӣ медиҳад.

## Рӯйхати адабиёт


1. Конвенсияи оиди бартарафсозии ҳамагуна шаклҳои тафовут нисбати занон. (Тоҷикистон, моддаи 17). 1993.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 17, 33, 34, 27, 32, 35, 38, 39, 41. 1994-2016.
3. Қонуни кафолати давлатӣ оиди "Баробарҳуқуқии марду зан". 2005.
4. Стратегияи миллӣ оиди "Фаъолсозии нақши зан дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2011-2020". 2011.
5. Қонун "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила". 2013.
6. Барномаи давлатӣ оиди "Пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023".

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» Душанбе, 26.12.2019, шаҳри Душанбе.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: моҳият ва самтҳои асосӣ. – Душанбе, 2021.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»23.12.2022 12:30, шаҳри Душанбе.

# НАҚШИ МОДАР ДАР ҲАЁТИ ДУХТАР

**Ғафурова З.Ҷ.**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Мо ҳамчун модар дар тарбияи фарзандони худ нуқтаи марказиро мебозем.

Дуруст аст, ки падар ин мустаҳкамии ҳар оила ба ҳисоб меравад, аммо идеалӣ ҳар як духтар ҳатман модараш мебошад.

Дар ҷомеаи имрӯза таълиму тарбияи духтарон аз тарафи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди таваҷҷӯҳ қарор дорад.

Имрӯзҳо мо дида истодаем, ки ин ақидаро ҳама волидон ҷиддӣ таҳти назар намегиранд, ки ин ҳам бошад моро ҳамчун ҷомеашиносон ва таълиму тарбиятгарон мушкилиҳои навро дар ин раванд эҷод менамоянд.

Чӣ гуна тарбия намудан, бо назардошти хусусиятҳои фардӣ ва гендерии онҳо, дар онҳо чӣ гуна хислатҳои шахсиро инкишоф дода тавонистан, бевосита аз он вобаста аст, ки онҳо дар оянда чӣ гуна зан мешаванд, барои фарзандонашон чӣ гуна волидайн хоҳад буд. Аҳамияти давраи кӯдакии томактабӣ умуман барои ташаккули шахсияти кӯдак бебаҳост, тамоми хислатҳои муҳимтарини шахсият, майлу қобилиятҳо маҳз дар синни томактабӣ ташаккул меёбад, ки агар модар худ дар оила намунаи ибрат бошад.

Аксар вақт волидайн фаромӯш мекунанд, ки духтарон ва писарон ба таври гуногун мебинанд, мешунаванд, ламс мекунанд, фазоро ба таври дигар дарк мекунанд ва худро дар он равона мекунанд ва муҳимтар аз ҳама, ҳама чизеро, ки дар ин ҷаҳон дучор мешаванд, ба таври гуногун дарк мекунанд, ва албатта на ҳамон тавре ки мо калонсолон.

Бо мушоҳидаи кудакони имрӯза метавон қайд кард, ки духтарон хашмгин ва дағалӣ мешаванд ва писарон як намуди рафтори занонаро қабул мекунанд. Дар гурӯҳҳои калонсол, бисёр духтарон аз хоксорӣ, нармӣ, сабр маҳруманд, онҳо намедонанд, ки чӣ гуна вазъиятҳои муноқишаро бо роҳи осоишта ҳал кунанд. Писарбачаҳо, баръакс, намедонанд, ки чӣ тавр барои худ истодагарӣ кунанд, онҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ заифанд, тоқат ва устувории эҳсосӣ надоранд, фарҳанги рафтор нисбат ба духтарон надоранд. Мазмуни бозиҳои бачагона низ ташвишовар аст: кӯдакон намунаҳои рафтореро нишон медиҳанд, ки ба ҷинси кӯдак мувофиқат намекунанд, дар бозӣ чӣ гуна гуфтушунид карданро намедонанд, нақшҳоро тақсим мекунанд. Илова бар ин, дар раванди фаъолияти меҳнатӣ, кӯдакон бо назардошти ҷинси шарик мустақилона тақсим кардани масъулиятро душвор меҳисобанд. Писарон дар ҳолати зарурии қувваи ҷисмонӣ ба кӯмаки духтарон майл надоранд,

Барои ислоҳи вазъи "омехтани" ҷинсҳо волидон бояд раванди тарбияи духтарон ва писаронро ислоҳ кунанд. Шумо наметавонед фарзандони худро тавре тарбия кунед, ки маро тарбия кардаед.

Аввалан, хеле муҳим аст, ки байни духтар ва модар (ва инчунин падар) муносибати гарм ва эътимодбахш вуҷуд дошта бошад. Дар навбати худ, волидон бояд муносибатҳои мулоим ва ғамхорро якҷоя ба духтар нишон диҳанд, то духтар дар оянда таассуроти зиндагии хушбахтонаи оилавӣ дошта бошад.

Падар бояд барои муошират бо духтараш вақт пайдо кунад: нишон диҳад, ки духтар аз писар фарқ мекунад, вай аз ҷинси муқобил аст; вале вай бояд муҳаббати худро ба духтараш самимӣ ва бо эҳтиром ва кунад, то зан фахмад, ки вай сазовори меҳру муҳаббати падаронаи аст.

Эҳтиром ба шахсияти духтар, нишон додани қаноатмандӣ аз амалҳои ӯ, ташаккули худбаҳодиҳии мусбати духтар аз тарафи падару модар барои боварӣ ва мустаҳкамияти иродаи ӯ нақши муҳимро мебозад.

Модар ва духтар бояд "сирри занона"-и худро дошта бошанд: модар бояд вақт пайдо кунад, ки бо духтараш " ошкоро " сӯҳбат кунад. Сӯҳбатҳо бояд мунтазам бошад.

Ғамхории ҳақиқӣ нисбат ба ҳамдигар бо эҳтиром нисбат ба насли калонсол зоҳир мегардад.

Модар бояд духтаршро ба корҳои хона ҷалб карда, асрори ҳунарашро ба ӯ омӯзонад.

Духтар бояд эҳсос кунад, ки ӯ метавонад ба волидонаш бовар кунад - онҳо ҳамеша омодаанд эҳсосот, хоҳишҳо ва ниёзҳои ӯро фаҳманд.

Духтарон бештар ба кӯмак ва рӯҳбаландӣ ниёз доранд.

Духтарон ба таваҷҷӯҳ ва эътирофи бештар ниёз доранд, ки онҳо кистанд, чӣ гуна эҳсос мекунанд ва чӣ мехоҳанд.

Духтаронро барои он ки ҳаст, дӯст доштан лозим аст. Онҳоро қадр кунед!

Чуноне, ки дар боло қайд намудем, тарбиягари асосии фарзандон дар оила, чун қоида, модар аст. Вай ба кудак ҳаёт мебахшад, ӯро мехуронад, ҳиссиёти модарӣ дар муносибати ӯ ба тифлаш ҳатмист. Табиист, ки кӯдакон низ ба модари худ ба таври мувофиқ ҷавоб медиҳанд, дар байни онҳо, махсусан дар синни барвақтии кӯдак, одатан нисбат ба фарзандон ва падари онҳо муносибатҳои наздиктар барқарор мешаванд. Ин ҳолат аҳамияти калон дорад, ки онро бояд ба назар гирифт ва барои таълиму тарбияи ҳам духтарон ва ҳам писарон истифода бурда мешавад.

Муҳаббату саммимият ба таъсири тарбиявии модар ба кӯдак мусоидат мекунад ва аз ин рӯ хеле муҳим аст, ки модар ҳамеша барои духтараш намунаи воқеӣ бошад.

Муносибати табиии духтарон, таваҷҷуҳи беихтиёронаи онҳо, таваҷҷуҳи бошуурона ба ҳама чизи визуалӣ, мушаххас ба онҳо кӯмак мекунад, ки ҳангоми муошират бо модар он чизеро, ки мебинанд, мешунаванд, ба таври худкор азхуд кунанд. Ва агар модар инро дар назар дошта, дар рафтор, тарзи зиндагӣ, намуди зоҳирии худ кӯшиш кунад, ки аз ҳафтаҳои аввал барои духтараш намунаи арзанда бошад, муваффақияти таъсири ӯ асосан кафолат дода мешавад.

Ин инчунин ба муносибат ба одамон, ашё, кор ва хусусияти зуҳури эҳсосот, тарзи гуфтор ва ғайра дахл дорад. Духтар, пеш аз ҳама, аз модар шаклҳои берунии рафтор ва бисьёр хислатҳои ботиниро, ки симои зан ва хислати занро муайян мекунанд, кабул мекунад. Пас, дар таълим додани духтар ба кору бори оилавӣ, кору бори хонагӣ нақши модар бебаҳост. Дар ин ҷо ба ғайр аз намунаи шахсии у бозичаҳои мувофиқ (лухтакҳо, мебели бозича, табақ) ва бозиҳо, инчунин ҳикояҳо, сӯҳбатҳо, намоишҳо, иштирок кардан дар ҳама гуна иштироки имконпазир дар кори хоҷагӣ ёрӣ мерасонанд. Дар оила пайдо шудани кӯдаки хурдсол барои тарбия ва инкишофи бисёр хислатҳои маъмулии занона дар духтар имкониятҳои фаровон фароҳам меорад, ки онҳо дар нигоҳубини тифлон ва нотавонҳо, меҳру меҳрубонӣ пайдо менамоянд.

Ба синни мактабӣ расидани духтар ва фарогирии ӯ ба мактаб барои падару модар ва худи духтар як саҳифаи нави зиндагӣ мебошад. Духтар мактаббача шуда, дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекунад, ки одатан ба аксарияти онҳо маъқул мешавад. Вай

вазифаҳои хеле мушаххасро ба зиммаи худ мегирад, ки софдилона таҳсил кунад ва дар айни замон ҳамчун аъзои коллективи мактаб ҳуқуқҳои муайян ба даст оварад. Баробари дар оила пайдо шудани духтари мактаббача омӯзгор метавонад иттифоқчии ҳақиқӣ ва ёрдамчии падару модар гардад. Аз ин рӯ, ғамхории аввалиндараҷаи падару модарон аз он иборат аст, ки бо ӯ алоқаи зич барқарор намуда, мушкилиҳои таъхирнопазири таълимро якҷоя ҳал кунанд.

Дар оила ба мактаббачагон лозим аст, ки барои дарс ва истироҳат шароити мувофиқ фароҳам оваранд. Ташкили аниқи қоидаҳои ахлоқӣ, ки тамоми нуқтаҳои асосии ҳаётро дар бар мегирад, таъмин намояд, аҳамияти калон дорад. Ба ин муносибат падару модарон имконият доранд, ки дар мактаб бо ба назар гирифтани хусусиятҳои хоси ҳаёти оилавӣ бо муаллим, духтури мактаб маслиҳат кунанд. Волидайн дарк намуда, барои мактаббачагони навкор донишомӯзӣ на танҳо як кори нав, балки кори ҷиддӣ, кори душвору масъулиятнок аст, волидон бояд ба таҳсили ӯ таваҷҷӯҳи ҳамарӯза зоҳир кунанд, ба муваффақиятҳои ӯ таваҷҷӯҳ кунанд, ба душвориҳо рӯ ба рӯ шаванд ва агар зарур аст, бо фахмондаду маслихат, машкхои иловагй ёрй расонанд. Дар ин чо бозихои муфиди дидактикй ва дигар, асбобхои аёнй мавчуданд, ки хам бо хамрохии кудак харида ва хам тайёр карда мешаванд. Дар баробари кумаки моддӣ ба мактаббача дар таълим, боз ҳам васеъ кардани ҷаҳонбинии ӯ, инкишоф додани мустақилият, ҳавасманд кардани фаъолияти маърифатӣ бо истифода аз сӯҳбат, мутолиа, экскурсия ва ғайра муҳим аст. Падару модар дар асоси ҳама чизи мусбате, ки дар хислатҳои духтарашон ҳастанд, бояд кӯшиш кунанд, ки рушди ҳамаҷонибаи ӯ, такмили сифатҳои муҳимтарини шахсӣ ва ҳамзамон хислатҳои манфиро ошкор ва бартараф кунанд. Бо ин мақсад аз фаҳмондадиҳӣ ва тарбия истифода бурда мешавад: ба духтарак дар ин ва ё он ҳолат чӣ тавр рафтор карданашро гуфта, нишон медиҳанд ва баъд, агар зарур бошад, инро хотиррасон мекунанд. Афзоиши пешниҳоди духтарон ба таъсири самараноки чунин усулҳо мусоидат мекунад. Тавсия дода мешавад, ки агар кӯдак бо рафтори хуб, муваффақият дар таълим, корҳои нек сазовори онҳо бошад.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи миллии тарбия» – Душанбе: 03.03.2006, №94;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». – Душанбе: соли 22.06.2013, №1004;

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе: 02.08.2011, №762;
4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи мамлакат. [Матн] – ш. Душанбе: 4 июли соли 2013;
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар. [Матн] – ш. Душанбе: 26 декабри соли 2018;
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар. [Матн] – ш. Душанбе: 26 декабри соли 2019;
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе: 03.05.2010. №200;
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи миллии тарбия» – Душанбе: 03.03.2006, №94;
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». – Душанбе: соли 22.06.2013, №1004;
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе: 02.08.2011, №762;
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар. [Матн] – ш. Душанбе: 26 декабри соли 2018;
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар. [Матн] – ш. Душанбе: 26 декабри соли 2019;
13. «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 3030». – Душанбе: соли 2020.

## НАҚШ ВА МАҚОМИ ЗАН ДАР ЭҲЁИ ҲУНАРХОИ МАРДУМИ ДОИР БА БОЛОРАВИИ САТҲИ ИҚТИСОДИЁТИ ОИЛАҲО

**Шарипова Р.Б.**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

**Нақши анъанаҳои миллӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ**:Санъати ороишии амалӣ падидаи ҷолиб ва мураккабе дар фарҳанги бисѐрҷабҳаи ҳар як халқу миллат аст. Он падидаи гуногунпаҳлӯ буда, навъҳои мухталифро фаро мегирад, бо баробари пайдо шудани халқу миллатҳо ба миѐн омада, бо решаҳои фарҳангии куҳанаш имрӯз ҳам дар инкишоф мебошад.

Санъати амалии халқӣ ва навъҳои гуногуни он дар ҳаѐти мардум ҷойгоҳи хоса дошта, як падидаи муҳими фарҳанги миллии тоҷикон мебошад. Бо вуҷуди он ки имрӯз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриамон ҳунармандони зиѐде машғули эҷоди асарҳои ҷолиби бадеӣ ҳастанд, инкишофи навъҳои гуногуни санъати халқии тоҷикон дар сатҳи қаноатбахш қарор надорад.

Дар роҳи инкишофи ҳунарҳои санъати дастӣ муаммоҳои гуногун вуҷуд доранд, ҳатто бархе аз онҳо дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон қариб аз байн рафтаанд. Бинобар ин, ҳоло зарурати ҳалли масъалаҳои марбут ба рушди ин намуди санъат ба миён омадааст. Пеш аз ҳама, санъати амалии халқӣ ба дастгирии ҳамаҷониба ниёз дорад.

Дар доираи татбиқи иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ то имрӯз даҳҳо мактаби ҳунармандон дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ташкил шуда, ба фаъолият оғоз намуданд. Дар ин мактабҳо аз рӯи усули анъанавии миллии ‚устод-шогирд' шогирдон тарбия меёбанд.

Ин усул яке аз анъанаҳои қадимаи миллии тоҷикон буда, муҳаққиқ П.А. Гончарова онро дар радифи дигар усулҳои шогирдтайёркунӣ баррасӣ намудааст. Тадқиқоти ӯ ба зардӯзӣ - яке аз ҳунарҳое, ки густариши васеъ дорад, бахшида шудааст. Муҳаққиқ нуктаи ҷолиберо қайд мекунад, ки зардӯзӣ дар қадим аслан ҳунари мардон буд, зеро дар рӯи матоҳои дурушту ғафс, ба монанди бахмал, сӯзан задан лозим меомад. Дар бораи яке аз мардони соҳибҳунари Ҳирот – Ҳасани Зардӯз Зайниддин Восифӣ дар ёддоштҳои худ сухан меронад.

Дар аморати Бухоро дарбори амир фармоишгари асосии маҳсулоти зардӯзӣ буд, ки ин зарурати ташкили устохонаҳоро дар назди дарбор ба миён овард. П.А. Гончарова дар бораи ташкили устохонаҳои зардӯзӣ, тарзи қабул ва хатми шогирдон, ки дар ин замина як қатор маросим роиҷ буд, маълумот медиҳад.

Бо мурури замон берун аз дарбор низ устохонаҳо ташкил шуданд, ки дар онҳо ба ҳунармандон оқсақол, яъне сардори зардӯзон роҳбарӣ мекард. Тамоми корҳо, аз ҷумла, хариду фурӯши маҳсулот, қабули шогирдон танҳо бо иҷозати оқсақол иҷро мешуданд. Барои дар вақти таъйингардида иҷро шудани фармоишҳои ҳатмӣ оқсақол ба ҳамаи устохонаҳои гирду атроф корро тақсим мекард. Оқсақол барои меҳнаташ музд намегирифт, ба ӯ фақат тӯҳфа аз тарафи дарбор супорида мешуд. Аъзои ташкилоти сехҳои зардӯзӣ шахсе шуда метавонист, ки курси дарозмуддат ва душвори ин ҳунарро аз усто омӯхта, барои фаъолияти мустақилона аз устодаш ризоият гирифта бошад.

П.А. Гончарова қайд мекунад, санъати зардӯзии бухороӣ ҳунари меросӣ буд, он аз бобо ба падар, аз падар ба писар мегузашт. Агар дар оила писар набошад, ин ҳунар ба ягон хеши наздик, масалан ҷиян омӯзонида мешуд.

Ба омӯзиши ин ҳунар писарбачаҳои 10-12 сола ва баъзан калонтарро ҷалб мекарданд. Ба шогирдӣ додани писар як рӯйдоди муҳим ба шумор рафта, дар ин замина як қатор маросим иҷро мешуд.

Падар ё хеши наздики писарбача бо як табақ хӯроки махсус ва ҳалвои тар ба назди усто рафта, розигии ӯро барои қабул мегирифт. Баъди он ки усто ризоият дод, ҳузурдоштагон хӯрокро истеъмол мекарданд, ки рамзи кушоиши кор ба ҳисоб мерафт.

Усто на танҳо омӯхтани ҳунар, балки хӯрондану пӯшонидани писарбачаро низ ба ӯҳда мегирифт. Байни тарафайн ягон шартномаи хаттӣ баста намешуд, таълим бепул сурат мегирифт. Усто ба шогирд ҳунари худро зуд ёд намедод. Соли якуми таҳсили писарбача ба корҳои хона ёрӣ медод, аз ҷумла рӯбучин мекард, об мекашонд, ба бозор мерафт ва танҳо дар вақти бекор монданаш ӯ ҳақ дошт, ки кори дӯзандагонро мушоҳида намояд. Баъди гузаштани як сол ба шогирд иҷозат дода мешуд, ки сари дӯкони зардӯзӣ нишинад. Барои иҷрои кор ба шогирд музд дода намешуд, мӯҳлати таълим муқаррар набуд ва метавонист аз 4 то 7 сол идома ёбад. Ҳолатҳое ҳам мешуд, ки усто барои гум накардани шогирди болаёқат ӯро 8-10 сол назди худ нигоҳ медошт.

Вақте ки шогирд майлу хоҳиши мустақилона кор карданро зоҳир менамуд, ба сифати миёнарав оқсақол даъват мешуд, то ки устоҳо барои озод гаштани шогирдон ризоӣ диҳанд.

Маросими устоталбон дар хонаи шогирд гузаронида шуда, усто ба арвоҳи пири миёнбандон дуо хонда, миёни шогирдро бо рӯймол баста, Ба номи Шоҳи мардон бастам мегуфт. Дар ин маросим, ки шогирд номи, усторо мегирифт, ба муаллим, сарупо тӯҳфа мешуд, яъне волидайни шогирд аз сар то по ба ӯ либоси нав мепӯшониданд. Ҳамчунин ба оқсақол ва ёвари ӯ низ тӯҳфаҳо дода мешуд. Дар баъзе мавридҳо устодон ба шогирди камбизоат барои оғози кори мустақилона асбобҳои заруриро медоданд.

Дар замони муосир ба хотири эҳёи ҳунарҳои халқӣ мактабҳо, сехҳо, коргоҳҳои ҳунармандон ташкил мешаванд. Ин марказҳои ҳунармандӣ таҳти роҳнамоии устоҳои машҳуру боистеъдод фаъолият мебаранд.

Ҳунарҳои халқӣ беҳтарин ва холистарин анвои санъат буда, ҳамеша ба ҳаёти инсон алоқамананд. Онҳо ҳисси зебоипарастии халқро таҷассум мекунанд. Гузашта аз ин, на фақат эҷоди асарҳои санъат, балки дастгирии ҳунармандон халқ, ки эҷодкорони зебоӣ ҳастанд, нишони камолот ва олиҳимматӣ мебошад.

Дар ин самт то ҳол масъалаву муаммоҳое ҳастанд, ки аҳамияти махсусро тақозо доранд.Татбиқи дастовардҳои илмию амалӣ, идомаи

анъанаҳои миллӣ, назардошти урфу одатҳо, омӯзиши таъсири равияҳои гуногуни санъат ба тарзи ороиши маснуот, вазъи тарбияи меҳнатӣ ва ҳунаромӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии олии кишвар беҳбудиро мехоҳад.

Инкишофи ҳисси зебоипарастии занон ро дар бозёфтҳои бостоншиносон, ба монанди китобу дастхатҳои нодир ва мусаввараҳо, ки дар онҳо фарҳанг, ҳунари меъморӣ ва рассомӣ, ҳамчунин хусусияти рӯзгори маишии мардуми давраҳои қадим инъикос ёфтаанд, пайгирӣ метавон кард. Ҷомеаи давраҳои гуногун равияҳои хосро дар соҳаҳои мухталифи санъату ҳунар ба мерос гузошт, ки дар ҳар яке тарзи зиндагии мардум таҷассум ёфтааст. Мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки дар вақти ҳукмронии ягон ҷараён таъсири он дар ороиши ашё, намунаҳои ҳунари меъморӣ, сару либос, ҷиҳози манзил амри воқеист.

Дар замони мо тадқиқоти илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷавонон бо назардошти таълими ҳунарҳои мардумӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Ҳадафи олимон баҳодиҳӣ ва таҳлили рушди ҳунармандӣ ва таъсири он, ба ҷавонон омӯзонидани ҳунарҳои аҷдодӣ, бо такя ба онҳо ташаккул додани ҳунарҳои наву муосир мебошад.

Санъати ороишӣ, ки бо зиндагии мо робитаи зич доранд, тариқи офаридани ашёи гуногун ва ороиши меъморӣ амалӣ мешавад. Дар намунаҳои санъати ороишӣ нақшу нигор дар шакли холис вуҷуд дошта наметавонад, он таҷассуми ҳамбастагии зебоӣ ва фоидаву зарурат мебошад.

Инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ ва кашидадӯзӣ ба рушди наққошӣ низ мусоидат кардааст. Намунаҳои нодири нақшу нигоре, ки бостоншиносон дар Тирмиз, Панҷакенти қадима ва дигар маҳалҳо дарёфтаанд, бозгӯи фарҳанги бою рангини гузаштагон ҳастанд.

Наққошони тоҷик беҳтарин анъанаҳои ҳунармандони гузаштаро идома дода, санъати нақшофариро такмил додаанд. Имрӯз анъанаҳои ҳунари наққошӣ ҳангоми бунёду ороиши биноҳои фарҳангию маърифатӣ (тарабхона, чойхона, масҷид, қасри фарҳанг ва ғ.) корбаст мешаванд.

Устоҳои халқӣ, аз ҷумла наққошону кулолгарон, мисгарону зардӯзон ва қолинбофону косибон дар офаридаҳояшон нақшу нигорро чун воситаи асосии ороиши бадеӣ корбаст менамуданд. Ҳар як нақшу нигор маънои хос дошта, аз ҷониби халқ номгузорӣ мешуд ва аксари онҳо нишони эътиқоду бовар ба урфу одате буданд.

Нақшҳои тоҷиконро, ҳамчун нақшҳои дигар халқҳои Осиёи Миёна ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: якум – нақшҳои классикӣ, ки дар

асрҳои миёна шакл гирифта, дар кишварҳои Шарқи мусулмонӣ, аз Мавритания, Миср, Туркия, Эрон сар карда то Ҳиндустон, Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ паҳн шудаанд. Онҳо дар ҳар кишвар сифатҳои хоси маҳаллӣ, обу ранг ва тафсири махсус пайдо карда бошад ҳам, асоси он дар ҳама ҷо як хел аст. Ин нақшҳо мукаммал буда, аз гиреҳ – шаклҳои мухталифи ҳандасавӣ, ислимӣ – расми ба шакли муайян даровардаи навдаҳо, баргу гулҳо иборат мебошанд.

Нақшу нигори гурӯҳи якум аз офарандагони худ – устоҳои наққош донистани фанҳои махсус, аз он ҷумла, илми ҳандасаро, ки дастраси ҳар кас набуд ва ба омӯхтани он солҳои дароз сарф мешуд, талаб мекард. Қисми асосии онҳоро мардон ташкил медоданд. Ин навъи нақшу нигор бештар дар биноҳои пуршукӯҳ, дар кандакории рӯи филизот, дар маснуоти аълосифати заргарӣ, дар ороиши дастнависҳо, ҷузгирҳо ва дигар соҳаҳои санъати амалӣ корбаст мешуд.

Нақшу нигори гурӯҳи дуюм асосан анъанаҳои халқии маҳаллиро инъикос менамояд. Асоси унсурҳои ин нақшҳоро аксаран тасвири ашё ташкил медиҳад, ки аз сабаби сода гардидан ва хусусияти орнаменталӣ пайдо кардан дар бештари мавридҳо шакли воқеии худро гум мекунанд.

Яке аз нусхаҳои маҳбуби устодони тоҷик «таҳафтод» ё «ишкелбанд» ном нақш ба ҳисоб мерафт. Он аз ду хати бо давраю гулҳо гиреҳхӯрда иборат буда, дар хиштмонӣ (асрҳои X-XII), кошинкорӣ, гаҷкорӣ, наҷҷорӣ ва наққошӣ корбаст мешуд. Дар санъати тоҷики давраи пеш аз ислом таҳафтод ба мушоҳида намерасад. Он фақат дар ёдгориҳои меъмории асри X ба назар мерасад. Ба андешаи муҳаққиқон, пайдоиши он эҳтимол бо истифодаи хишти пухта ба сифати маводи сохтмон ва ороишдиҳӣ ё ин ки ташаккули хати «кӯфӣ» вобаста мебошад. Бо ин нақш пештоқ, дару дарвоза, меҳроб, шифт ва як навъи маснуоти косибӣ ҳошиябандӣ мешуданд.

Қисми зиёди нақшу нигори мақбараи чӯбини қишлоқи Чоркӯҳ бар шаклҳои ҳалқагардон (яъне «3» шакл) асос ёфтааст. Аз байни онҳо нусхаҳои бодому қаламфурмонанд хеле паҳн гардидаанд. Роҷеъ ба маънои ин навъи нақшу нигор як зумра муҳаққиқон фикру мулоҳизаҳо баён кардаанд.

Ба андешаи олими машҳури соҳа Г. А. Чепелеветская нусхаи бодому қаламфур воқеан дар эҷодиёти халқ инъикос ёфта метавонист. Аммо нусхаҳои хурди иловагӣ дар нақшҳои бодом барои каллапӯшҳои тоҷикӣ ба нақшҳои аз Тирмиз ёфтшудаи (асрҳои I-II) пару болҳои ҳайвоноти афсонавӣ, нақши қанотҳои мусича ва нусхаи шутур ба наққошии девори қасри Варахша (асрҳои V-VIII) ва сари архар ба нақши қасри Киш (асрҳои

V-VIII), матоъҳо, маснуоти наққошӣ, кулолгарӣ ва оҳангарии қадимаи машриқзамин монандӣ доранд.

Бо такя ба фикри муҳаққиқ Г. Григорев гуфтан мумкин аст, ки нусхаи бодом на дар заминаи расми мурғи даштӣ, хурӯсу товус, балки дар асоси тасвири шакли қанотҳои онҳо пайдо шудаанд. Ҳангоми ба даруни давра нақши ҳалқагардон дохил кардан нақши бодом ҳосил мешавад, лекин маънои он аз мазмуни нақши гули бодом фарқ дорад. Л. И. Ремпел чунин мешуморад, ки ин нақш аз нусхаи ду моҳ – сафеду сиёҳ ё ки ду қаноти даруни давра (яъне осмон) таркиб ёфта, падидаҳои ба ҳам муқобили табиат, яъне торикию равшанӣ, гармию сардӣ, ҳаёту маргро ифода мекунад. Ба андешаи В. Алексеев ин нақши дугона Ин ва Ян ном дорад ва рамзи ҷодугарист. Дар фарҳанги муғулҳо рамзи ҳушёрӣ, ягонагии марду зан аст.

Таҷассуми ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос, ҷиҳози хона, муҳити зист ва ғайра мушоҳида мешавад. Масалан, барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт, ҳуҷҷатҳои таърихие, ки зиндагии маишии мардум ва фарҳанги давраҳои гузаштаро инъикос месозанд, сарчашмаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Шакл ва хусусияти сару либос дар ҳама давру замон фарҳанги маънавии халқ, урфу одат ва муносибати мардумро ба ин ё он падидаву ҳодиса нишон медиҳад. Тағйири шаклу намуди ҳамаи навъҳои либоси миллӣ ба хусусияти ин ё он минтақа вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиши либоси миллӣ ва тағйири шаклҳои он робитаи либосро бо таърихи этникии миллӣ ошкор месозад.

Дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX як зумра сайёҳони русу хориҷӣ, аз ҷумла Ф. Ефремов, Ф. Назаров, Н. Неболсин дар бораи матоъҳои маҳаллӣ, сару либос ва шуғли мардум маълумоти ҷолиби диққатро ҷамъ оварданд. Чунончи, дар навиштаҳои Ф. Ефремов дар баробари таснифи либоси он давра роҷеъ ба кирмакпарварӣ маълумот фароҳам омада, технологияи истеҳсоли нахи абрешим барои матоъҳои шоҳӣ маънидод гардидааст. Сайёҳ мушоҳидаҳояшро дар бораи вижагиҳои хоси сару либоси осиёимиёнагӣ, ки ба шаклгирии он муҳити зист, иқлим, дин таъсир гузоштаанд, баён месозад. Масалан, оид ба тарроҳии куртаи занона ӯ чунин менависад: ‚Пеш аз ҳама ба қулай будани курта ва сипас ба риояи одоб аҳамият дода мешавад‛. Бароҳат будани либос, фарохии он, чинҳои зиёд доштани он ба ҳисоб гирифта шудааст, ки барои озодона нишастан монеа пеш намеорад, ҳаракатро маҳдуд намекунад, дар ҳавои гарм ба нафаскашии бадан халал намерасонад.

Дар асрҳои XIX ва XX дар Хуҷанди бостонӣ дӯзандагӣ яке аз шохаҳои асосии касбу ҳунар ба шумор мерафт. Тибқи маълумоти таърихӣ

соли 1895 дар бозори Панҷшанбе ва атрофи он 23 дӯкони дӯзандагӣ мавҷуд буд. Дар ин дӯконҳо мардон дӯзанда буданд, занони чевар дар хона кор мекарданд. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX соҳаи истеҳсоли сару либоси анъанавӣ ҳунари асосии занон гардид.

Либоси анъанавии мардуми одӣ аз либоси намояндагони табақаҳои боло ва шахсони маъруф фарқ дошт. Тафовути сару либос на дар тарҳи он, балки дар навъи матоъ буд. Ин фарқ на танҳо дар сифати матоъ ва тарзи ороиши либос, балки маҷмӯи либос зоҳир мешуд.

Табаддулоте, ки дар давраҳои муайяни таърихӣ дар ҳаёти халқҳо рӯй медиҳанд, ба ҳастии моддӣ ва маънавии мардум дигаргуниҳо ворид мекунад ва бешак, ба либосҳои миллӣ низ таъсир мерасонад.

Санъати ороиши либос бо зардӯзию кашидадӯзӣ, гулдӯзии куртаҳои чакани халқҳои Осиёи Миёна ҳар яке бо сабки хос инкишоф ёфтаанд, зеро дар тӯли асрҳо ороиши сару либос (бештар дар кӯҳистон), ҷиҳози хона ва ашёи рӯзгор (дар водиҳо), хуллас, аз бисоти тифл то ҷиҳози арӯс, дар худи хонадон ба ҷо оварда мешуд.

Омӯхтани таърихи сару либос, ҷиҳози хонаводаи миллии ҳар як халқ, барои онҳое, ки бо таърих ва фарҳанги он халқ шинос шудан мехоҳанд, аз ҷумла, санъатшиносон, кормандони театр ва кинематография, рассомон ва намояндагони соҳаҳои дигари фарҳанг муҳим аст.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021 года [Захираи электронӣ]//www.president.tj
2. Раҳимзода М.Н., Самиев М.А., Абдулхаков Б.К., Содиков Р.Ҳ. Файзиддинзода Б.Ф. Иқтисодиёти оила (китоби дарсӣ). - Данғара , 2021. - 275 с.
3. Мельникова Е.И. Финансово-инвестиционный механизм на рынке сбережений населения. Екатеринбург: Издательство УГЭУ. 2011. - 229 с.


# БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲУҚУҚИ ЗАН ВА МАҚОМИ Ӯ ДАР ҶОМЕА


**Садирова Ҷ.Ш.**

**Донишгоҳи давлатии Данғара**


*Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем.*

Зан дар оилаи тоҷикон ҳамеша нақши асосӣ дошт ва дорад. Зеро иффату зебоӣ, фурӯтаниву маърифатнокӣ хоси зан буда, ба зиндагии аҳли хонадон таровату покизагӣ мебахшад. Дар фарҳанги исломӣ низ ҷойгоҳи махсуси модарон -занон ва духтарон дар хонавода ва ҷомеа ба хубӣ ва дақиқ муайян шудааст. Нақши муҳим ва таъсиррасонии мусбати онҳо чӣ дар муҳити хонавода ва чӣ дар ҷомеа эҳсос карда мешавад.Бузурге фармудааст:

Ҷомеае фаъол шумурда мешавад, ки дар он занон мавқеи пешоҳангӣ дошта бошанд. Маърифати зан ба фарзандонаш таъсири амиқ расонда, агар модар китобхон, боиффат, бомаърифат ва донишманд бошад, фарзандон низ майл ба донишу маърифат карда, хислатҳои неки модарашонро дар худ парвариш медиҳанд ва ба модарашон пайравӣ мекунанд.

Дар бораи зан ва модар олимону шоирон ва нависандагон ҷилд-ҷилд китобҳо ва садҳо дафтар шеърҳо навиштаанд. Занро сутуни маънавии хонавода ва сарчашмаи тамоми хушиҳои зиндагӣ меноманд, ки комилан дуруст аст. Дар хонаводае, ки зан-модар нест, он ҷо хурсандӣ ва файзу баракат ҳам нест. Зан мисли чароғ хонаро равшан мекунад. Аз ҳама бузургии асосии зан - модар ҳамин аст, ки ӯ фарзанд ба дунё меоварад. То таваллуди фарзанд азоби зиёд мекашад, баъди таваллуд низ то ба камол расидани фарзанд доимо дар ташвиш аст. Яъне модар умри худро ба фарзандаш мебахшад. Магар аз ин бузургтар қаҳрамонӣ мешавад? Албатта, не.

Модар фаришта буду фақат болу пар надошт.
Шояд дошт болу пар, аммо худ хабар надошт.

Мардуми тоҷик аз қадим нисбат ба зан ва модар эҳтиром дошт. Тамоми мардони бузурги дунёро модарон таваллуд кардаанд. Ягон зан пайғамбар нест, аммо ҳама пайғамбаронро занон таваллуд кардаанд. Аз ин сабаб Пайғамбари бузурги ислом – Ҳазрати Муҳаммад (с) мефармоянд, ки: «Биҳишт зери қудуми модарон аст».

Дар баробари ин дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр гардидааст, ки дар лаҳзаҳои ҳассос занони тоҷик дар қатори мардон мардонагиву шуҷоат ва қаҳрамонӣ нишон додаанд Таърих гувоҳ аст, ки занон баробари мардон барои ҳимояи Ватан саҳм гузоштаанд. Дар покдомани чил духтарони хатлонӣ «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Гурдофарид амал мекунад, ки барои наҷоти Ватанаш хеле нотарсона меҷангад. Дар замони мо низ эҳтироми модарон кам не, бештар шудааст. Масалан, бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз

соли 2009 инҷониб дар кишвари мо Рӯзи Модар қайд мешавад. Пештар ин ҷашн бо номи Рӯзи байналхалқии занон таҷлил мешуд. Сарвари давлати мо исбот намуд, ки халқи тоҷик аз қадим ҷашни модарро қайд мекарданд. Донишманди асримиёнагӣ – Абӯрайҳони Берунӣ менависад, ки иди занон дар замони ориёиҳо дар моҳи сеюми зимистон, ки онро исфанд мегуфтанд, ҷашн гирифта мешуд. Ин расм дар баъзе вилоятҳои Эрон бо номи «муждагирон» то ҳол боқӣ мондааст.

Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи қадру эътибори зан-модар аҳамияти калон медиҳад. Занон баробари мардон дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ фаъолият мекунад. Ҳам дар Конститутсияи Тоҷикистон ва як силсила қонунҳо ҳуқуқу озодиҳои баробари занону мардон зикр шудааст. Ҳоло дар ҷумҳурӣ беш аз як миллион занону духтарон дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа кор мекунанд. Қисми зиёди кормандони соҳаҳои маорифу тандурустиро занон ташкил медиҳанд. Беш аз панҷоҳ ҳазор нафар омӯзгорон занон мебошанд. Аз соли 1999 инҷониб бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон занон ба корҳои роҳбарӣ ҷалб карда мешаванд. Ҳоло беш аз 5 ҳазор нафар занон дар корҳои роҳбарӣ машғуланд.

Агар зан босавод бошад, фарзандонашро низ босавод мекунад. Аз ҳамин сабаб, соли 1997 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон квотаи президентиро ташкил намуданд, ки мувофиқи он духтарон аз ноҳияҳои дурдаст барои таҳсил фаро гирифта мешаванд. Дар тӯли 24 соли ҳазорҳо духтарон аз рӯи квотаи президентӣ соҳиби ихтисос шудаанд.

Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси олии мамлакат таъкид кардаанд, ки “мо ҳамеша ба неруи созандаи занону бонувони ватандӯсту ободгари кишвар такя мекунем ва нақши онҳоро дар устувор гардонидани оила, тарбияи шоистаи фарзандони баодобу соҳибмаърифат, инчунин, заҳмату талошҳои пайгиронаи онҳоро дар рушди мамлакат басо арзишманд мешуморем”.

Як намунаи басо арзишманди ғамхории Ҳукумати кишвар ба занон санади муҳимми давлатӣ - «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» мебошад, ки дар он як силсила тадбирҳо оид ба устувор намудани мавқеи бонувон дар ҷомеа таъкид шудааст. Инчунин зиёд шудани ҳаҷми грантҳои Президенти мамлакат ва ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок барои занону бонувони соҳибкор аз ҷумлаи чорабиниҳое мебошанд, ки имрӯзҳо аз ҷониби давлат амалӣ шуда истодаанд.

Маълум, ки дин дар радифи дигар аносири фарҳанги башарӣ навъи шуури иҷтимоист. Дар ислом, ҳамчун дини бузурги ҷаҳонӣ ду меъёри муҳим – адолатнокиву инсондӯстӣ бартариҳо дорад ва ҳамин адолату

башардӯстӣ дар масъалаи муносибат ба зан муассиртар ба мушоҳида мерасад. Дар ибтидои пайдоиши ин дин таълимоти ҳуқуқии он низ арзи вуҷуд кард, ки ба илму дониш, мубориза бо таассубу хурофот, ҳақиқатпарвариву адолатпарварӣ ва гиромидошти инсон асос меёфт. Дар як муддати кӯтоҳе тамоми хулқу атвори бади инсонӣ ва мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва рӯҳиву равонӣ аз самараи таълимоти адолатасоси ин дини мубораку покизаниҳод бартараф шудаанд. Чунончи, расму одатҳои вазнину ғайриинсонии қавму қабоили араб – ҳамчун молу коло арзиш доштани зан, зинда ба гӯр кардани духтарони навзод, маҳрум кардани занон аз ҳуқуқи мерос ва ғайраҳо зуд бартараф карда шуданд.

Дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани мақоми занон дар ҳаёти ҷомеа диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳои мушаххасро бо мақсади баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа, таъмини риояи ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо, густариши фаъолияти ҷамъиятию меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои демографӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, пешбарии онҳо ба мансабҳои роҳбарикунанда амалӣ гардонида истодааст. Ҳуқуқҳои занон қисми таркибии ҳуқуқҳои умумии инсон мебошанд. Фароҳам овардани шароит барои иштироки ҳамаҷониба ва баробарии занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа самти афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз вохӯриҳои худ бо занони фаъолу эҷодкори мамлакат чунин иброз доштанд:

“Давлате, ки нисбат ба модар – сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли инсонӣ, бепарво бошад, ояндаи худро аз даст медиҳад”. Вобаста ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати иҷтимоии худ бо мақсади ҳалли бисёр масъалаҳои марбут ба ҳаёти занон як қатор барномаҳои муҳими давлатиро амалӣ намуд, ки барои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа нақши босазо доранд.

Хушбахтона, аз оғози соҳибистиқлолии кишвар бо талошу кӯшишҳои пайвастаи Сарвари давлат яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумат баланд бардоштани ҳуқуқи зан ва мақоми ӯ дар ҷомеа буд. Ҷиҳати ҳалли ин масъала Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати пешбарандаи рушди баробар ва одилонаи ҷинсҳоро тавассути мустаҳкам кардани мавқеи зан бо меъёрҳои конститутсионӣ ва минбаъд такмил додани онҳо тавассути қонунҳои соҳавӣ пеш гирифт. Ин барои баланд бардоштани ҳуқуқ ва мақоми зан дар ҷомеаи Тоҷикистон асос гардид.

Дар баробари ин дар сатҳи қонунгузории алоҳида низ ҳифзи ҳуқуқи занон дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зерқонунӣ қабул шудаанд, аз ҷумла, дар асоси муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” аз 1 марти соли 2005, №89, “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” аз 30 апрели соли 2021, №167, “Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021 – 2025” аз 28 январи соли 2021, №5, дарҷ гардидаанд.

Дар “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” аз 30 апрели соли 2021, №167, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба фаъолгардонии нақши занон муайян гардида, он ба татбиқи принсипи баробарии ҳуқуқу озодиҳои мардону занон ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои амалисозии он аз ҷониби занон, таъмини намояндагии баробари мардон ва занон дар соҳаҳои мухталифи фаъолият, пешгирӣ ва аз байн бурдани зӯроварӣ нисбати занон равона шудааст.

Ба ҳамин хотир Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармон дар бораи баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеаро содир кард.

Зимни ин фармон барномаҳои давлатӣ таҳия гардида, пайи амал қарор гирифтаанд. ҳадаф аз татбиқи барномаҳо натанҳо баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа, балки дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва ичтимоиву фарҳанӣ назаррастар кардани фаъолияти занон мебошад. Ҳоло дар ҷумҳуриамон фаъолияти занон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, соҳибкорӣ бештар буда, дар корҳои давлатӣ низ сол то сол шумораи онҳо меафзояд.

Адабиёт


1. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани мақоми зан.
2. Маҷаллаи бонувони Тоҷикистон (Фируза) Шамси Билол нақши зан дар ҷомеаи имрӯза.
3. Маърифати оиладорӣ.
4. М.А.Шукина, Ақидаҳои педагогӣ. Педагогикаи мактаб.


## САҲМИ ЗАНОН ДАР РУШД ВА ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТ


**Ғуломова Х.А.**

**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон барҳақ мефармояд, ки “Имрӯз ҷомеаи Тоҷикистон дар симои зан натанҳо модар, хоҳар ва ҳамсар, балки сиёсатмадори шинохта, донишманди асил, сарвари муваффақ, соҳибкори саховатпеша, табиби ҳозиқ, корманди поквиҷдони мақомоти ҳивзи ҳуқуқ, ҳомии Ватан, бинокори номдор мураббии наслҳо ва ҳамшираи меҳрубонро мебинад, ки ин мояи ифтихори ҳаряки мову шумо мебошад. (16, с. 17)

Ҷашн гирифтани Иди Модарон имрӯз қариб дар тамоми дунё ба ҳукми анана даромадааст ва яке аз идҳои бошукуҳ нисбат ба занону модарон дониста мешавад. Тарихи пайдоиши ҷашни занонро ба 8-марти соли 1910 марбут медонанд. Дар форми занон дар Копенгаген сиёсатмадори олмонӣ Клара Сеткен ба тамоми ҷаҳониён мурочиат намуд, ки 8-мартро рӯзи озодии занон эълон намоянд то дар ин рӯз онҳо тавонан аз ҳуқуқу манзалатҳои худ дифо намуда, норозигии худро нисбат ба мушкилоти пешомадаашон баён намоянд. Танҳо баъди як даҳсола 8-марти соли 1921 ҳамчун иди занон эълон гардид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола аз таъсисёбии иттиҳоди Шуравӣ пайваста 8-март ҳамчун иди заноно ҳарсол ҷашн гирифта мешавад. Бояд қайд намоем, саҳми занон ва модарон дар ҳамаи ҷанбаҳои перафти давлатдори назарас ба чашм мерасад.

Ҳукумати Тоҷикистон ҳануз аз оғози Истиқлолият вобаста ба таҳкими мақому манзалат ва таъмини риояи ҳуқуқи канистутсионии занон тамоми тадбирҳои заруририро андешида, мутобиқи меъёрҳои ҷомеаи демократии, ҳуқуқбунёд ва дуняви амали мегардонад. Дар ин давра бо мақсади баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеъа таъмин намудани баробарҳуқуқии занон ва мардон, тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда,аз чумлаи занони лайёқатманд як силсила асноди зарури қабул гардида амали мегарданд. Дар натиҷа солҳои охир теъдоди занони мутахассису соҳибтаҷриба дар зинаҳои гуногуни ҳокимият Мақоми олии қонунгузор, ҳокимияти судию иҷроия ва тамоми сохтору мақомоти давлатию ҷамияти торафт афзоиш ёфта онҳо дар рушти пешрафти самтҳои гуногуни хайёти ҷомеъа саҳми худро мегузоранд.(5-7)

Дар суханронии Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи якуми Маҷлиси милли ва маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати савганёдкуни Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-ноябри соли 2013 махсус қайд карда шудааст, ки «Боло бардоштани мақоми зан дар ҷомеъа тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони болайёқат,

инчунин дастгирии ташаббусҳои занону бонувон дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеъа ва ғамхори нисбат ба оила ҳадафи дигари давлати мо мебошад.(26-27)

Оила қисми таркибии ҷомеаи инсонӣ ва зиннаи аввалини инкишофи шахсият ба шумор рафта, меъёр тарзи зиндагӣ ва ҳастии инсонро муаян менамояд. "оила –ташкилоти махсусест, ки аз як тараф ҳамчун гӯруҳи хурди ичтимои баромад намуда, аз тарафи дигар инистути ҷамъияти мебошад. Аз ин ру, сарчашмаи ташаккулёбии шахсияти инсон аз оила ибтидо мегирад.

Дар робита бо ин масъала, оиларо бояд ҳамчун роҳи муҳими банақшагирии дараҷаи баландӣ некуаҳволӣ ва беҳгардонии солимии аҳаоли эътироф намуда дар ин самт чораҳои мушаххас андешид. (8, с. 9)

Аз таҳлилҳое, ки дар боло оварда шуд чунин натиҷагири менамояд, ки солҳои охир теъдоди занони мутахассису соҳибтаҷриба дар зинаҳои гуногуни ҳокимият, мақоми олии қонунгузор, ҳокимияти судию иҷроия ва тамоми сохтору мақомоти давлатию ҷаъмиятӣ торафт афзоиш ёфта, онҳо дар рушду пешрафти самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа саҳми муносиби худро гузошта истодаанд.

Қайд намуд, ки аз ин ру донистани қадру манзалати модар вазифаи ҳар яки мост. Зан –модар шахси муқадас аст.Вақте ки симои ӯ пеши назар меояд, аз чашмони ӯ, аз тамоми ҳастии вай нур меборад. Ин нур роҳҳи ояндаи ҳаётамрноро равшан месозад. Зан –модар офарандаи ҳаёту мамот буда, аз ҳама қиматтарину азизтарин шахс дар олами ҳастӣ Меҳри беҳамтои модар ба мисли хуршеди олам аст, ки ба тамоми олам саховатмандона нур мепошад,ишки поки модар ба мисли чашмҳои пурҷуше, ки дашту биёборо ба гулистон мубадал мекунад.

Модар -зан аст. Зан бошад олиҳаи ҳусну малоҳат мебошад. Ҳамаи ашёи олам зебост, аммо модар аз тамоми мавчудоти олам зеботару валотар аст, хушбахтона имрӯз соҳае нест ки дар он занҳо кор накунанд ва дар ҷамъияти имрӯза занҳо дар баробари мардҳо истода кору меҳнат мекунанду мамлакат аз дасти онҳо гул мекунад. Модар мехоҳад, ки тифлаш бе нуқс сабзида мададгори даврони пирӣ гардад.

Инсон бояд аз раҳо гаштан аз оғӯши гарми модар қимати ӯро дарк мекнад. Зеро мисли канори модар макони биҳиштосои дигар нест. Оре, Давлат фарзанд модар аст, дасти дуои модар дар калиди дари хушбахтии мост. (28, с. 29).

**Адабиёт**

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Рвҳмон (с2021)
2. Маҷалаи “Меҳровар” №(49) декабри соли 2022.
3. Маҷала “Тоҷикистон” №3-4 (1192) 2022
4. Раҳимзода М.Н., Самиев М.А., Абдулҳақов Б.К. Содиқов Р.Ҳ., Файзиддинзода Б.Ф., Иқтисодиёти оила (китоби дарсӣ.)-Душанбе: Маориф, 2021.-276саҳ.

## ТАҲКИМИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ДАР ДАВРАИ “СОЛҲОИ РУШДИ САНОАТ”.

**Абдуллозода Х.Х.**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Асосҳои консептуалӣ ва механизмҳои коркарду татбиқи сиёсати давлатӣ доир ба шуғлнокии аҳолии мамлакат дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 хеле мушаххас инъикос ёфтааст. Дар Стратегия таъкид шудааст, ки “воқеияти ҷумҳурӣ дар мавҷуд будани бозори меҳнатӣ иборат аз “се бахш” маҳсуб меёбад, ки ба ҳиссаҳои баробар шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатиро (ҳаддалимкон ғайрирасмӣ ва назоратнашаванда) ташаккул медиҳад.

Зарурати афзоиш ҳамзамон миқдори шуғли устувори пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш барои Тоҷикистон ҳадафи асосии рушд дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмуҳлат хоҳад шуд. Ин вазифаи стратегӣ пеш аз ҳама ба масъалаи таъмини шуғлнокии аҳолии манотиқи деҳоти мамлакат дахл дорад. Зеро дар ин манотиқ беш аз 73% аҳолии мамлакат умр ба сар мебаранд, ки манбаи захираҳои фаровони меҳнатӣ, ки омилҳои асосии рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва умуман иқтисодиёти деҳот мебошад, ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, сиёсати шуғлнокии давлат ба масъалаи таъмини шуғлнокӣ, истифодаи самараноки қувваҳои корие, ки дар бозори меҳнати иқтисодиёти деҳот қарор доранду ба сифати яке аз омилҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот баромад менамояд, равона шудааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман дар тамоми минтақаҳои мамлакат, аз ҷумла, дар деҳот бозори меҳнат ташаккул ёфт, ки дар айни замон ба мушкилоти зиёде дучор гардида, ба такмили механизмҳои танзими давлатӣ ва татбиқи сиёсати шуғлнокӣ ниёз дорад. Бо назардошти ин такмили механизмҳои коркарду татбиқи сиёсати давлатӣ доир ба шуғли аҳолӣ, ки бидуни таҳқиқи қонуниятҳои рушди

шуғлнокӣ, зуҳури шаклу намудҳои он ва танзими бозори меҳнати минтақавӣ дар шароити иқтисодиёти тағйирёбанда ғайриимкон аст, муҳим гардидааст.

То имрӯз муносибати ягона дар муайян кардани гурӯҳбандии тавсифоти сифатӣ ва миқдории шаклҳои шуғлнокӣ вуҷуд надорад. Муаллифони гуногун гурӯҳбандии мухталифи шаклҳои шуғлнокиро пешниҳод мекунанд. Гурӯҳбандии шаклҳои шуғлнокӣ тибқи аломатҳои гуногун ба амал бароварда мешавад: реҷаи вақти корӣ, мунтазамии фаъолияти меҳнатӣ, қонуниятмандии бо кор таъминкунӣ, шароити ташкили раванди меҳнат ва ғ. Пайваста бо рушди муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти аграрӣ, ки дар он зиёда аз 64%-и қувваи кории иқтисодиёти мамлакат дар ин бахш машғул аст шакли алтернативии шуғлнокӣ, ки дорои табиати ғайрикишоварзӣ дорад, рӯи майдон омадааст. Аммо ин масаъла, яъне муаммоҳои илмии шуғли алтернативӣ ва инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар адабиёти ватанӣ дар сатҳи кофӣ мавриди таҳқиқи бунёдӣ қарор нагирифтааст.

Омилҳое, ки дар иқтисодиёти деҳот барои ҷалби одамон ба шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ таъсир мерасонанд аз дастрасӣ ба шакли чунин дороиҳо ба мисли табиӣ, иҷтимоӣ ва молиявӣ вобаста мебошанд. Ин дороиҳо барои дастрасӣ ба сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа, шомилгардӣ ба ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ таъсир расонида, рафтори онҳоро муайян мекунанд. Ҳамин тариқ, рушди васеи шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот муаллифро вазифадор намуд, ки ҷустуҷӯйи роҳҳову механизмҳои иқтисодиву ташкилӣ ва иқтисодии танзиму идораи давлатии онро мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Асарҳо ва ақидаҳои бунёдии олимони ватанӣ заминаи методологии пажӯҳишҳои моро ташкил додааст. Аммо, бояд таъкид намуд, ки новобаста ба омӯзиши васеъ дар самти шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат, хусусиятҳо ва сабабҳои шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Умуман метавон қайд намуд, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ пажӯҳиши бунёдӣ ва ҳамаҷонибаи сабабҳо ва омилҳои шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот, ки соҳаи асосии фаъолияти меҳнатии мардуми ин манотиқ ба ҳисоб меравад, алҳол вуҷуд надоранд. Бахусус, масъалаҳои назария ва амалияи танзими ин намуди фаъолияти меҳнатӣ ва инъикос намудани он дар сиёсати давлатии шуғл, ки дар шароити гузариши мамлакат ба зинаи индустриалӣ-аграрии иқтисодиёт ва саноатикунонии босуръат муҳим буда, таҳқиқоти амиқ ва асосноккунии илмиро тақозо дорад, ки он муҳимияти мавзӯи таҳқиқот ва сабаби интихоби онро муаяйн намудааст.

Дар доираи бандҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он мавҷуд будани ҳиссаи баробари бозори меҳнати себахша дар манотиқи деҳот (шуғли расмӣ, ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ) таъкид шудааст, ки ба таъмини шуғли фарогири аҳолӣ мусоидат менамояд, бармеояд. Инчунин, таҳқиқот дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2023, ки мутобиқ ба "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" (1 августи соли 2003 №44) таҳия гардидаасту дар он маҷмӯи тадбирҳоро оид ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон ва рушди фарогири соҳибкории хурду инфиродӣ ва ғайра пешбинӣ шудааст, сурат гирифтааст.

Асоснок намудани фарзияи нақши калидии таҳкими сиёсати давлатии шуғли аҳолии деҳот маҳз вобаста бо шуғли алтернативӣ (ғайрикишоварзӣ) ва объективияту фарогир будани ин навъи шуғл дар иқтисодиёти деҳот, ки на танҳо диверсификатсияи манбаъҳои даромади аҳолии минтақаҳои деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардумро таъмин менамояд, балки тарҳи ҷойгиркунии фаъолиятҳои нави иқтисодии ғайрикишоварзӣ ва мазмуну самтҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва расмикунонии онро дар минтақаҳои деҳот муаяйн мекунад.

Таъкид карда мешавад, ки таҳлил ва арзёбии шуғлнокӣ дар асоси таҳқиқи бозори меҳнат, ки дар он мутобиқаткунии пешниҳоди меҳнат ва талабот ба он зуҳур меёбад, сурат мегирад. Трансформатсияи муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар манотиқи деҳоти мамлакат дар вазъи бозори меҳнат тағйироти ҷиддиро рӯй кор овардааст. Дар натиҷаи ислоҳоти аграрӣ ва дигаргуншавии сохтори институтсионалии иқтисодиёти деҳот дар замони муосир муаммоҳое андӯхта шуд, ки дар роҳи таъмини шуғлнокӣ ва рушди устувори он монеа эҷод менамояд. Бинобар он, муаммоҳои сатҳи аввали рушди иқтисодиву иҷтимоии манотиқи деҳот тавсиф шудааст, ки он тарҳи шуғлнокӣ ва бахусус, шуғлнокии алтернативиро муайян менамояд. (ҷадвали 1.) .

**Ҷадвали 1.**

**Муаммоҳои асосии рушди иҷтимоиву иқтисодии манотиқи деҳот**

| **Истеҳсоливу иқтисодӣ** | **Иҷтимоӣ** | **Мушкилоти сиёсӣ ва институтсионалӣ** | **Муаммоҳои ҳифзи нерӯи табиӣ ва фарҳангӣ** |
|---|---|---|---|
| Номукаммалии механизми татбиқи муносибатҳои бозорӣ | Бекорӣ ва сатҳи пасти даромади аҳолии деҳот | Норасоӣ дар дастгирии молиявӣ | Истифодаи нооқилонаи захираҳои табиӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Даромаднокии пасти истеҳсолоти кишоварзӣ | Сатҳи нокифояи таъминоти ичтимоӣ | Таъминоти сусти иттилоотӣ ва машваратӣ | Талаф шудани заминҳои корами кишоварзӣ |
| Вайрон кардани робитаҳои кооперативии байни ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ | Сатҳи пасти рушди инфрасохтори деҳот | Зарурати ислоҳоти фаъолияти мақомоти идоракунӣ | Коҳиш ёфтани мероси фарҳангӣ |

Табиист, ки чунин муаммоҳои иҷтимоиву иқтисодии манотиқи деҳот водор менамояд, ки аҳолии деҳот барои таъмини оилаҳои худ бо воситаҳои зиндагӣ ва аз ин лиҳоз, барои пайдо намудани даромади иловагӣ ба шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ шомил мешаванд. Шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ – ин чунин шуғлест, ки аҳолӣ қувваи кории минтақаи деҳот фаъолияти меҳнатии худро берун аз хоҷагиҳои худ ташкил менамоянд, ки аксаран табиати кишовазӣ надорад. Ва ё онро метавон ҳамчун шуғли аҳолии деҳот дар синнусоли қобили меҳнат будан дар шаклҳои ғайрикишоварзии фаъолияти иқтисодӣ ба истиснои хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва идоракунии давлатию маҳаллӣ муайян кард. Ин таълимот қобилият, дороиҳои моддӣ, захираҳои иҷтимоӣ ва намудҳои фаъолият барои ҳаёт ва ҳастии устувор, имконияти мубориза бурданро бо ҳолатҳои шадиди руҳӣ (стресс) ва таҳдидҳо, қобилият ва дороиҳои худро ҳам имрӯз ва ҳам фардо барқарор, муҳофизат ва беҳтар карданро ифода менамояд. Дар ин росто шуғли ғайрикишоварзӣ ва диверсификатсияи манбаҳои даромади аҳолии деҳот ҳамчун стратегияи беҳтаркунандаи вазъияти оилаҳо, хоҷагиҳои хонагӣ ва паст намудани сатҳи заифии ҳаёти аҳолӣ баррасӣ мегардад. Дар ин ҷо стратегия мутобиқшавӣ, ки таҳдиду хатарҳоро тавассути ислоҳ кардани тарзи ҳаёти худ ва диверсификатсия кардани намудҳои фаъолият, пеш аз ҳама шуғли алтернативӣ барои гирифтани даромади иловагӣ мусоидаткунанда рӯи кор меояд.

Таъкид карда мешавад, ки татбиқи ислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурӣ заминаҳои ҷудоии назария ва амалияи иқтисодиёти деҳотро ҳамчун як қисми муҳими маҷмӯи иқтисодии кишвар фароҳам овард. Маҳз дар иқтисодиёти деҳот қисми зиёди аҳолии кишвар бо кор таъмин карда мешаванд, дар ҳоле ки фаъолияти онҳо ҳатман бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба маънои анъанавии он алоқаманд нест.

Дар давраи ислоҳоти иқтисодиву аграрӣ тамоюли рушди ноустувори истеҳсолоти кишоварзӣ, паст шудани иқтидори молиявии хоҷагиҳо, коҳиш ёфтани инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ ва соҳаҳои дигари иқтисодиёти деҳот шиддат гирифтааст. Айни замон, ин тамоюл боздошта шуда бошад ҳам, аммо шиддатнокӣ ва номувозинатии бозори меҳнат дар

манотиқи деҳот боқӣ мондааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 шумораи аҳолии доимӣ 9506,3 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2000-ум беш аз 52% зиёд шудааст. Аз онҳо аҳолии деҳот 7004,5 ҳазор нафарро ташкил дода, нисбат ба соли 2000 беш аз 52,6 маротиб зиёд шудааст. Ҳиссаи аҳолии деҳот дар тамоми шумораи аҳолии мамлакат соли 2020 – ум 73,7%- ро ташкил дода, нисбат ба соли 2000-ум 0,3 банди фоизӣ афзудааст. Метавон гуфт, ки аслан афзоиши шумораи аҳолии деҳот афзоиши шумораи аҳолии мамлакатро муайян намудааст. Суръати афзоиши аҳолии деҳот аз суръати афзоиши аҳолии шаҳр пеш аст. Агар ба тағйирёбии аҳолии қобили меҳнат дар деҳот назар афканем, пас муайян мегардад, ки дар давраи солҳои 2015-2021 дар деҳот аз 3554,1 то 4103,6 ҳазор нафар ва ё ба сатҳи 15,4 % зиёд шудааст. Ҳамин нишондиҳанда дар шаҳр бошад, ба 14,2 фоиз зиёд шудааст. Вазни қиёсии аҳолии қобили меҳнат дар деҳот дар ҳамаи аҳолии қобили меҳнати мамлакат соли 2021-ум 75,5 %-ро ташкил додааст ва дар ин давра ба 0,2 банди фоиз зиёд шудааст. Ин нишондиҳанда дар шаҳр соли 2021-ум 27,5%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2015 мувофиқан 0,2 банди фоиз кам шудааст. (ҷадвали 3.)

**Ҷадвали 3.**

**Фарқияти аҳолии қобили меҳнат дар деҳот ва шаҳр (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | январи с 2015 | | январи с 2021 | | Тағйирот,% | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| Аҳолии қобили меҳнат | 1366,0 | 3554,1 | 1560,7 | 4103,6 | 114,2 | 115,4 |
| Тансуби шаҳру деҳот% | 27,7 | 72,2 | 27,5 | 72,5 | -0,2 бф | 0,2 бф |
| Аз синну соли қобили меҳнат калонтар | 106,9 | 289,9 | 163,3 | 420,7 | 152,7 | 145,2 |
| Ҷавонони синни 14-30 сола | 757,4 | 2043,1 | 788,0 | 2091,3 | 104,2 | 102,3 |
| Тансуби шаҳру деҳот% | 27,1 | 72,9 | 27,3 | 72,7 | 0,2 бф | -0,2 бф |

Ҷавонони синни 14-30 сола бошад, дар деҳот дар давраи таҳлилӣ аз 2043,1 то 2091,3 ҳазор нафар ва ё беш аз 2,3 % зиёд шудааст. Чуноне аён аст, дар маҷмӯъ захираҳои калони меҳнатии мамлакат дар деҳот консентратсия шудааст ва онҳо захираҳои беҳамтои корӣ дар шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ мебошанд. Онҳо бинобар паст будани сатҳи даромади хонаводаҳо ба шуғли алтернативӣ шомил мебошанд, агарчӣ дар омори расмӣ шуғли онҳоро дар соҳаҳои кишоварзӣ ифода менамоянд, ки он хеле баланд нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат зиёд аст, аммо ҳосилнокии меҳнаташон доир ба истеҳсоли

маҳсулоти кишоварзӣ паст мебошад. Афзоиши сатҳи бекории аёну ноаён сабаби асосии шомил шудан ба шуғли алтернативӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон додааст, ки вобаста бо сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳои мамлакат вазъи бозори меҳнат ва сатҳи бекорӣ фарқ мекунанд. Ҳиссаи шумораи бекорон дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон дар шумораи умумии бекорони дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташудаи мамлакат баланд мебошад. Соли 2021 дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ беш аз 35,9%-и бекорони дар хадамоти шуғли аҳолии мамлакат ба қайд гирифташударо (17,5 ҳаз. наф) ташкил додааст. Дар вилояти Хатлон бошад, ин нишондиҳанда 30,6% ва 15,0 ҳазор нафарро ташкил додааст. Яъне, беш аз 68%-бекорони мамлакат ба ин минтақаҳои мамлакат, ки дар он деҳотҷойҳо бисёр аст, рост омадааст. (ҷадвали 4.)

**Ҷадвали 4.**

**Шумораи бекорони дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда дар минтақаҳои мамлакат**

| **Нишондиҳандаҳо** | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи бекорон – ҳамагӣ дар мамлакат, ҳаз. нафар** | 53,9 | 55,5 | 51.0 | 53,1 | 49,7 | 47,5 | 49,0 | 49,9 |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | | | |
| **ВМКБ** | 3,2 | 3,3 | 3,0 | 4,4 | 4,9 | 5,1 | 4,5 | 4,7 |
| **в. Хатлон** | 22,8 | 24,3 | 21.0 | 18,9 | 16,0 | 15,0 | 14,6 | 15,0 |
| **в. Суғд** | 11,4 | 10,9 | 11.0 | 10,8 | 9,7 | 8,1 | 8,9 | 7,9 |
| **ш. Душанбе** | 2,4 | 2,5 | 2,7 | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 3,3 | 4,9 |
| **НТҶ** | 14,0 | 14,5 | 13,3 | 16,6 | 16,6 | 16,6 | 17,6 | 17,5 |

Вазъи бозори меҳнат дар деҳот, тағйироти таркибии он ва мутаъдил гаштани он **бо** сатҳи давомоти ҷустуҷӯи кор ва дарёфти он вобастагӣ доранд. Дар давоми солҳои 2014 -2021 шумораи бекороне, ки дар муддати як моҳ кор пайдо кардаанд, сол аз сол зиёд шудааст. Ҳамин тамоюл ба шумораи бекороне, ки аз 3 то 12 моҳ кор меҷустанд, низ ба назар мерасад. Аммо бекороне, ки зиёда аз як сол кор ҷустанд, тамоюли афзоишро доранд: дар давраи таҳлилӣ аз 8999 то 10462 нафар расидаанд. Умуман, дар ин давраи таҳлилӣ вақти миёнаи ҷустуҷӯи кор аз 8 то 8,5 моҳ зиёд шудааст. Яъне мушкилот дар дарёфти кори мувофиқ пайдо шудааст. Албатта, ин рақамҳои дар хадамоти шуғли аҳолии ноҳияҳои манотиқи

деҳоти мамлакат қайдшуда мебошад. Агар ба ҳаёти воқеӣ назар афканем, ин нишондиҳандаҳо боз ҳам балантар мебошанд. Яке аз роҳҳои беҳтар намудани шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти деҳот – ин таъмин намудани рушди шуғли ғайрикишоварзӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар деҳоти ҷумҳурӣ занҳо зиёда аз нисфи шумораи машғулинро ташкил медиҳанд. Онҳо барои ғанӣ гардонидани даромади оилаҳои худ дар фаъолияти иқтисодӣ (расмӣ ва ғайрирасмӣ) иштирок менамояд. Дар ин ҷода рушди институти меҳнати кироя шароити мусоид фароҳам овард, пайваста бо рушди муносибатҳои иқтисодӣ тафаккури иқтисодиву тиҷоратии онҳо боло гирифт. Дар давраи солҳои 2014-2020 шумораи миёнасолонаи занҳои аз рӯи кироя дар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат аз 458,5 то 567,2 ҳазор нафар ва ё беш аз 23,7% зиёд гардид. Соли 2020 бештар аз 46,3 фоизи шумораи занҳои аз рӯи кироя коркунанда ба соҳаҳои кишоварзӣ, шикор, ҷангалпарварӣ рост меояд, боқӣ дар шуғли ғайрикишоварзӣ шомил мебошанд.

Сиёсати давлатии шуғлнокии аҳолӣ ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоии давлат буда, маҷмӯи тадбирҳои давлатии мустақим ва ғайримустақими таъсиррасонро дар самти таъмин ба шуғл, танзими бозори меҳнат дар умум ва ҳар як фарди ҷомеаро дар алоҳидагӣ бо тариқи қонеъ намудани талаботи бунёдии онҳоро ба меҳнат дар бар мегирад. Ин сиёсат дар давраи гузариш ба зинаи индустриалӣ-аграрии иқтисодиёти мамлакат ва трансформатсияи индустриалии иқтисодиёти манотиқи деҳот бояд такя ба таҳқиқи самтҳои шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ, ки дар минтақаҳои деҳот сурат гирифта истодаасту тарҳи ҷойгиркунии корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар ашёҳои маҳаллӣ ва пайваста ба он кушодани ҷойҳои кории нави ғайрикишоварзиро пайгирӣ намояд, ташаккул ёбад.

**Адабиёт**

1. Автономов В.С. Человек в зеркале экономической теории [Текст] / В.С. Автономов. – Москва, 1993. -198 с.
2. Агабекян Р.Л. Современные теории занятости [Текст] / Р.Л. Агабекян. - М.: ЮНИТИ, 2001. - 237 с.
3. Аминов А.М. Проблемы экономической истории Средней Азии и её зарубежные критики [Текст] / А.М. Аминов. – Ташкент, 1972. - 312 с.
4. Амонова Д.С. Социальная политика и социальная справедливость в Республике Таджикистан [Текст] / Д.С. Амонова. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 187 с.
5. Аналитический доклад по проведению обследования рабочей силы в Таджикистане. - Душанбе, 2005. - 309 с.

6. Ашуров С.Б. Формирование и регулирование рынка труда в трудоизбыточном регионе: теория и практика [Текст] / С.Б. Ашуров. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 214 с.

# САЛОҲИЯТИ ИСТИФОДАИ БОЗИҲО ДАР ТАҲСИЛОТИ МУОСИР ДАР ОМОДА НАМУДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

**Садирова Ҷ.Ш.**

**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Масъалаҳои педагогие, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа ба миён омадаанд, моро водор менамояд, ки ба тарбияи ҷавонон таваҷҷуҳи хоса намоем. Ҷаҳони касб ба шахсияте эҳтиёҷ дорад, ки тавонад дар шароити нави иқтисоди бозорӣ ба ҷомеа мутобиқ шавад, мушкилиҳои ҷомеаро ҳал намояд. Системаи маорифро мебояд мутахассисони касбии босифатеро омода созад, ки дар шароити имрӯза барои ташаккули насли оянда саҳмгузор шуда тавонанд.

Ислоҳоти маориф дар ҷомеа, дар раванди таълим масоили салоҳияти калидӣ мебошад, ки имрӯз муҳимтарин масъалаи педагогӣ дар раванди омодасозии омӯзгорони оянда ба шумор меравад. Дар таҷрибаи ҷаҳонии маориф дар зери мафҳуми «салоҳияти калидӣ» чунин шартҳоро аввалиндараҷа меҳисобанд. Аввал ин, ки салоҳиятмандӣ дар худ қисмати маърифати зеҳнӣ ва малакавиро дар бар мегирад. Дуюм ин, ки салоҳиятмандӣ дар худ маҷмӯи дониш, маҳорат ва малакахоеро дар бар мегирад, ки дар фаъолияти мутахассис дар ҳалли мушкилтарин проблемаҳо заруранд.

Имрӯз дар педагогикаи муосир мафҳуми «ихтисосмандии калидӣ» ба таври васеъ истифода мешавад. Ин мафҳум дар худ маҷмӯи талаботи касбии иҷтимоӣ ва тахассусиеро дар бар мегирад, ки барои мутахассиси имрӯза заруранд.

Бо гуфти муҳаққиқ Э.Ф.Зеер ба ихтисосмандии калидӣ чунин аломатҳо дохил мешаванд.

Барои фаъолияти касбии оянда салоҳиятмандии касбӣ зарур аст, ки дар худ маҷмӯи дониш, маҳорат, малака доир ба фанҳои алоҳидаро дар бар гирад. Ҳамчунин тарз ва усулҳои фаъолияти касбие, ки аз доираи як касб берун буда, қобилияти муоширатӣ, ташкилотчигиро дар худ дошта бошад, муҳим мебошад. Ҳамчунин ба ихтисосмандии калидӣ чунин сифатҳои муҳими касбӣ ба мақсади накукорӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳамдардӣ,

худидоракунӣ, қобилияти худинкишофдиҳӣ, мустақилият дохил мешаванд.

Дар адабиёти психологӣ-педагогӣ, ки ба омодасозии омӯзгорони оянда дахл мекунад, мафҳуми «сифатҳои муҳими касбӣ» дар истифода аст.

Аз рӯйи ақидаи И.Ж.Калашников раванди ташаккули сифатҳои муҳими касбӣ дар он зуҳур меёбад, ки шахс дар баҳодиҳӣ нисбат ба сифатҳои матлуб ва номатлуби худ омода бошад ва барои ташаккули салоҳиятмандии касбӣ кӯшиш намояд, ба натиҷаи меҳнати худ, арзишҳои касбии худ шавқманд бошад.

Ба ақидаи Э.Ф.Зеер сифатҳои муҳими касбӣ мақсаднокӣ, сифат, натиҷадиҳии ҳама фаъолият, аз ҷумла, фаъолияти педагогиро муайян менамоянд.

Вазифаҳое, ки дар назди муассисаҳои маърифатӣ меистад, зарурияти ба нақшагирии курсҳо, барномаи таълимиро ба миён меорад, ки барои ташаккули сифатҳои муҳими касбӣ, аз ҷумла, маҳорат ва шакли рафтори иҷтимоӣ-касбӣ равона карда шавад.

Натиҷаи судманди омодасозии омӯзгори оянда дар истифодабарии технологияи бозӣ дар таҷрибаи фаъолияти касбӣ-педагогииояндаи худ бояд салоҳияти бозӣ бошад. Худи мафҳуми салоҳияти бозӣ дар худ, дар маҷмӯъ салоҳиятмандии касбӣ-педагогии омӯзгори ояндаро дар бар мегирад. Категорияи «салоҳиятмандии касбӣ-педагогӣ» дар охирҳои солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90 асри XX дар доираи таваҷҷуҳи педагогҳо қарор гирифт ва то ҳол ин зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ таваҷҷуҳи педагогҳо, психологҳо ва методистҳоро ба худ ҷалб намудааст. Акнун ба салоҳиятмандии касбии омӯзгор ва ташаккули он таваҷҷуҳи муҳаққиқон равона гардид.

Аз рӯйи таҳқиқот муайян мегардад, ки категорияи салоҳиятмандӣ дар худ маҷмӯи дониш, қобилият, таҷриба, маҳорату малака ва мустақилияти касбиро дар бар мегирад. Ин ҷо оид ба салоҳияти бозӣ, ки мақсади таҳқиқоти мо мебошад, сухан мекунем. Аммо барои муайян кардани моҳият ва хусусияти салоҳияти бозӣ мо каме таваҷҷуҳи худро ба салоҳиятмандии касбӣ равона месозем.

Салоҳиятмандии касбӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунин тавсиф мешавад:

- аз рӯйи мазмун (педагогӣ, психологӣ, риёзӣ ва ғайра);
- аз рӯйи шакл (равшан, ниҳоӣ);
- аз рӯйи зуҳур кардан (захиравӣ, воқеӣ);
- аз рӯйи характер ва динамика (стратегӣ, тактикӣ).

Салоҳиятмандӣ аз рӯйи муайянкунии педагогӣ ин таълими махсус, тавсифи шахсӣ мебошад, ки қодир аст дар пояи салоҳиятҳои муайяни вазифаҳои дарпешистодаро ҳал намояд. Салоҳият ин маҷмӯи дониш, иттилоот, маҳорат, тарзи фаъолият дар ягон соҳаи аниқ аз як тараф, аз тарафи дигар, маҷмӯи ваколат ва ҳуқуқ доштан мебошад. Салоҳиятмандии касбии омӯзгор ин вижагиҳои касбӣ-шахсии ӯ мебошад.

Салоҳиятмандии касбии омӯзгор ин нишондиҳандаи касбии ӯ дар фаъолияти педагогияш мебошад. Яъне мутахассис-педагоги салоҳиятманд шахсест, ки салоҳиятҳои муайян ба монанди дониш маҳорат, малака, усулҳои фаъолият, моделҳои рафтор, таҷрибаро дар худ дорад ва ин имкон медиҳад, ки фаъолияти самаранокро дар соҳаи таълиму тарбия амалӣ намояд.

Субъективияти салоҳиятмандии касбӣ-педагогӣ махсусияти хоси ин зуҳуротро муайян менамояд ва аз сифатҳои шахсии педагог вобаста мебошад. Таҳлили моҳияти салоҳиятмандии касбии педагогӣ ба мо имкон дод, ки салоҳияти бозиро таҳқиқ намоем.

Муҳаққиқон тасдиқ мекунанд, ки салоҳиятмандӣ ин роҳи дурусти ҳал кардани вазифаҳо мебошад ва мутахассиси салоҳиятманд дорои мавҷудияти тафаккури мантиқии махсус аст ва ин ба ӯ имкон медиҳад, ки ба таври интиқодӣ ба мазмун ва характери фаъолият муносибат намояд. Роҳи самараноки иҷрои амалро ҷустуҷӯ намояд, ҷаҳонбинии умумифарҳангӣ ва касбӣ дошта бошад. Яъне салоҳиятмандӣ ин дониши ҳаматарафа, усули фаъол ва тафаккури интиқодӣ мебошад.

Аз рӯи ақидаи муҳаққиқон Е.В.Попов, Н.Е.Костилов салоҳиятмандии касбии педагогӣ маҷмӯи сифатҳои касбӣ, муоширатии омӯзгор мебошад, ки ба ӯ имкон медихад дар раванди таълими хонандагон ба натиҷаи назаррас ноил гардад.

Бархе муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки сохтори салоҳиятмандии касбии педагогӣ ин алоқамандии иттилоотӣ раванди технологиро дар бар мегирад.

Хусусияти иттилоотӣ дар худ маҷмӯи донишҳои ба фанни таълимӣ, умумипедагогӣ, психологӣ, физиологӣ алоқамандро дар бар мегирад.

Хусусияти равандпокӣ дар худ маҷмӯи маҳорат ва малакаҳои барои амалисозии фаъолияти педагогӣ заруриро дар бар мегирад.

Хусусияти технологӣ ин истифодаи раванди муфиди таълим ва истифодаи технологияи зарурӣ мебошад.

Таҳлили адабиёти зарурӣ ба мо имкон дод, ки салоҳиятҳои бозиро дар раванди таълим муайян намоем. Салоҳиятмандии касбӣ ин сифатҳои шахсии омӯзгор мебошад, ки дар худ салоҳиятҳои маърифатӣ, амалиётӣ-

фаъолиятӣ, эҳсосотӣ ва арзиширо дар бар мегирад. Ҳамаи ҷузъиёти номбаршуда ба ҳам алоқаманд буда, дар раванди таълим ва истифодаи технологияи бозӣ аз тарафи омӯзгор муҳиманд. Муносибати босалоҳият ба бозӣ хоси омӯзгор буда, нишон медиҳад, ки ӯ қодир аст дар раванди таълим ва тарбия технологии бозиро самаранок истифода намояд. Дар ташаккули салоҳияти бозӣ накши муҳимро ҷузъиёти маърифатӣ ишғол менамояд. Ин маҷмӯи донишҳои донишҷӯ дар бораи бозӣ ҳамчун фаъолият, дарки вижагиҳои умумӣ ва махсуси фаъолияти бозӣ, фаҳмидани назарияҳои гуногуни пайдоиши бозӣ, махсусияти бозиҳои дидактикӣ ва шаклҳои дигари бозиҳо, доштани таҷрибаи шахсӣ дар истифодаи бозии расмии нақшофарӣ дар дарсҳои фанҳои педагогӣ-психологӣ ҳамчун доштани таҷрибаи банақшагирӣ, гузаронидани технологияи бозӣ дар байни гурӯҳҳои донишҷӯён ва хонандагон дар таҷрибаи амалиро дар бар мегирад.

**Анататсия.** Мо, ба ақидаи он ки салоҳиятмандии касбӣ яке аз муҳимтарин тавсифи фаъолияти омӯзгор мебошад, розӣ ҳастем. Салоҳиятмандии касбии педагогӣ ин алоқамандии ягонаи омодасозии амалӣ ва назариявии омӯзгор мебошад. Он дар такя ба захираҳои донишҳои назариявӣ-амалии психологиву педагогии шахсии омӯзгори оянда ба самти амалисозии фаъолияти таълимӣ равона карда мешавад.

**Адабиёт**

1. Асташова Н.А. Учитель: проблема выбора и формирования ценностей. Воронеж: «Модекс», 2000. -227 с.
2.Берлянд, И.Е. Игра как феномен сознания [Текст] / И.Е. Берлянд – Кемерово: «АЛЕФ» Гуманитарный Центр, 2003 – 96 с.
3.Богомолова, Г.Н. Теоретико-методологические основы формирования профессиональной компетентности учителя [Текст] / Г.Н. Богомолова // Теория и практика образования: история и современность. – Липецк, 2001. – Вып. 7. – С. 37 – 49.
4.Геронимус Ю.В. Игра, модель, экономика. – М., Знание, 1989. -208 с.
5.Борзова, Л.П. Дидактические игры как одна из форм организации познавательной деятельности учащихся при изучении нового материала на уроках истории (на материале истории России XIX века) [Текст]: Автореф. дисс. … д.п.н./ Л.П. Борзова– М., 2000.
6.Борзенков, В.Л. Теоретико-методологические основания педагогической игротехники [Текст]: Дис. … кан. пед.наук / В.Л. Борзенков– Великий Новгород, 2001.

# МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ ЗАН ДАР ҶОМЕА

**Садирова Б.Ш.**
**Коллеҷи тиббии ДДТХ дар ноҳияи Данғара**

Дар бораи зан ва модар олимону шоирон ва нависандагон ҷилд-ҷилд китобҳо ва садҳо дафтар шеърҳо навиштаанд. Занро сутуни маънавии хонавода ва сарчашмаи тамоми хушиҳои зиндагӣ меноманд, ки комилан дуруст аст. Дар хонаводае, ки зан-модар нест, он ҷо хурсандӣ ва файзу баракат ҳам нест. Аз ҳама бузургии асосии зан - модар ҳамин аст, ки ӯ фарзанд ба дунё меоварад. То таваллуди фарзанд азоби зиёд мекашад, баъди таваллуд низ то ба камол расидани фарзанд доимо дар ташвиш аст. Яъне модар умри худро ба фарзандаш мебахшад.

Мавқеъ ва нақши зан дар ҷомеа пас аз мушкилоти ҷаҳонии экологӣ ва иқтисодии замони мо дар ҷои дуюм аст. Мо мушоҳида мекунем, ки раванди рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ чӣ гуна тағйироти ногузир дар нақшҳои марду зан дар ҷаҳони муосирро ба миён меорад, занон дар қабули қарорҳо бештар ҷалб мешаванд, ҳифзи ҳамаҷонибаи баробарии гендерӣ ва ривоҷ ёфтани он ба миллат ва иҷтимоӣ чихатхои маданй ба назар гирифта мешаванд. Шакли пештар вайроннашавандаи оила, ки дар он мард саробони он буд, шакли худро дигар мекунад. Зан барои баробарӣ дар оила, тақсимоти мутаносиби масъулият дар байни зану шавҳар кӯшиш мекунад. Вай бештар мустақил шуд, вай хоҳиш дошт, ки худро на танҳо дар оила, балки берун аз он, дар соҳаи касбӣ амалӣ кунад. Акнун зан мавқеъҳоро ишғол мекунад ки дар он пештар танхо мардонро дидан мумкин буд. Ба мисили меъморӣ, ронандагӣ, устои мошини сабукрав, хиштрезӣ ва ғайра. Онҳо бо малакаҳои муоширати худ ба қуллаҳои баланд мебароянд.

Баракати зан-модар аст,ки мақоми зан дар оила ва ҷомеъаи тоҷикон ҳамеша баланд буд ва баланд хоҳад монд,зеро иффату зебоӣ.фурутаниву маърифатнокӣ хоси зан буда.ба зиндагии мард ва аҳли хонадон таровату покизагӣ мебахшад.

Хушбахтона ба шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қадрдонии бевоситаи Пешвои миллат мақоми зан дар кишвари азизамон боз ҳам баландтар гардид ва зан-модар дар оилаи тоҷик накши ҳасосро касб кард.

Аз ҷумла ба тасвиб расидани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеъа». дар рушди ҷомеъа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти

сиёсиву иқтисодии мамлакат заминаи боэътимоди худро гузошт, зеро бунёди ҷомеаи солим ,пойдории оилаҳои ҷавон ва тарбияи фарзандони боақлу соҳибмаърифат аз зан-модар манша мегирад.

Дар Паёмҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақеи занон ҷойгоҳи хосса дорад. Зеро Сарвари давлат чун ҳамеша занонро нерӯи созандаи ҷомеа дониста, эътимоду боварии худро нисбат ба онҳо баён доштанд. Пешвои миллат азму ирода ва масъулиятшиносии занонро ҳамчун неруи бузурги ҷомеа арзёбӣ карда, дастур медоданд, ки онҳо бештар ба корҳои таълимӣ ва бонкдориву ҳунармандӣ ҷалб карда шаванд.

Дар партави ин ғамхориҳо модарон вазифа доранд,ки фарзандони некро ба дунё оварда онҳоро дар чаҳорчубаи ахлоқи инсонӣ тарбият кунанд ва худ намунаи ибрат барои фарзандон бошанд.Бо мақсади таъмини иштироки занон дар ҳаёти ҷамъияти ва идоракунии давлат фармони президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03,12,1999 бо №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» интишор гардид,ки барои таҳкими минбаъдаи қонунгузори ҷиҳати болоравии мавқеъи зан дар ҷомеъа ва дастгирии давлати оила такони ҷидди бахшид.

Дар тамоми зинаҳои сиёсати давлат ҳоло занҳоро дар қатори мардҳо мебинен,ки бисёр хуб аст.Зан-модар тарбиятгар тамоми насли наврас буда баҳри беҳдошти зиндагии аҳли башар мекушад макому манзалати зан дар ҷомеъаи имрӯза аввалин дараҷа аст гуем ҳам хато намекунем,зеро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мо оиди пешбурди кор нисбати духтарону занон пешравиро мебинем.Мақому мартабаи зан дар ҷомеа авлост ва он ба мо нишон медиҳад.ки чи гунна аз имтиёзҳои ҷойдошта самаранок истифода барем, яке аз ҷиҳатҳои хуби дастгири дар ин замина ҷудо намудани квотаҳои президенти мебошад. Дар ин замина метавон гуфт,ки зан-модар бо хоксориву меҳрубониаш марҳами дили дардмандон аст. Ин аст,ки модарону хоҳарони мо рисолати хешро дар ду соҳаи муҳими иҷтимои маориф ва тандурусти ҳамеша сарбаландона ба ҷо оварда сазовори ҳурмату эҳтироми баланди аҳли ҷомеъа мегарданд.

Дар ин замина модар нафарест,ки зиндагӣ мебахшад ва зиндагиро зинда нигоҳ медроад.

Шоир хело хуб фармудааст:

Зан ки бошад? Модар асту тоҷи меҳр андар сарат,
Модари манн, модари ту, модари олам зан аст.

Андешаҳои дар баёни зан-модар гуногун буда ,шахсиятест,ки шабу рӯз ба хотири роҳату осоиши тифлаш заҳмат мекашад ва намегузорад,ки фарзанди ӯ ранҷу озоре бинад.

Модар гаҳвораву оламро бо ҳам мепайвандад,рисолати пурзаҳмату парвариши наслҳоро ба душ кашида бо сиришту замини покаш барои ҳасти фарзанд,ободии хонадон ва осоиши ҷомеъа талош менамояд Имрӯз занон дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ фаъолият намуда,дар пешрафти диёри файзбори Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзандаи худро гузоштааст. Бошад, ки бонувони сарбаланди мо минбаъд ҳам дар амри созандагию бунёдкори тарбияи насли ҷавон ободию осудагии Ватани азиз саҳми муносибат дошта бошанд.

Салҳои охир, махсусан пас аз соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон,ба мустаҳкам гардидани оилаҳо,мақому мартабаи занон,духтарон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.Давлат баҳри беҳтар намудани шароити оилаҳо ҳифзи манфиятҳои онҳо модарон ғамхолрӣ менамояд.

Донистани қонун ва риояи он ба мустаҳкам гардидани оила ёрӣ мерасонад.

Дар бештари маврид занон ва духтарон аз нокифоя будани дониши ҳуқуқӣ то ҳол моҳияти қонунро дарк накардаанд.Кам нестанд оилаҳое,ки ба тарбия ва таълими фарзандони худ- махсусан, духтарон аҳмияти ҷидӣ медиҳанд.

Дар замони соҳиб истиқлолӣ ғамхории Пешвои миллат президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд,ки барои духтарон имтиёзи бештар дар самти таҳсил бо Квотаи Президентӣ ҳар сол духтарон аз минтақаҳои гуногун ба донишгоҳу донишкадаҳои олӣ,коллҷҳо низ дохил шуда,таҳсили худро идома медиҳанд.

Қайд намудан лозим аст,ки мақом ва мартабаи занон нақши онҳо дар ҷомеа хеле бузург аст. Дар Пайёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар боби мақоми занону бонувон сухан ронда шудааст (суханони ҷаноб 26.12.2021)

Тандурустонро набошад дарди реш,
Ӯ ба ҳамдарде нагӯяд дарди хуш .
Гуфтан аз занбӯр беҳосил бувад,
Бо яке дар умри худ нахӯрда хеш.
То туро ҳоле набошад ҳамчу мо,
Ҳоли мо башад туро афсона пеш.

Сузи ман бо дигаре нисбат накун,
Ӯ намак бар дасту ман бар узви реш!

Н.Ганҷавӣ

Мақсад аз овардани ин порчаи шеърии шоир дар он аст,ки кас дар умри худ амали некро анҷом диҳад,вале ба касе зарар нарасонад.Аз ин рӯ мо метавонем ин амалро дар самти роҳбарӣ, ҳамкорӣ намудан бо дигарон дар коргоҳ ё корхона муомилаи некбинона дошта бошем.Дар ҳар як корхона дар қатори мардон занон низ кору фаъолият менамоянд.Бараси аз ин фаъолият имтиёзҳо ба занон дода мешавад. Унсурулмаолии Кайковус дар "Қобуснома " чунин овардааст: Эй писар,чун зан хостӣ, ҳурмати худро накӯ дор. Агарчанд чиз азиз аст, аз зану фарзанд азизтар нест ва чизи худ аз зану фарзанд дареғ мадор.

Маълум мешавад, ки вазифаи зан дар ҷаҳони муосир пеш аз ҳама ба муваффақият дар кор, болоравии мансаб, истиқлолияти моддӣ ва танҳо баъд мақоми зану модар аст. Ҳамин тавр, ба истилоҳ арзёбии арзишҳо ба вуҷуд меояд, ки дар навбати худ боиси таҷдиди назар кардани маънои оила ва муносибатҳои никоҳӣ дар ҳаёти ҷинси заиф мегардад.

Ба далели он, ки нақши иҷтимоии зан дар ҷомеаи муосир дар даҳсолаҳои охир ба куллӣ дучор шудааст, табиист, ки мақоми намояндагони ҷинси заиф низ тағйир меёбад. Ҳамин тариқ, равоншиносони муосир одатан категорияҳои асосии занонро баррасӣ мекунанд: роҳбарон, мансабпарастон, соҳибхоназанон, соҳибони касбҳои ройгон. Занони роҳбар аз рӯи хислатҳои хислатҳо аз бисёр ҷиҳат ба мардон шабоҳат доранд: онҳо мақсаднок анд, ба қобилиятҳои худ боварӣ доранд ва ба кӯмаки касе такя накарда, ба ҳама чиз худашон ноил мешаванд. Худшиносӣ ҳадафи асосии касбомӯзонест, ки ҳамеша кор ва муваффақиятро дар касбашон дар ҷои аввал мегузоранд. Танҳо пас аз чунин натиҷаҳо онҳо метавонанд дар бораи ташкили оила ва ба нақша гирифтани фарзандон фикр кунанд. Мавқеи зан дар ҷомеаи муосир, ки нақши зани хонашинро интихоб кардааст, чун қоида,дониши гирифташуда ба ташаккули на танҳо сифатҳои касбӣ, балки ахлоқии хонандагон низ мусоидат мекунад.

Бисёре аз муҳаққиқон қайд мекунанд, ки дар раванди азхудкунии нақшҳои мувофиқе, ки дар ин ҷомеъа пазируфта шудаанд, мард мардона ва зан бонувон мешаванд. Бо вуҷуди ин, бовар кардан бемаънӣ мебуд, ки нақш як меъёри истисноии иҷтимоӣ аст, ки дар шуури шахс ҷойгир шудааст. Аз бисёр ҷиҳат, он инчунин бо ангезаҳои беҳушии рафтор, ки барои мардон ва занон гуногунанд, муайян карда мешавад.

**Анататсия**. Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи қадру эътибори зан-модар аҳамияти калон медиҳад. Занон баробари мардон дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ фаъолият мекунад. Ҳам дар Конститутсияи Тоҷикистон ва як силсила қонунҳо ҳуқуқу озодиҳои баробари занону мардон зикр шудааст. Ҳоло дар ҷумҳурӣ беш аз як миллион занону духтарон дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа кор мекунанд.

Адабиёт

1. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани мақоми зан
2. Маҷалаи бонувони Тоҷикистон (Фируза) Шамси Билол нақши зан дар ҷомеаи имрӯза.
3. Маърифати оиладорӣ.
4. Педагогикаи мактаб М.А Шукина ақидаҳои педагогӣ.

## НАҚШИ УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ БОЗӢ ДАР БЕДОР НАМУДАНИ ШАВҚУ ҲАВАСИ ДОНИШОМӮЗИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**Расулзода Ш.Ҷ.**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Усулҳои инноватсионии бозӣ яке аз шаклҳои беназири омӯзиш мебошад, ки ба омӯзгор имкон медиҳад, ки на танҳо кори хонандагон дар сатҳи эҷодӣ ва ҷустуҷӯӣ, балки қадамҳои ҳамарӯзаи омӯзиши фанҳоро ҷолиб ва шавқовар гардонад. Шавқовар будани олами шартии бозӣ фаъолияти якрангии аз ёд кардан, такрор кардан, муттаҳид кардан ё азхудкунии иттилоотро аз ҷиҳати эмотсионалӣ мусбат намуда, эмотсионалии амалии бозӣ бошад, тамоми равандҳо ва вазифаҳои равонии хонандаро фаъол месозад. Тарафи дигари мусбати бозӣ он аст, ки он ба истифодаи дониш дар шароити нав мусоидат мекунад, яъне маводи азхудкардаи хонандагон аз як навъ амалия, ба раванди таълими гуногунранг ва шавқу ҳавас мегузарад.

Асосгузорони принсипҳои педагогӣ Я.А.Коменский ва Джон Локк чунин гуфтаанд: «Одамизод табиатан бо принсипи биологӣ таваллуд мешавад, аммо инкишоф, ташаккули онҳо гуногун мебошад». Барои ҳамин, ҳар касе, ки бо тарбияи шахс сару кор дорад, бояд табиат ва қобилияти онро бо роҳи санҷиши фардӣ муфассал омӯзад. Қобилияти табиии шахс чӣ гуна аст? Чӣ тавр онро такмил додан мумкин аст? Бояд ба

чӣ ва ба кадом касбу корҳо қобилият доштани хонандаро омӯзгор ба инобат гирад.

Дар ин маврид муҳаққиқи барҷаста чунин гуфтааст: «Хонанда зарфе нест, ки пур карда шавад, балки шамъест, ки бояд фурӯзон карда шавад».

Яъне вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки дар ҳар як хонанда кунҷкобӣ ва ташнагии донишро бедор намуда, ҷустуҷӯ намудани технологияи инноватсионии таълиме мебошад, ки оташи ин шамъҳоро фурӯзон намояд.

Фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон ин фароҳам овардани чунин фазои таълим мебошад, ки дар он хонандагон дар якҷоягӣ бо омӯзгор фаъолона кор мекунанд, дар бораи раванди таълим бошуурона фикр мекунанд, дониш, ғояҳо, ҳиссиётҳои навро пайгирӣ мекунанд, тасдиқ мекунанд, рад мекунанд ва донишҳои худро дар бораи олами гирду атроф васеъ менамоянд.

Фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ, фаъолсозии диққат - ин вазифаи ҳар як омӯзгорест, ки ба дарс ворид мешавад. Ҳалли бомуваффақияти ин масъалаҳо бе ҷустуҷӯи усулҳои ташаккули таваҷҷӯҳи маърифатӣ ғайриимкон аст, зеро дарс бе онҳо метавонад дилгиркунанда ва бесамар гардад.

Чунон ки маълум аст, азхудкунии ҳар як мавод барои хонандагон душвор аст, агар онҳо ҳамчун шунавандаи ғайрифаъол баромад кунанд. Баръакс, бо кори мустақилона хонандагон як маводи таълимро бо шавқу ҳаваси зиёд вобаста ба қобилияташон аз худ мекунанд.

Аз ин рӯ, вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки омӯзиши маводи таълимиро дар синфхона тавре тартиб диҳад, ки аксари онро хонандагон мустақилона аз худ кунанд.

Дар ҳалли ин масъала истифодаи технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар раванди таълим ба таври кофӣ таъсир мерасонад.

Истифодаи технологияҳои фаъоли таълим дар дарсҳо: «Калимаҳои пошхӯрда» (хонандагон дар гурӯҳҳо аз калимаҳо ҷумлаҳо месозанд ва баъд ҳама матнро якҷоя «ҷамъ» мекунанд ва ба он сарлавҳа мегузоранд».

"Ҷараён" (ба ҳар як вариант варақи "қаиқӣ" дода мешавад, ки дар он ибора навишта шудааст, варақро мегузаронад, ҳар як хонанда қадами навбатии ҳалли онро дар он менависад.

"Муаммоҳо" - машқ барои мустаҳкам кардани дониши парвандаҳо - синф ба шаш гурӯҳ тақсим карда мешавад, ҳар як гурӯҳ дар бораи парвандаи худ хабар омода мекунад, тасвири ашё дар тахтаи синф

гузошта мешавад - инҳо калимаҳо ҳастанд ва тамоми синф бояд фикрҳои худро пешниҳод намояд.

«Дарахт шинонед», вақте ки ҳар як аъзои гурӯҳ дар шоха калимаи якрешаро менависад ва сипас гурӯҳҳо муқоиса мекунанд, ки дарахти кадоме зеботар аст.

«Хонандагони сифҳои ибтидоӣ бар зидди муаллим», масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Ҷисми инсон», «Паррандагони диёр» шумо метавонед викторина гузаронед, ҳангоми ҷамъбаст ҳар як хонанда аз муаллим камтар хол мегирад, аммо ҳама якҷоя, “бештар”! Ин фароҳам овардани вазъияти муваффақият барои ҳар як хонанда буда, ин ёдоварӣ аст, ки як шахс дар саҳро ҷанговар нест, балки онҳо якҷоя дорои қувваи бузурганд!

Техникаи методии «Майдонҳои ранга» дар он аст, ки он барои фароҳам овардани фазои бароҳати равонӣ дар синф кӯмак мекунад. Хонанда аз санҷиш наметарсад, зеро худи ӯ дараҷаи вазнинии онро муайян мекунад ва муайян кардани дараҷаи омодагии худро меомӯзад.

Ёддоштҳо бо рангҳои гуногун ишора карда мешаванд. Ҳамзамон, омӯзгор ба аломатҳои рангӣ ба хонандагон супориш медиҳад:

- Сурх - "Ҳама хатогиҳоро санҷида ислоҳ кунед";
- Зард - "ҳамаи хатогиҳоро қайд кунед, ман худам ислоҳ мекунам";
- Сабз - "шумораи хатогиҳоро муайян кунед, ман худам онро ёфта ислоҳ мекунам".

Қабулгоҳ "Кластер"

Системаи муосири таълим ба ташаккули тафаккури мустақили хонандагон нигаронида шудааст. Тафаккури интиқодӣ технологияи инноватсионии педагогие мебошад, ки рушди зеҳнии хонандагонро ҳавасманд мекунад. Кластер яке аз усулҳои он мебошад. Усули кластерро қариб дар ҳамаи дарсҳо, ҳангоми омузиши мавзуъҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Шакли кор ҳангоми истифодаи ин усул метавонад фардӣ, гурӯҳӣ ва коллективӣ бошад.

Усули "Синквейн" синквейн ба маънои "панҷ хати", ки бо як пирамида бо пайдарпайи муайян рост меояд. Қоидаҳои навиштани синквейн: Сатри аввал мавзӯъ дар як калима (исм) мебошад. Дар сатри дуюм тавсифи мавзуъ ба таври мухтасар (ду сифат) мебошад. Сатри сеюм тавсифи амал (се феъл) мебошад. Хатти панҷум, ботахаллус барои мавзӯъ (одатан исм). Синквейн метавонад дар ҳама гуна мавзӯъ, дар ҳама дарс истифода шавад. Он ба шумо имкон медиҳад, ки ақидаро мухтасар ва мукамал баён намуда, мавзӯъро мухтасар баён карда ва ҷамъбаст намоед.

Усули синквейнро метавон ҳамчун бозӣ ва ҳамчун вазифаи эҷодӣ истифода намуд. Ба воситаи он бачаҳо мухтасар баён кардани фикру ҳиссиёти худро ёд мегиранд.

Усули қуттии саволҳо

Масалан омӯзгор мегӯяд, ки пагоҳ кадом мавзӯъро меомӯзем ва хона супориш медиҳад, ки дар як варақ 1 савол нависад, ки хонанда дар ин мавзӯъ (яъне аз ин мавод чӣ омӯхтан мехоҳад) рӯзи дигар, пас аз гузаштани мавзуъ омӯзгор аз бачаҳо мепурсад, ки оё ба саволҳои тартибдодаашон ҷавоб гирифтаанд, агар не лутфан саволи худро хонед ва ҷустуҷӯ намуда ба он ҷавоб гардонед.

Усули "Дохилӣ ва берунӣ"

Мақсади қабул: имкони санҷиши донишҳои азхудкардаи хонандагон ва ташаккул додани саволҳо оид ба чизҳое, ки ба онҳо норавшан аст. Хонандагон ду доира ташкил мекунанд. Хонандагон рӯ ба рӯи якдигар истода, аз рӯи мавзӯи азбаршуда саволҳо медиҳанд. Хонандагон аз доираҳои берунӣ ҳаракат карда, ҷуфтҳои нав эҷод мекунанд. Ҳамин кор бо саволҳо давом меёбад.

Оғози дарс яке аз муҳимтарин лаҳзаҳои он аст. Оғози хуб андешидашуда, ғайриоддӣ, ғайрианъанавии дарс барои зуд ба мавзӯъ ҷалб намудани хонандагон ва дуруст ба роҳ мондани он мусоидат мекунад. Ғайриоддӣ будани супоришҳои аввали дарс боиси тааҷҷуб, шодӣ, лаззат, яъне он эҳсосоти мусбӣ мегардад, ки шавқу рағбати онҳоро на танҳо ба мавзӯи дарси омӯхташаванда, балки ба мавзӯъи умумӣ низ бедор мекунад.

Пас, оғоз кардани дарс то чӣ андоза ҷолиб аст?

Усули "Оғози ғайримуқаррарии дарс";

Иқтибос, шиор, ребус, муаммо ва бо мусиқии зебо оғоз намудан

Чистон - як "махфӣ", бозии аҷиб, рақобат барои заковат. Онҳо барои мушоҳидаи олами гирду атроф аҳамияти калон доранд, ба онҳо дарк кардани ҳаётро ба таври гуногун меомӯзонанд, ба беҳтар шудани нутқ ёрӣ расонда, диққат, хотира ва кунҷковиро инкишоф медиҳанд. Хонандагони сифҳои ибтидоӣ муаммоҳоро хуб медонанд ва онҳоро хеле дӯст медоранд, худашон метавонанд онҳоро созанд. Муаммоҳо дар марҳилаҳои гуногуни дарс истифода мешаванд: ҳангоми шиносоӣ бо калимаи нави луғат, ҳангоми навиштани имло, барои фаъол кардани диққат ва гузоштани саволи мушкил ва ғайра.

Шакли дӯстдоштаи фаъолияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ, бозӣ мебошад. Дар бозӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ нақшҳои бозиро

аз худ намуда, таҷрибаи иҷтимоии худро ғанӣ мегардонанд ва дар шароити ношинос мутобиқ шуданро ёд мегиранд.

Усулҳои истифодаи бозиҳо дар машғулиятҳои таълимии хонандагони сифи 2-юм:

1. Бозиҳои мизи корӣ
2. Бозиҳои дидактикӣ
3. Нақшофарӣ, эҷодкорӣ
4. Бозиҳои сайёҳӣ
5. Бозиҳои зеҳнӣ

Бозиҳои “Мизи корӣ” хаёлот, заковат ва мушоҳидаро инкишоф медиҳад. Хонандагони сифҳои ибтидоӣ зуд ва мантиқӣ фикр карданро ёд мегиранд. Истифодаи кроссвордҳо ҳам барои кори гурӯҳӣ ва ҳам барои инфиродӣ истифода намудан манфиати бештар меорад. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба бозиҳое, ки бо ёрии муаммоҳо рамзгузорӣ шудаанд, заковат, ҷустуҷӯро талаб мекунанд, шавқ доранд.

Бозии “Дидактикӣ” дар ташаккули қобилияту маҳорати ҳозирҷавобии хонандагон нақши калон мебозад. Яке аз ин “Бозии дидактикӣ” “бозии тӯб”мебошад. Хонандагони сифҳои ибтидоӣ воқеан “Бозиҳои тӯб”-ро ҳангоми омӯзиши ҳолатҳои ҷадвали зарб ва тақсим ё ҳангоми ҳисобкунии ақлӣ дӯст медоранд. Инчунин ин бозиро дар машғулиятҳои фанни забони модари ҳангоми луғатомӯзӣ истифода намудан, шавқу ҳаваси хонандагонро ба луғатомӯзӣ зиёд менамояд.

Нақшофарӣ, эҷодкорӣ.

Сюжет - нақшофарӣ, бозиҳои эҷодӣ омӯзиши махсус буда, тарҳрезии мураккабро талаб намекунад. Мо танҳо ҷузъиёти либосҳоро истифода мебарем. Хонандагон нақшҳои муайянро иҷро мекунанд, сенарияи муайянро бозӣ мекунанд. Дар ин бозӣ хонандагон мустақилона нақшро бозӣ намуда, нутқ, тафаккур ва қобилияту маҳораташон инкишоф меёбад.

“Бозиҳои сайёҳӣ” ба амиқ ва муттаҳидсозии маводи таълимӣ мусоидат мекунанд. Хонандагонро ба ҷустуҷӯ ва муайян намудани роҳҳои ҳаллӣ масъалаҳои пешниҳодгардида равона мекунад.

Ҳангоми истифодаи “Бозиҳои зеҳнӣ” фаъолияти боз ҳам бештари хонандагонро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба онҳо муаммохо ва чистонҳо дода мешавад. Пешгӯии муаммоҳои хонандагони хурдсолро метавон як раванди эҷодӣ ва худи муамморо ҳамчун вазифаи эҷодӣ арзёбӣ намуд. Бештари бозиҳо ба ташаккули тафаккур, зеҳн, нутқ ва фикррони

хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири мусбӣ расонида, шавқу ҳаваси донишомӯзии онҳоро инкишоф медиҳанд.

Дарси ғайристандартӣ дарсест, ки "як ҷаласаи омӯзишии ғайриоддӣ, ки сохтори ғайрианъанавӣ дорад". Дарсҳои ғайристандартӣ одатан омӯзиши мавзӯъро анҷом медиҳанд ё ба мавзӯи нав оғоз мекунанд.

Намудҳои дарсҳои ғайрианъанавӣ:

• Дарс - Сарфа
• Дарс — афсона
• Дарс — экскурсия
• Дарс - бозӣ
• Дарси ғайриодӣ
• Дарс-озмун
• Дарс-эҷодкорӣ

Барои рафъи хастагии хонандагон, метавонем аз усулҳои машқи дамгирӣ истифода намоем. Ҳатто тағироти кӯтоҳ дар ҳолати усулҳои машқи дамгирӣ барои рафъи хастагӣ ва фаъол кардани диққати хонандагони сифҳои ибтидоӣ кӯмак мекунад. Аз ин рӯ, кӯшишҳои муаллим барои ташаккул додани усулҳои умумӣ, инчунин ҷустуҷӯи роҳҳои умумии ҳалли вазифаҳои ба миён гузошташуда аксар вақт бефоида мемонанд, ки ин ба табиати шавқу рағбати мактаббачагон таъсир мерасонад, ки бештар ба он нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, натиҷаи он ба воситаи бозиҳои таълимӣ наздик кардани мақсади фаъолият барои хонанда заминаи муҳим, тақвияти шавқу рағбат мебошад. Зуд-зуд иваз шудани шавқ на танҳо ба таҳкими шавқу рағбат ба омӯзиш, балки ба раванди ташаккули шахсияти хонанда низ таъсири манфӣ расонида метавонад. Танҳо дар сурати аз худ кардани таҷрибаи фаъолияти маърифатӣ, ки аз ҷониби муаллим моҳирона роҳнамоӣ карда мешавад, тадриҷан азхудкунии усулҳои умумӣ ба амал меояд. ки барои ҳалли вазифаҳои мураккабтари таълим, ки шавқу ҳаваси хонандагонро бой мегардонанд, имконият медиҳанд.

**Адабиёт**


1. Сакович С.М. Технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои таълим дар таҳсилоти касбӣ. www.mai.ru/events/sfiro/articles
2. Черкасов М.Н. Усулҳои инноватсионии таълими хонандагон./ Маҷмӯаи «Инноватсияҳо дар илм»: маводи Конфронси XIV Байналмиллалии Муассисаи илмӣ-амалии (19 ноябри 2012). Новосибирск: Эд. «Сибак», 2012.

3.Шаяхметова А.А. Усулҳои инноватсионии таълими омӯзгори мактаби олӣ http://repository.enu.kz/.

## МАСЪАЛАИ ЗӮРОВАРИ ДАР ОИЛА ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗАИ ТАРАҚҚИЁТИ ҶОМЕА

**Шарифӣ Д.Д., Шомардова Ш.С.**

**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Яке аз мушкилоти ҷаҳони муосир ин масъалаи хушунат ё ба ибораи маълум – зӯроварӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи хушунат баъд аз соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди андешаи ҷомеашиносон карор гирифт. Дар даврони Шӯравӣ ин масъала мавриди баррасӣ қарор намегирифт ва «гӯё» он вуҷуд надошт. Ҳатто то нимаи аввали асри XX ин масъала дар Аврупо ва Шарқ бардошта нашуда буд. Танҳо аз ин давра сар карда масъалаи зулм ба зан премеди тадқиқоти баробарии гендерӣ қарор гирифт.

Зӯроварӣ – рафтори як ё чанд нафар одамон нисбати одами дигар, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандии ӯро поймол мекунанд, инчунин ӯро ба азоби рӯҳӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ гирифтор менамоянд. Чаҳор шакли зӯровариро ҷудо мекунанд:

Зӯроварии ҷисмонӣ – рафтор ё набудани рафтори аз ҷониби волидон ё калонсолони зоҳиршаванда, ки дар натиҷаи онҳо ҳолати ҷисмонӣ ё рӯҳии кӯдак вайрон мешавад ё таҳти хавфи вайроншавӣ қарор дорад. Инҳо – ҷазоҳои ҷсмонӣ, зарбаи даст, торсакӣ, тела додан, сӯзондан, буғӣ кардан, истифодаи калтак, ремен, ресмон, корд, тапонча ва монанди инҳо. Зӯроварии ҷисмонӣ – инчунин ҷалб кардани кӯдак ба истеъмоли нашъа, нӯшокии спиртӣ, пешниҳод кардани моддаҳои заҳролуди гарангкунанда (доруи хобе, ки духтур тавсия накардааст) ҳисоб мешаванд. Дар баъзе оилаҳо ба сифати чораҳои тартибот аз навъҳои гуногуни зӯроварии ҷисмонӣ, торсакизанӣ ба пушташ сар карда то ҷазо бо тасма, истифода мекунанд. Зӯроварии ҷисмонӣ қариб ҳамеша бо таҳқирҳои забонӣ ва осебҳои равонӣ сурат мегирад.

Зӯроварии ҷинсӣ (шаҳвонӣ) ё таҷовуз – истифодаи кӯдак (духтар ё писар) аз ҷониби калонсолон (шахси ношинос, бародар/хоҳар ё шахси салоҳиятдор дар тарбияи кӯдак, чун волид ё сарпараст) ё кӯдаки дигар барои қонеъ кардани талаботи шаҳвонии худ ё ба даст овардани фоида.

Зӯроварии психологӣ (равонӣ) – таъсири узви оила ё шахсони дигари калонсол ба психикаи кӯдак бо роҳи таҳқири забонӣ ё таҳдид, таъқиб, тарсонидан бо мақсади ташаккули нобоварии ҳиссӣ, қобил набудан ба ҳимояи худ дар кӯдак, расонидани зарар ба саломатии

равонии кӯдак. Зӯроварии психологӣ чунин тарзҳои зоҳиршавӣ дорад: истифодаи дашномҳо, додзанӣ, таҳқир, паст задан, ки ба худбаҳодиҳии кӯдак таъсири манфӣ мерасонанд; зоҳир кардани тундӣ аз ҷониби хешу таборон ва рафиқон ба кӯдак. Дар зӯроварии психологӣ зӯроварии гуфторӣ ва ҳиссиро ҷудо кардан мумкин аст. Зӯроварии гуфторӣ эрод гирифтан ба ҳар як рафтори кӯдак аст. Зӯроварии ҳиссӣ бе сухан дар рафтор, аз аломати симо, ҳолат, нигоҳ зоҳир мешавад.

Беэътиноӣ нисбати манфиатҳо ва талаботи кӯдак – набудани таъминоти зарурии талаботи кӯдак дар хӯрок, либос, манзил, тарбия, таълим, ёрии тиббӣ аз ҷониби волидон, сарпарастон ё шахсони дигар бо сабабҳои субъективию объективӣ аст. Намунаи маъмулии беэътиноӣ нисбати кӯдакон бе назорат гузоштани онҳо, ки боиси ҳодисаҳои гуногуни нохуш, заҳролудшавӣ, ҳодисаҳои барои ҳаёти кӯдак хавфнок аст.

Истилоҳи «зӯровари дар оила» маънои рафтори бераҳмонаи як нафар нисбати дигар нафаре, ки бо ӯ дар муносибати наздик қарор дорад, фаҳмида мешавад. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва умуман, дар адабиёти ҳуқуқӣ шаклҳои зерини амалҳои зӯроварандаро ҷудо мекунанд:

- ✓ Зӯроварии ҷисмонӣ;
- ✓ Зӯроварии психикӣ (эҳсосӣ);
- ✓ Зӯроварии шаҳвонӣ.

Ассотсиатсияи миллии кормандони иҷтимоии Иёлоти муттаҳидаи Амрико зӯровари дар оиларо ҳамчун зӯроварии эҳсосӣ ва ё зӯроварии шаҳвонии нисбати аъзоёни оила, дидаю дониста ва ё тасодуфан содиршударо муайян мекунад. Зери мафҳуми зӯроварии ҷисмонӣ амалҳои зерин дар назар дошта мешавад: куштор, лату кӯб, маҷбурӣ исқоти ҳамл кардан, куштани кӯдаки навзод, монеа шудан ба хӯрдани хӯрок, барои нагирифтани кӯмаки тиббӣ маҷбур сохтан, маҷбурсозӣ ва ё назорат бурдан дар масъалаи такрористеҳсолкунии насл. Дар зери мафҳуми зӯроварии психикӣ бошад, пеш аз ҳама, маҳдуд сохтан дар рафтор, таҳдид, никоҳи маҷбурӣ ва амсоли ин фаҳмида мешавад. Зӯроварии шаҳвонӣ гуфта чунин амалҳо дар назар дошта мешаванд: таҷовуз ба номус, инсест, ҳама гуна талоши шаҳвонӣ.

Объекти зӯроварии оилавӣ ҳамаи аъзоёни оила шуда метавонанд. Дар илми муосир се навъи бераҳмии оилавиро ҷудо мекунанд:

- ✓ Аз тарафи волидайн нисбати фарзандон;
- ✓ Аз тарафи як ҳамсар нисбати дигараш;
- ✓ Аз тарафи фарзандон ва ё наберагон нисбати пиронсолони оила.

Дар маҷмӯъ ҳар як навъи мушаххаси зӯровари мушкилоти алоҳидаи доро буда, хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Сабаб, шароит ва шаклҳои

зуҳуршавии зӯроварӣ, инчунин оқибатҳои амалҳои зӯроваранда вобаста ба объект ҷиҳатҳои хоси худро доранд, ки ҳангоми чораҷӯии офиятбахшӣ ва бартараф намудани зӯроварӣ дар оила онҳоро ба назар гирифтан зарур аст.

Зӯроварӣ дар оила як қатор ҳуқуқҳои инсонро вайрон мекунанд – аз он ҷумла ҳуқуқи ҳар як нафар барои ҳифзи баробар дар назди қонун ва ҳифз аз ҳуқуқвайронкуни аз рӯи аломатҳои ҷинсӣ, ҳуқуқи гирифтор нашудан ба муносибати бераҳмона, ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахлнопазирии ҷисмонӣ, ҳуқуқ ба меъёрҳои олии саломатии ҷисмонию психикӣ.

Ҳолатҳои зарурӣ барои ҳифзӣ ҳуқуқи аз зӯроварии оилавӣ дар ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ оварда шудаанд, мисли Декларатсияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи башар, Декларатсияи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсия оиди бартараф намудани ҳамаи шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон, Декларатсия оиди решакан кардани зӯроварӣ нисбати занон, Ковенсия оиди мукофонидани баробари занону мардон барои меҳнати арзиши якхеладошта, Конвенсия оиди нигоҳбонии модарон, Конвенсия оиди муносибатҳои баробар ва имкониятҳои баробари занон ва мардони фаъол ва ғайра.

Меъёрҳои байналхалқии ҳуқуқӣ дар қарорҳои амсоли судӣ (суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқӣ инсон ва дигар судҳои минтақавӣ), маърӯзаҳо оиди риояи ҳуқуқи инсон ва дигар ҳуҷҷатҳои СММ муқаррар гаштаанд. Истифодаи чунин ҳуҷҷатҳо ҳатмӣ нест, аммо онҳо метавонанд барои эҷод намудани қонунҳо ва ё назорат намудани иҷроиши ҳуқуқи инсон дар сатҳи давлатӣ хизмат кунанд.

Зулму зӯроварӣ дар оила барои қисми зиёди аҳолӣ фоҷеа буда, устуворӣ ва бехатарии ҷомеаро халалдор месозад. Дар натиҷаи муносибатҳои носолим дар оила, одатан, зарари асосиро кӯдакон, пиронсолон, маъюбон ва заноне мебинанд, ки худро ҳифз карда наметавонанд.

Муайянсозии зулму зӯроварӣ дар оила ҳамчун проблеммаи иҷтимоӣ ин қадами аввалин барои ҳалли он аст. Аммо дар ин самт як қатор монеаҳо мавҷуданд, аз қабили: набудани базаи назариявӣ ва қоидаҳои аниқ, набудани маълумоти кофӣ дар бораи сабаб ва сатҳи истифодабарии қувва дар оила ва ғайра.

Ҳангоми таҳлил намудани зӯроварӣ дар оила душвориҳои зерин ҷой доранд:

Зӯроварӣ дар оила бо дараҷаи баланди ниҳонӣ будани худ фарқ мекунад. Сабаби ба вуҷуд омадани чунин ҳолат ин аз як тараф надоштани хоҳиш барои ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ арз кардан ва вобастагии иқтисодии зарардидагон мебошад, ки садди роҳи онҳо мешавад. Аз тарафи дигар

сабаби ниҳонӣ будани зӯроварӣ дар надоштани хоҳишу имконияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ барои таъмин намудани бехатарии ҷабрдидагон мебошад.

На дар собиқ Иттиҳоди шуравӣ ва на дар Тоҷикистони муосир омори расмӣ дар бораи зӯроварӣ дар оила набуду нест. Омор дар бораи ҷинояткорӣ дар шакли умумӣ мавҷуд буда, дар он шумораи ҷабрдидагон аз зӯроварӣ дар оила ба таври алоҳида нишон дода нашудааст.

Маълумоти асосиро дар бораи зулму зӯроварӣ дар оила, сабабҳо ва шароитҳои он, шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида аз тадқиқотҳои сотсиологӣ ба даст оварда метавонем.

Барои бо муваффақ бартараф кардани зӯроварӣ дар оила, натанҳо онро маълум сохтан, балки сабабҳои онро низ муайян кардан зарур аст. Зӯроварӣ дар оила зуҳуроти мураккаб буда, омӯзиши он бо мушкилиҳои зиёд пайваст аст:

- ✓ Муносибатҳои байни одамон як соҳаи махсуси душвори омӯхташаванда буда, ба танзим даровардани ҳаёти оилавӣ ҳамеша масъалаи душвор буд;
- ✓ Робитаҳои байни аъзоёни оиларо аз берун ба танзим даровардан мушкил аст;
- ✓ Зӯроварӣ дар оила якхела набуда, шаклҳои зиёди зуҳуршавӣ дорад.

Ҳама намуди зӯроварии ҷисмонӣ, психологӣ ва шаҳвонӣ, ки нисбати занон дар асоси нишонаҳои ҷинсӣ аз ҷониби шахс ва ё шахсоне, ки бо ҳам муносибатҳои наздики хешутаборӣ доранд, ҳисобида мешавад. Аз он ҷумла таҳқиру таҳдид, лату куби вазнини ҷисмонӣ, дуздӣ, тарсонидан, маҷбурсозӣ, таъқиб кардан, ба таври зурӣ ва ғайриқонуни ворид шудан ба манзил, нобуд сохтани моликият, таҷовуз ба номус дар оила, зӯроварӣ нисбати хизматгори хона, истисмори аъзоёни оила ва амалҳои ба ин монандро ҳамчун зӯроварӣ дар оила дидан зарур аст.

Дар муайян намудани зӯроварӣ одатан ду равиш мавҷуд аст: равиши маҳдуд ва равиши васеъ. Равиши маҳдуд зери мафҳуми зӯроварӣ танҳо истифодаи зӯроварии ҷисмониро дар назар дорад.Равиши васеъ бошад истифодаи ҳама намуди зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, яъне зӯроварӣ метавонад ҳам ҷисмонӣ бошад ва ҳам психикӣ.

**Зӯроварии ҷисмонӣ** – ин таъсиррасонии ғайриқонунии ба ҷамъият хатарнок мебошад, ки ба ҷисми дигар инсон бе ихтиёри ӯ расонида мешавад. Аз рӯи хислатҳои баёншавӣ ҳамчун расонидани зарба, захмдоркунӣ ва дигар намуди таъсиррасонӣ ба пусти инсон бо воситаи истифодаи қувваи ҷисмонӣ, яроқи оташнишон, яроқи сард, моеи кимиёвии ба инсон зарарнок ва ба ин монанд ва ё таъсир расонидан ба узвҳои дохилаи инсон мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо зӯроварӣ метавонад

ягон зарари назаррас нарасонад, аммо дар дигар ҳолат метавонад зарари ҷисмонӣ ва ҳатто ба марг барад. Ҳамин тавр, амалҳои зӯроваронаи ҷиноӣ аз ҳам бо ҳаҷми зарари ҷисмонии ба ҷабрдида расонида, фарқ мекунад.

**Зӯроварии психикӣ** – дар қонунгузорӣ ибораи «таҳдиди истифодаи зӯроварӣ»-ро бештар истифода мебаранд. Зери мафҳуми «таҳдиди истифодаи зӯроварӣ» тарсондани фард аз истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ нисбати ӯ фаҳмида мешавад. Ин воситаи таъсиррасонӣ ба психикаи инсон барои маҷбур сохтан ва итоат кардани ӯ ба иҷрои дархостҳои ҷиноӣ мебошад.

Ҷиноят бар зидди шахс – ин як гурӯҳ корнамоиҳои ба ҷамъият зараровар мебошанд, ки бар зиди ҳуқуқҳои асоситарини шаҳрвандон равона шудааст. Дар маҷмӯъ онҳоро ба шаш гурӯҳ ҷудо мекунанд:

- ✓ Ҷиноят бар зидди ҳаёт;
- ✓ Ҷиноят бар зидди саломатӣ;
- ✓ Ҷиноят бар зидди озодӣ ва нангу номус;
- ✓ Ҷиноят бар зидди дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ;
- ✓ Ҷиноят бар зидди ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд;
- ✓ Ҷиноят бар зидди оила ва ноболиғон.

Зӯроварӣ аз тарафи шахси наздик нисбат ба зӯроварӣ аз тарафи шахси бегона содиршуда ҳамавақт зарари бештари ҷисмонӣ ва рӯҳи меорад. Чунки аз тарафи шахси наздик мо ҳамеша дастгирӣ, якдигарфаҳмӣ ва ҳисси ҳамдилиро интизорем. Дар ҳолати содир шудани зӯроварӣ дар оила принсипи асосии он – бехатарии мавҷудияти ҳар як аъзои оила вайрон мешавад.

Кодекси ҷиноӣ ва Кодекси оила вазифаи ҷазодиҳиро иҷро мекунанд, онҳо на барои тарбияномоӣ, балки барои ҷазодиҳӣ равона шудаанд. Барои бартараф намудани зӯроварӣ дар оила танҳо як чораҳои ҷазодиҳӣ басанда набуда, кори ҷиддӣ дар соҳаи пешгирикунӣ ва тарбия гузаронидан зарур аст.

**Адабиёт:**


4. Если вам за 60... / Под рел. В.Д. Альперович. — Ростов-на-Допу, 1999.
5. Из опыта Канады/ США: экономика, политика, идеология. 1996.
6. Каримова М. Т., Муъминова Ф.М., Бохирова С.С. Ташкили кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2010.
7. Клименкова Т.А. – Насилие как основа културы патреархального типа // гендерный клейдоскоп. – 2006.
8. Муқаддимаи кори иҷтимоӣ/ Баҳромбеков В.А., Зеваров Х., Миров Ф., Шоинбеков Х., Худододов Х. Зери таҳрири дотсент Баҳромбеков В. – Душанбе, 2011.

9. Основы социальной работы: учебной пособие для студентов ВУЗов / Под ред. Н. Ф. Басова. – М.: Издательский центр «Академия», 2004.
10. Перестройка семьи, семья перестройке. – М., 1999.
11. Проблемы семьи и детства в современной России: Материалы научно-практической конференции: Ульяновск, декабрь 1991 г., ч. 2. - М., 1992.
12. Сангинов Д., Шонасриддинов Н. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010.
13. Усулҳои кори иҷтимоӣ дар хона (Гузориши конфренсияи илмию амалӣ, 18 феврали соли 2011, ш. Душанбе). – Душанбе: «Шуҷоиён», 2011.

**Фишурда.** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии зӯровари дар оила дар шароити имрӯзаи тараққиёти чомеа мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки Яке аз мушкилоти ҷаҳони муосир ин масъалаи хушунат ё ба ибораи дигар – зӯроварӣ ба ҳисоб меравад. Ҳама намуди зӯроварии ҷисмонӣ, психологӣ ва шаҳвонӣ, ки нисбати занон дар асоси нишонаҳои ҷинсӣ аз ҷониби шахс ва ё шахсоне, ки бо ҳам муносибатҳои наздики хешутаборӣ доранд, ҳисобида мешавад. Муаллиф мафҳумҳои «зӯровари»-ро муайян намуда, таснифоти гуногуни онҳоро баррасӣ намудааст. Дар Зулму зӯроварӣ дар оила барои қисми зиёди аҳолӣ фоҷеа буда, устуворӣ ва бехатарии ҷомеаро халалдор месозад. Дар натиҷаи муносибатҳои носолим дар оила, одатан, зарари асосиро кӯдакон, пиронсолон, маъюбон ва заноне мебинанд, ки худро ҳифз карда наметавонанд. Барои бартараф намудани зӯроварӣ дар оила танҳо як чораҳои ҷазодиҳӣ басанда набуда, кори ҷиддӣ дар соҳаи пешгирикунӣ ва тарбия гузаронидан зарур аст.

## НАҚШ ВА МАҚОМИ ЗАН ДАР ҶОМЕА

**Валиева М.Б.**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Таърих гувоҳ аст, ки мардуми тамаддунофару меҳнатқарини мо ба маърифатнокӣ, қавииродагӣ, сабру таҳаммулгароии зан-модар аҳмияти хоса дода, кӯшидааст, ки занон дар ҷомеа пешоҳанг ва воломақом бошанд. Зеро дар соли 1999 яке аз иқдомҳои наҷиб баҳри занони тоҷик ин ба имзо расидани Фармони Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, мебошад, ки ҳамчун санади тақдирсоз дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик сабт гашт. Мақом ва манзалати зан дар оинаи таърихи башарият бағоят бузург аст. Зеро ин офарандаи беҳамто, фariштаи заминӣ бо исми *“Модар”* бо як даст гаҳвора, бо дасти дигар дунёро такон медиҳад. Бале, иффату поктинатӣ, зебоӣ, меҳрубонӣ, фурӯтанию хоксорӣ, маърифату

донишварӣ хоси зан буда, ба аҳли башар, алалхусус, аҳли хонавода, марду фарзандон ҳусни зебогӣ, тароват ва ороставу покизагӣ мебахшад.

Илова бар, ин то имрӯз барои дастгирии занону бонувони тоҷик зиёда аз 20 санади муҳими дигар ба тасвиб расид, ки аз ҷумлаи онҳо метавон чунин қонун ва қарору барномаҳоро зикр намуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолати давлати баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" [4], Барномаи давлатии "Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд"; дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ва вазифаҳои хизмати давлатӣ, дар рушди соҳаҳои муҳим саҳми арзанда доранд. Маврид ба зикр аст, ки аз тарафи Пешвои миллат қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо, аз 1 марти соли 2005 таҳти № 89, намунаи олии чунин қадршиносию баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа мебошад. Бояд гуфт, ки санади мазкур дар навбати худ заминаи ҳуқуқиро баҳри қабули бо як чанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар фароҳам овард.

Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015 Нақшаи амали Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 тасдиқ гардид.

Дар соли 2015 Нақши чорабиниҳо бахшида ба ***Соли оила***, Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015 таҳти № 801 таҳия гашта, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Дар ин масир, то ба имрӯз боз даҳҳо дигар фармоишу қарорҳо, ки ба беҳдошти вазъи иҷтимои - иқтисодӣ, фарҳангию маънавии оилаҳо, баланд бардоштани мақоми занону бонувон дар ҷомеа, иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии давлат, тайёр намудани кадрҳои болаёқату донишманд аз ҳисоби бонувон ва ғайра равона гардидааст, таҳия ва ба тасвиб расонида шудааст. Аз ин рӯ, аз оғози таърих то имрӯз мардуми мо ба маърифатнок шавии зан аҳмияти хоса дода, кӯшидааст ки занон дар ҷомеа пешоҳанг бошанд. Дар зиндаги пешоҳанг будани зан ва маърифатнок буданаш имкон медиҳад, ки сатҳи маънавии оила баланд шуда, кӯдакон ва дигар аъзои оила маърифатнок тарбия ёбанд. Ин талабот асоси фарҳанги оила дориро ташкил медиҳад.

Чуноне, ки Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Э.Раҳмон дар яке аз суханрониҳояш соли 2009 таъкид намуданд: "Ободии давлат аз ободии ҳар хонадон ва ҳар оила сарчашма мегирад.."

ва иқтисоди муназзами кишвар ба сарфаю саришта кории буҷети ҳар як оила вобаста аст. Натиҷаи чунин ғамхориву дастгириҳои Пешвои миллат аст, ки ҳоло Тоҷикистон бино ба эътирофи коршинос аз лиҳози шумораи намояндагони бонувон дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ба шарофати истиқлолият имрӯзҳо зани тоҷик роҳбари кордон, генерал, сафири фавқуллода, донишманд, табиби ҳозиқ, соҳибкори муваффақ ва тарбиятгару омӯзгорӣ меҳрубон мебошад.

Таҳлили фаъолияти занон дар самтҳҳои гуногуни идоракунӣ нишон медиханд, ки имрӯз раванди рушди демократкунонии ҷомеа бечунучаро тақозо менамояд, ки чи дар идоракунӣ ва чи дар масъалаҳои дигар набояд ҷинсият асос барои маҳдудияти фаъолияти шахсиятҳо гардад. Дар баробари ин дар дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр гардидааст, ки дар қатори мардон мардонагиву шуҷоат ва қаҳрамонӣ нишон додаанд. Намунаи ин қаҳрамониҳоро дар фаъолияти Малика Томирис, қаҳрамониҳои Рухшона, чил духтари покдомани хатлонӣ ҷонфишониҳои Гурдофарид ва ватандӯстии дигар занону бонувони қаҳрамонро ёдовари карда метавонем. Маҳз ҳамин таҷрибаҳоро омухта дар бунёди ҷомеаи демократии Тоҷикистони соҳобистиқлол ба маърифати зан таваҷҷуҳи зиёд зоир карда мешавад. Ба ин хотир Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳо ва пайёмҳои ҳарсолаашон ба масъалаи баланд бардоштани мақеи зан дар ҷомеа диққати ҳамагонро ҷалб месозанд.

Хулоса, дар тули истиқлоли давлати саҳмгузориҳои оқилонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳрии Тоҷикистон маҳтарам Эмомоли Раҳмон ба ҳаёти занону бонувони тоҷик таъсири амиқи худро гузоштанд ва пеш аз ҳама ба шинохти чеҳраи сиёсии зани тоҷик мусоидат намуданд, зеро маҳз бо дастгириҳои ғамхоронаи ӯ занону бонувони Тоҷикистон тавонистанд собит созанд, ки дар баробари рисолати модарию ҳамсари инчунин рисолати роҳбариро низ метавонанд сарбаландона иҷро намоянд. Ин шинохти қудрати фитрии зани тоҷик имконият дод, то ҷомеа ҳам инро эътироф намояд. Пас талошу ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон, кулли мо–занону бонувонро водор менамояд, ки зери сиёсати созандаи ӯ муттаҳид шуда, тамоми кӯшиши хешро баҳри рушди мамлакат равона созем ва бо заҳмати софдилонаи худ дар ин масир ҳиссаи арзанда гӯзошта, баҳри бозҳам баланд бардоштани обурӯву нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзандаи худро гузорем. Ин боварии

Пешвои арҷманд, махсусан мо-занонро водор менамояд, то дар сафи пеш қарор дошта бошему дар ҷомеа боз ҳам фаъолтар гардида, барои кор бурдан дар байни занони хонашин ва тарбияи ҷавондухтарон бештару беҳтар камар бубандем. Дар шароити мураккаби ҳассоси ҷаҳони муосир, ҳифзи сулҳу ваҳдат бо хуни ҷигар ба даст омада ва меҳрос гузоштани он ба ояндагонамон вазифаи ҷонии ҳар як фарди кишвар мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. Душанбе, 21.12.2021.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. Душанбе, 21.12.2022.
3. Маҷаллаи Минбари Халқ. №48 (1394), 7.12.22, 6 саҳ.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Кафолати давлатӣ оиди "Баробарҳуқуқии марду зан", Душанбе, аз 1 марти соли 2005 таҳти № 89.



**Фишурда.** Мақолаи мазкур дар хусуси нақш ва мақоми зан дар ҷомеа баҳс намуда, заҳми занонро дар пешрафти ҷомеа ва умуман иқтисодиёти кишвар инъикос менамояд. Дар ин замина муаллиф саҳми арзандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар рушд ва мақоми зан дар ҷомеа дар мақолаи мазкур инъикос намудааст.


## ЗАН-МОДАР ҲАСТИИ ЗИНДАГӢ


**Одинаева З.А. Холиқулова Н.**

**Донишгоҳи давлатии Данғара**


Имрӯзҳо бонувони кишварамон баробари мардон номуси ватандориро ба дӯши худ гирифта, дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат ғайратмандона фаъолият доранд ва бо ташаббусҳоисозандаи худ Тоҷикистони маҳбубамонро боз ҳам ободу зебо гардонида истодаанд. Истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати таъмини мавқеи устувори зан- модар дар ҷомеа тамоми имкониятҳоро фароҳам овард ва занони қавиироdаву боҷасорати моро ба арсаи васеи сиёсат ворид намуд. Хурсандибахш аст, ки дар симои занон миллати тоҷик инсонҳои дорои фарҳанг ва ахлоқи воло, занони ҳалиму хоксор, хушодобу закӣ, бонувони зебову иззатманд, модарони мушфиқу ғамхор ва сиёсатмадорони мувваффақро мешиносад. Ҷойи ифтихору сарбалндист, ки занону бонувони иззатманди тоҷик имрӯзҳо миёни доираҳои гуногуни сиёсӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун сиёсатмадори варзида ва муваффақ маҳбубият пайдо намуданд. Дар ҳамин замина соли 2019 аввалин маротиба дар таърихи

Тоҷикистони соҳибистиқлол яке аз бонувони сиёсатмадори тоҷик Озода Раҳмон сафири созмони байналмилалии “Занони Сиёсатмадори Роҳбар” (Women Politicaal Leaders) дар Тоҷикистон таъйин гардид.

Бо дарки муҳимияти масъала аз солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ мушкилоти беҳбуди шароити кору зиндагии занон ҳаеша дар маркази таваҷҷуҳи Президент ва Ҳукумати кишвар қарор дошт. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназарошти воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва хусусиятҳои фарҳангиву суннатӣ тамоми имконияту шароитҳоро ба хотири дастгирии ин қишри осебпазири ҷомеа ва роҳандозӣ намудани сиёсати давлатӣ ҷиҳати беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоии занонро ба миён гузошт. Бо мақсади таъмини иштироки ҳарчи бештари занон дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва идоракунии давлат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонбо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Пешвои муаззами миллат то ба имрӯз чандин санадҳои меъёриву ҳуқуқиро қабул намуд, ки онҳо барои баланд бардоштани мақоми зан дар бунёди ҷомеаи демократӣ нақши муҳим мебозанд. Дар ин давра вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсиони занон ва баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа, ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти занон, инчунин, масъалаҳои вобаста ба сиёсати демографӣ, танзими расму анъана ва оинҳои мардумӣ як силсила асноди меъёрииҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” аз 1-уми марти соли 2005, №89; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан ҷомеа” аз 3-декабри соли 1999, №5; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи ба низом даровардани қабули духтарон ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”аз 19-апрели соли 2001, №199; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барномаи давлатии “Самтҳои асоси сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳоибаробари имардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2001-2010” аз 8-уми августи соли 2001, №391; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи нақшаи миллии тадбирҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар солҳои 1998-2005”аз моҳи сентябри соли 1998; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила”, “Консепсияи рушди оила”, “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2011-2020”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи барномаи давлатии “Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби - занону духтарони лаёқатмаед” барои солҳои 2017-2022; Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон " Дар бораи таъсиси грантҳои Президентӣ барои рушл соҳибкории хурду миёна, ба касбомӯзӣ ҷалб намудани занону духтарон баланд барлоштани маърифати ҳуқуқии онҳо ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ барои солҳои 2006-2010" аз 4-июли соли 2006, №307; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» аз 29 майи соли 2010; Қарори Ҳукумати мамлакат "Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020" қабул гардиданд. Дар воқеъ қабули ин санадҳои муҳим ва даҳҳо санадҳои дигар, ки ба беҳдошти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангиву маънавии хонаводаҳо, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии давлат, омода кардани кадрҳои боистеъдод аз ҳисоби духтарон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занон ва беҳтар намудани вазъи сиҳатии модару кӯдак равона карда шудааст, замина гузоштанд. Аз дигар тараф санадҳои меъёрии ҳуқуқи зикршуда барои амалӣ шудани ташаббусҳои шоистаи онҳо заминаи воқеӣ фароҳам меоранд.

Мо занону бонувони тоҷик аз он ифтихормандем, ки зимни аксарияти кулли суҳбату вохӯриҳои хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи боло бурдани мақоми зан дар ҷомеа, тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони болаёқат, инчунин, дастгирии ташаббусҳои занону бонувон дар самтҳои мухталифи ҷомеа ва ғамхорӣ нисбат ба оила ҳадафи дигари давлати мо мебошанд. Изҳори нигарони карда, ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои созгор ва арзандаи паҳлуҳои гуногуни кору фаъолияти занон таклифу пешниҳодҳои мушаххасу асоснокро ба миён мегузоранд. Ҳамасола ба муносибати таҷлили Рӯзи модарон дар маросими бошукуҳи расмӣ суханронӣ намудани Пешвои миллат гувоҳи равшани ин гуфтаҳост.

Яке аз арзишмандтарин ва бузургтарин хизматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибиистиқлолии давлатӣ дар самти дастгирии занон ин ҷудо намудани квотаи Президентӣ барои духтарони кӯҳистон дар макатбҳои олии кишвар ба ҳисоб меравад. Ин иқдоми наҷибонаи Роҳбари давлат барои боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ ва босавод гардонидани занон мусоидат намуд. Ҳоло дар кишвари мо имконият фароҳам оварда шудааст, ки занон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа баробари мардон бевосита фаъолият дошта бошанд. Имрӯз теъдоди ҳарчи бештари занон ба вазифаҳои

роҳбарикунандаи мақомоти марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ фаро гирифта мешаванд. Мо бо чунин занону бонувони матинnames миллат ифтихор мекунем ва ба садоқати онҳо ба Ватан аҳсан мехонем.

Мо, занону бонувон кишвар ҷавобан ба ғамхориҳои рӯзафзун ва бемисли Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадорем, ки бо дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ ва қарзи инсонӣ тамоми нерӯю ғайрат ва кушишу заҳмати хешро барои ҳифз, нигаҳдошт ва таҳкими дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва таъмини оянdaи дурахшони Ватани маҳбубамон равон намоем. Мо бо тамоми ҳастиамон талош хоҳем кард, то кохи истиқлоли давлати Тоҷикистон дар ҳама давру замонҳо пурҷилову муҳташам ва устувору бегазанд бошад.

Адабиёт


1. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани мақоми зан
2. Маҷалаи бонувони Тоҷикистон (Фируза) Шамси Билол нақши зан дар ҷомеаи имрӯза.
3. Педагогикаи мактаб М.А.Шукина ақидаҳои педагогӣ.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе: 02.08.2011, №762;
5. Барги сабз (намунаҳои ашори шоирҳои шинохта ва навқалами тоҷик). Муқадимаи Гулрухсор.-Душанбе! Адиб,1987. -256с.

## МУНДАРИҶА

**Пешгуфтор** ... 3

**Тағоева Х.Э., Тағозода С.Э., Саидов С.** Роҳ ва усулҳои беҳдошти истифодаи об дар ҷӯйҳо ва дарёчаҳои дар ҳудуди деҳот ҷойдошта ... 4

**Пирхонова Қ.** Марсияи зан ва хусусиятҳои он дар адабиёти форсии тоҷикӣ ... 8

**Ғафурова Д.Ҷ.** Чӣ бояд кард, ки дар тарбияи духтарон ба бумбаст рӯбарӯ нашавем? ... 10

**Усмониён Нозила.** Нақши инсондӯстӣ дар ашъори меҳринисо.. 13

**Шаробова М.Қ.** Бузургдошти зан-модар дар газалиёти Ашур Сафар ... 22

**Диловарзода Меҳрафрӯз.** Нақши пешвои миллат дар рушди иқтисодиёти миллӣ ... 26

**Гулзода Н.А.** Сабабҳои асосии даст задани ҷавонон ба ҷиноят.. 30

**Раҳмонова М.Р.** Президент Эмомалӣ Раҳмон воқеан Пешвои миллат - адолат ва воқеияти таърих ... 34

**Валиева Ф.Б., Зиёева Қ.Д.** ПАЁМ - Сарчашмаи рушди устувори зан дар ҷомеа ... 39

**Ғафурова З.Ҷ.** Нақши модар дар ҳаёти духтар ... 45

**Шарипова Р.Б.** Накш ва мақоми зан дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ доир ба болоравии сатҳи иқтисодиёти оилаҳо ... 49

**Садирова Ҷ.Ш.** Баланд бардоштани ҳуқуқи зан ва мақоми Ӯ дар ҷомеа ... 56

**Ғуломова Х.А.** Саҳми занон дар рушд ва пешрафти иқтисодиёти мамлакат ... 60

**Абдуллозода Х.Х.** Таҳкими сиёсати давлатии дар давраи “Солҳои рушди саноат” ... 62

**Садирова Ҷ.Ш.** Салоҳияти истифодаи бозиҳо дар таҳсилоти муосир дар омода намудани омӯзгорони оянда ... 69

**Садирова Б.Ш.** Мавқеъ ва нақши зан дар ҷомеа ... 73

**Расулзода Ш.Ҷ.** Нақши усулҳои инноватсионии бозӣ дар бедор намудани шавқу ҳаваси донишомӯзии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ... 77

**Шарифӣ Д.Д., Шомардова Ш.С.** Масъалаи зӯровари дар оила дар шароити имрӯзаи тараққиёти ҷомеа ... 83

**Валиева М.Б.** Нақш ва мақоми зан дар ҷомеа ... 88

**Одинаева З.А. Холиқулова Н.** Зан-модар ҳастии зиндагӣ ... 91

Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони **“Занон ва рушди илми муосир”** бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм. Данғара 10 феврали соли2023: – Душанбе, «Мулквар», 2023. – 88 с.

# Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «ЗАНОН ВА РУШДИ ИЛМИ МУОСИР» бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм 10-феврали соли 2023

Ба чоп __.03.2023 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x841/8. Коғази офсет. Чопи офсет.
Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 15,0.
Теъдоди нашр 50 нусха. Супориши No___.
ҶДММ «Мулквар»